ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (091) (63.3+83.3 Тоҷ.)



**САЛИМЗОДА МУҲАЙЁ АБДУСАЛИМ**

# АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР ДОИРАИ АДАБИИ БУХОРОИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Мисбоҳиддини Нарзиқул

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА........................................................................................................4-18**

**БОБИ I. ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО.........19-83**

1.1. Зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо....................................................19-35

1.2. Мероси адабии шоир..................................................................................35-83

1.2.1. Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX..........................................................................................................35-52

1.2.2. Доир ба теъдоди асарҳои манзуми Савдо..................................................53-63

1.2.3. Анвои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо..................................................63-78

1.2.3.1. Ғазал.......................................................................................................63-68

1.2.3.2. Маснавӣ ва қасида...................................................................................68-73

1.2.3.3. Қитъа ва рубоӣ.......................................................................................74-76

1.2.3.4. Дигар анвои шеърӣ..................................................................................76-78

1.2.4. Асарҳои мансури Савдо..........................................................................78-83

**БОБИ II. "БАЁЗ"-И АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО ВА АҲАММИЯТИ ОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ....................................84-116**

2.1. Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии "Баёз"-и Савдо................84-95

2.2. Сохт ва таркиби баёз..............................................................................95-107

2.3. Аҳаммияти "Баёз"-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ.........................107-116

**БОБИ III. МАЗМУН ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО............................................117-182**

3.1. Мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир...................................................117-141

3.1.1. Тараннуми ишқ дар ашъори Савдо....................................................119-124

3.1.2. Ҳаҷв ва мутоиба дар ашъори шоир....................................................124-130

3.1.3. Ҳасби ҳол дар ашъори Савдо............................................................131-135

3.1.4. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо..............135-141

3.2. Хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо....................................................141-182

3.2.1. Забон ва сабки баён.........................................................................142-148

3.2.2. Воситаҳои тасвири бадеӣ ва маҳорати шоирӣ....................................148-159
3.2.3. Вазн ва ихтиёроти шоирӣ..........................................................................159-173
3.2.4. Қофия ва радиф..........................................................................................173-182

**ХУЛОСА.....................................................................................................183-186**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..............................................................................................187-188**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...............................................................................189-202**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар таърихи адабиёти тоҷик нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX яке аз давраҳои бисёр муҳимми адабӣ ба шумор меравад. Дар ин марҳалаи таърихӣ дар партави руҳдоду дигаргунию тағйироти зиёд дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва бар асари таъсири омилҳои беруна, ки бештар ба тағйири ҳаёти иҷтимоӣ ва вазъи адабӣ дар хориҷ аз қаламрави Моварounнаҳри таърихӣ алоқаманд буд, инчунин, огоҳию дирояти адибони маъруфи он замон дар марказҳои адабии гуногун, аз ҷумла, доираи адабии Бухоро, ки намояндаи машҳури он Аҳмад Махдуми Дониш буд, дар ҳаёти адабӣ дигаргуниҳои сифатан нав ва кӯшиши ба вуҷуд овардани сабки ҷадиди адабӣ ба вуҷуд омад. Яке аз дигаргуниҳои сифатан нав дар нимаи дуюми асри XIX, чунонки муҳаққиқи варзидаи давраи мазкури адабиёти тоҷик Субҳон Амирқулов таъкид мекунад, зуҳури равияи нави адабие мебошад, ки бевосита, дар зери таъсири шахсият ва эҷодиёти Аҳмади Дониш ҷараён карда, “ҳамчун падидаи адабӣ ва зеҳни хосси тоҷикон зуҳур намуд ва дар қораи Осиё мушобеҳи типологӣ надорад” [Амирқулов 2010, с. 139].

Дар атрофи Аҳмади Дониш равшанфикрони зиёде ҷамъ омада ва аз андешаву осори ӯ таъсир пазируфтаанд, ки яке аз онҳо Абдулқодирхоҷаи Савдо мебошад. То ҷое зиндагии шахсӣ ва адабии ин ду адиби барҷаста миёни ҳам шабоҳатҳое низ дорад. Ҳардуи онҳо бо вуҷуди ба дарбор ва амир алоқаманд будан, ҳамеша дар андеша ва баъзан дар амал низ бо мафкураи ҳоким дар дарбор мухолифат меварзида ва ҷонибдорони равшангароӣ будаанд. Заминаҳои падидаи адабиёти маорифпарварӣ дар чунин шароити таърихӣ ва тағйири низоми фикрию ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд омада, дар таҳаввули андеша ва диди бадеии адибони тоҷик мусоидат кард.

Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдо (Бепул)-и Бухороӣ ҳамчун пайрави маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш ва яке аз шоирони хушзавқи нимаи дуюми асри XIX бо офаридани осори арзишманд ва тарғиби ғояҳои пешқадам дар рушди адабиёти давр саҳми сазовор гузоштааст. Ӯ асосан шоири

ғазалсарост, аммо дар таҳаввули навъҳои адабии дигар, ба мисли маснавӣ, қасида, қитъа, рубоӣ ва наср низ ҳиссагузор аст. Ба вуҷуд овардани зиндагиномаи илмии Савдо, муайян кардани мероси адабӣ, қимати адабии “Баёз”-и Савдо ва ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми ҳалталаб дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Омӯзиши зиндагинома, мероси адабӣ, вежагиҳои шахсият ва баъзе хусусиятҳои муҳимми ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо аз замони зиндагии ӯ оғоз гардида, то замони мо идома дорад. Ахбори мавҷуд дар тазкираҳо ва ишораҳои муҳаққиқони муосир баёнгари он аст, ки Савдо яке аз шоирони матраҳи замон буда, ҳамеша аҳли адабу таҳқиқ ба шахсияту эҷодиёти вай таваҷҷуҳ доштаанд. Ба сурати умумӣ, омӯзиши илмӣ ва таҳқиқи академии адабиёти асрҳои XVIII-XIX дар кишвари мо аз даҳаи 60-уми асри гузашта сар шудааст. Махсусан, доир ба ривоҷи адабиёт дар доираи адабии Бухоро, ки Савдо ба он марказ тааллуқ дорад, донишмандони тоҷик Р. Ҳодизода, У. Каримов, А. Абибов, Т. Неъматзода, С. Амирқулов корҳои илмии мондагор анҷом додаанд. Мо дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ҷудогонаи корамон аз асарҳо ва назариёти ин донишмандон истифода кардаем.

Нахустин муаллифи сарчашмаи адабии наздик ба замони зиндагии Абдулқодирхоҷаи Савдо таълифшуда, ки дар бораи ӯ дар асараш ахбор дарҷ кардааст, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ мебошад [Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 115-119; Возеҳи Бухороӣ 1977, с. 89-93]. Тазкираи Возеҳ “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб” унвон дошта, таълифаш соли 1871 ба поён расидааст [Неъматзода 1967, с. 68]. Баъд аз Возеҳ дар бораи шахсияти адабӣ ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX – “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдулазими Шаръӣ [Шаръӣ 2015, с. 36-42], “Тазкират-уш-шуаро”-и Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ [Бухороӣ 2021, с. 211-215; Ҳашмат 2729, с. 41-42], “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ [Абдӣ 10027, с. 120-129], “Тазкират-уш-шуарои муосир”-и Мирзоазими Сомӣ [Сомӣ 1001, с. 132-138], “Тазкори ашъор”-и Шарифҷон-махдуми Садри

Зиё [Садри Зиё 1380, с. 307-309], “Тазкираи Фаҳмӣ”-и Абдулмутталибхоҷаи Самарқандӣ [Фаҳмӣ 2025, с. 89-91] ахбор дарҷ шудааст.

Аз миёни тазкиранигорони замони Савдо, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ намуда, намунаи ашъорашро дарҷ карда, оид ба баъзе хусусиятҳои забон, сабк ва ҳунари шоирӣ мулоҳиза пешниҳод кардааст, Возеҳи Бухорой мебошад. Ахбори тазкиранигорони дигар аз қавли Возеҳ сарчашма мегиранд. Ба ахбори муаллифони тазкираҳо ва андешаҳои онҳо дар таҳқиқи масъалаҳои рӯзгору осори Савдо ва ҳунари шоирии ӯ таваҷҷуҳ мешавад.

Устод Садриддин Айнӣ дар боби “Син”-и тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” [Айнӣ 1385, с. 163-168] ва қисми сеюми “Ёддоштҳо”, дар фасли “Дар мадрасаи Бадалбек” [Айнӣ 2009, с. 332-333] дар бораи шахсият ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо ибрози назар намуда, дар ин замина ахбор ва маълумоти бисёр муҳиммеро дарҷ кардааст. Ахбори мавҷуд дар ин тазкира ва маълумоте, ки дар китоби “Ёддоштҳо” сабт шудааст, дар давраи навин аввалин баррасӣ дар атрофи шахсият ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо буда, аз ин ҷиҳат дорои арзиши бениҳоят муҳим ҳастанд. Дар адабиётшиносии тоҷик ва кишварҳои форсизабони Эрон ва Афғонистон андешаҳои устод Айнӣ дар бораи ин шоири тавонои асри XIX тоҷик нахустин марҷаъ ва манбаи илман асоснок ба ҳисоб меравнд.

Баъд аз понздаҳ соли тазкираи устод Айнӣ китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик” нашр мешавад, ки дар он оид ба Савдо ва ҳаёту фаъолияти адабии ӯ аз ҷониби Х. Мирзозода маълумоти мухтасаре пешниҳод гардидааст [Колектив 1940, с. 224]. Расул Ҳодизода дар хусуси сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти тоҷик дар асри XIX сухан ба миён оварда, дар хусуси сарчашмаҳои дастрасӣ ба ашъори Савдо низ маълумот додааст. Оид ба Савдо дар китобҳои дарсӣ ва баъзе асарҳои дигар низ маълумот дода шудааст, ки номгӯйи то соли 1958 нашршудаи онҳоро Г. Галимова дар муқаддимаи мунтахаботи шоир овардааст [Галимова 1957, с. 8-13]. Баъд аз санаи мазкур низ баъзе асарҳо чоп шудаанд, ки аз онҳо баъдтар ёд мекунем.

Дар омӯзиши илмии ҳаёту эҷодиёт ва ҷамъу тартиби ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо дар адабиётшиносии давраи шуравии тоҷик саҳми муҳаққиқ Гулсум Галимова бениҳоят калон аст. Бо кӯшиши ин муҳаққиқ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир ҷусторҳои муҳимми илмӣ ба роҳ монда шуда, мунтахаби ашъори Савдо дар охири даҳаи панҷоҳуми асри гузашта бори аввал ба хатти кириллии тоҷикӣ, дар зери таҳрири академик Абдулғанӣ Мирзоев чоп шуд [Савдо 1958]. Ба чопи "Мунтахабот"-и Савдо аз ҷониби муҳаққиқон Ҷ. Азизқулов бо номи "Дар бораи мунтахаботи Савдо" [Азизқулов 1959, с. 4] ва А. Ҳабибов таҳти унвони "Мулоҳизаҳо оид ба нашри мунтахаби ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо" [Ҳабибов 1960, с. 151-155] тақриз навишта шудаанд. Дар ин тақризҳо дар баробари эътироф ва арҷгузорӣ ба хидматҳои мураттиби ашъори Савдо – Г. Галимова ва арзиш қоил шудан дар амри "чоп ва дастраси хонандагон намудани эҷодиёти чунин як шоири озодфикр" [Ҳабибов 1960, с. 151] ба баъзе камбудиҳои ҷойдошта ишора шуда ва роҳҳои такмили ашъори шоир пешниҳод шудаанд, ки то имрӯз аҳаммияти илмию амалии худро аз даст надодаанд.

"Мунтахабот"-и Савдо сарсухани муфассале дорад, ки дар он атрофи чунин масъалаҳо сухан рафтааст: зиндагинома, эҷодиёт, мухтасари моҳияти ашъори шоир, таҳқиқоти мавҷуд дар бораи Савдо ва эҷодиёти ӯ, роҳҳои пайдо кардани ашъори шоир, тавсифи манбаъҳои гуногуни маҳфуз дар китобхонаҳои ҷаҳон, ки эҳтимоли мавҷудияти ашъори шоир дар онҳо тахмин мешавад. Масъалаҳои зикршуда то имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба матлабҳои мазкур ба ин сарсухан муроҷиат хоҳем кард.

Ба воситаи "Мунтахабот"-и Абдулқодирхоҷаи Савдо на танҳо хонандаи тоҷик, балки аҳли мутолиаи кишвари Эрон низ бо шахсияти Савдо ва намунаи ашъори ӯ шинос шуд. Маҷаллаи "Паёми навин" (чопи Теҳрон) бо унвони "Абдулқодирхоҷаи Савдо" бахше аз китоби мазкурро бо чунин пешгуфтори хурд чоп кардааст: "Ин мақоларо оқои Қосим Нурӣ аз китобе ба номи "Мунтахаботи Савдо", чопи Истолинобод (1959), аз интишороти шуъбаи

шарқшиносии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон иқтибос карда ва барои чоп дар маҷалла фиристодаанд. Китоби мазбур, ки як нусха аз он ҳам дар дасти мо мебошад, ба забон ва хатти форсӣ ба чоп расида ва илова бар муқаддимае, ки дар шарҳи ҳоли Савдо ба қалами Гулсум Олимуво нигошта шуда, намунае чанд аз осори манзуму насри шоирро ҳам дар бар дорад. Бо муроҷиа ба ин китоб намунаҳои бештаре аз осори манзуми шоир интихоб шуд, ки инак, ба назари хонандагони азиз мерасад" [Абдулқодирхоҷа 1337].

Ин муқаддима бори дигар аз аҳаммияти кори Г. Галимова дар муаррифии Савдо ва шеъри ӯ шаҳодат медиҳад.

Г. Галимова доир ба мавзуи Савдо ва эҷодиёти ӯ ду мақолаи дигаре ҳам навиштааст, ки қобили арҷгузории махсус ҳастанд. Барои мисол, ин муҳаққиқ дар мақолае бо номи "Черновая тетрадь Савдо" [Галимова 1957, с. 19-29], ки ба тоҷикӣ "Дафтари мусаввадаи Савдо" мешавад, дастнависи рақами 279 Институти шарқшиносии академияи фанҳои Ӯзбекистонро, ки мо аз он дар ин диссертатсия ҳамчун "Баёз" ёдовар мешавем, муфассал тавсиф кардааст, ки барои муайян кардани мероси адабии Савдо дорои аҳаммият аст. Ин дастнавис ғайр аз намунаи ашъори шоирони гуногуни асримиёнагӣ, шеърҳои Савдо ва дастнависҳои дигар намояндагони адабиёти асри XIX тоҷикро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, ашъори Возеҳ, Исо ва Сомӣ барин адибон дар он дарҷ шудаанд. Шеърҳои Савдо бештаринашон бо дастхатти худи шоир китобат шудаанд.

Мақолаи дигари Г. Галимова "Литературное наследие Савдо" ("Мероси адабии Савдо") ном дошта, дар он ба муаррифии мероси адабии шоир пардохта шудааст [Галимова 1957, с. 27-31]. Мақсади асосии муаллиф дар ин мақола аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъ овардани асарҳои шоир ва муайян кардани теъдоди онҳо мебошад. Муаллиф ҷустуҷӯҳои худро дар асоси манбаъҳои маҳфуз дар захираҳои дастнависи Шарқи китобхонаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон анҷом додааст. Ҳангоми баррасии масъалаҳои дар диссертатсия баррасишаванда боз ба мундариҷа ва муҳтавои корҳои анҷомдодаи Г. Галимова бармегардем.

Умуман, корҳои илмии Г. Галимова дар омӯзиши ҳаёту эҷодиёти Савдо ва муаррифии ашъори шоир дар шакли мунтахаб қимати илмию адабии худро то ҳанӯз нигоҳ доштаанд. Барои ворид шудан ба самтҳои нави ҷустуҷӯ ва раҳнамои асосӣ ҷиҳати дарёфти ашъори шоир, хусусан, ворид шудан ба сохтори шаклию муҳтавоии "Баёз"-и Савдо ин муҳаққиқ ба мо ҳаққи ҳидоятгарӣ дорад.

Баъд аз Г. Галимова танҳо як мақолаи илмӣ бо номи "Нововарӣ дар ғазал ва зикри вазъи замона дар эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо" дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ таълиф ва чоп шудааст, ки ба қалами З. Абдулазизова ва С. Саидов тааллуқ дорад [Абдулазизова 2015, с. 189-195]. Дар ин мақола бар мабнои ахбору маълумоти мавҷуд дар атрофи ҳаёт, эҷодиёт ва мавзуи ғазалиёти Савдо назари умумӣ мушоҳида мешавад. Мавзуи аслии дар сарлавҳаи мақола омада, яъне нововарӣ ва вазъи замона дар дохили матни мақола ба таври ҷудогона масъалагузорӣ нашуда, фақат баъзе ишораҳо ва бахшбандие дар хусуси "осори манзум ва мансури ҳаҷвия ва мутоибавии Савдо" ба назар мерасад [Абдулазизова 2015, с. 193].

Оид ба Савдо ва эҷодиёти ӯ дар китобҳои таърихи адабиёти И. С. Брагинский, Ян Рипка, асарҳои ҷудогонаи Сотим Улуғзода, Бобоҷон Ғафуров, Абдулғанӣ Мирзоев, В. Звягинцева ва дигарон [Брагинский 1972; Рипка 1970; Улуғзода 1946; Гафуров 1949; Мирзоев 1961; Звягинцева 1954] низ маълумот дода шудааст. Аз муаллифони китобҳои таърихи адабиёти тоҷик дар давраи нав Х. Асозода дар китоби "Таърихи адабиёти тоҷик"-и худ таҳти номи "Абдулқодирхоҷаи Савдои Бухороӣ" фасли ҷудогона бахшида, оид ба зиндагинома ва "роҷеъ ба осору қудрати шоирӣ"-и Савдо мухтасар ибрози назар намудааст [Асозода 2014, с. 23-25].

Баъзе муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев, Н. Сайфиев, А. Ҳабибов, С. Амирқулов, М. Мирзоюнус ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва баъзе асарҳои дигарашон оид ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замони Савдо ба таври умумӣ ва перомуни ҳаёт ва эҷодиёти

шоир ба таври ҷудогона ва фарогиртар дахл кардаанд [Ҳодизода 1968; Ҳодизода 1988; Ҳабибов 1960; Сайфиев 2009; Амирқулов 1977; Мирзоюнус 2023]. Дар ин миён Р. Ҳодизода дар китоби "Таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX" баҳси нисбатан муфассалу муназзаме дар хусуси махсусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX анҷом дода, боби чоруми ин асарро пурра ба Савдо ва хусусиятҳои бадеии назму насри ӯ бахшидааст [Ҳодизод 1968]. Баъзе андешаҳои Р. Ҳодизода, ки бо тақозои мафкураи замон дар ин китоб баён шудаанд, имрӯз куҳна шудаанд, вале ҳамоно китоб аз ҷумлаи муҳимтарин манбаъҳои илмӣ ба ҳисоб меравад.

Баъд аз устод Айнӣ муҳаққиқони тоҷик А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Г. Галимова, Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, Х. Асозода, С. Хӯҷақулов, М. Мирзоюнус ва дигарон зимни баррасии масъалаҳои гуногуни марбут ба адабиёти замони Савдо ва вазъи жанрҳои адабӣ ба баъзе масъалаҳои алоқаманд ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо низ дахл карда, мулоҳизаҳои арзишманди илмӣ баён кардаанд. Мо ба мулоҳизаҳои ин гурӯҳи муҳаққиқон ҳангоми баррасии масъалаҳои дахлдор ба баҳси диссертатсиямон ишора ва истифода хоҳем кард.

Муҳаққиқ С. Хӯҷақулов, ки устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад, таҳти унвони "Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX" рисолае таълиф кардааст [Хӯҷақулов 2021], ки объекти таҳқиқи он давраи зиндагии Савдоро низ дар бар мегирад. Дар ин асар аз жанрҳои лирикӣ фақат ба ғазалу маснавӣ ҳамчун жанрҳои меҳварӣ таваҷҷуҳ шуда, бештар ба масъалаҳои маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ пардохта шудааст. Монографияи М. А. Баровандӣ "Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX-ибтидои асри XX)" низ аз назари объекти таҳқиқ ба давраи мутолиоти мо тааллуқ дорад [Баровандӣ 2012].

Дар диссертатсияи номзадии М. С. Шовалиева, ки бо номи "История кулинарной культуры таджикского народа" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих таълиф шудааст [Шовалиева 2019], ҳангоми муаррифии анвои гуногуни хӯрданиҳо ва хӯрокҳо, амсоли самбусаи бачак, калла, палов ва

навъи кобулии он аз ашъори Савдо намунаҳо овардааст. Манбаи истифодакардаи муаллифи ин диссертатсия ҳамон “Мунтахабот”-и Савдо бошад ҳам, дар кори ӯ ин маҷмуа ҳамчун “Девон”-и Савдо ёд шудааст, ки иштибоҳ мебошад.

Дар масъалаи ҷамъоварӣ ва нашри шеърҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо, гузашта аз муаллифони тазкираҳо, муҳаққиқони ду асри охир низ саҳм гирифтанд. Аввалин иқдоми муҳимму натиҷабахш дар ин масъала, чунонки болотар ҳам таъкид шуда буд, аз ҷониби Г. Галимова сурат гирифт. Ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо, ғайр аз “Мунтахабот”-и омода ва нашркардаи Г. Галимова, ба тариқи намуна ва ёдоварӣ дар асарҳои дигар низ дучор мешавад. Аз ҷумла, бо кӯшиши Холиқ Мирзозода намунаи ғазалиёти шоир дар китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик” [Колектив 1940, с. 224-228], аз ҷониби Абдулғанӣ Мирзоев дар китоби “Адабиёт (ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва XIX-и тоҷик) [Мирзоев 1948, с. 146-149], китобҳои дарсӣ ва бархе дигар асарҳо омадааст, ки бо номгӯйи онҳо дар поварақии китоби “Мунтахабот”-и Савдо шинос шудан мумкин аст [Галимова 1958, с. 8-13]. Баъд аз китобҳое, ки дар “Мунтахабот” муаррифӣ шудаанд ва шеърҳои таркиби худи ин маҷмуа, дар нашри шеърҳои ҷудогонаи Савдо ва муаррифии онҳо ба доираи нисбатан васеи хонандагон муҳаққиқон С. Ҳалимов, Қ. Ҳисомов, Р. Аҳмадов [Савдо 1964, с. 74], кормандони рӯзномаи “Пионер” [Савдо 1957, с. 6] ва муаллифони китобҳои таърихи адабиёт, ки дар боло аз онҳо ёд шуд, саҳм гузоштаанд. Дар ҷилди 5-уми китоби “Гулшани адаб”, ки фарогири намунаҳои назми тоҷик (асрҳои XVIII-ибтидои асри XX) мебошад, 20 ғазал, 1 қасида, 7 намуна аз тарҷеъбанду таркиббанд, 1 намунаи маснавӣ (хурд), 4 рубоӣ ва қитъа, 6 намуна аз муфрадоти Савдо гулчин шудааст [Гулшани 1980, с. 200-219].

Чунонки аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷик, ки то ҳол паҳлуҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва эҷодиёти ӯ пурра омӯхта нашудааст, Абдулқодирхоҷаи Савдо мебошад. Савдо дар асри XIX зиндагӣ ва эҷод намуда, аз худ осори қобили диққат боқӣ гузоштааст. Ҳарчанд дар бораи ӯ ҳанӯз устод Айнӣ дар китоби “Намунаи адабиёти тоҷик”

маълумот дода буд ва дигар адабиётшиносон низ дар борааш мулоҳиза рондаанд, аммо ба таври куллӣ ва фарогир дар қолаби диссертатсия то ҳанӯз осори Савдоро касе наомӯхтааст. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба ҳаёту эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо дар адабиётшиносии тоҷик бо такя ба равишҳои ҷадиди пажуҳишӣ иқдоми саривақтӣ ва аз ҷиҳати назарию амалӣ арзишманд мебошад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил дода, дар асоси ин нақша марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Мавзуи асосии таҳқиқ дар диссертатсияи мо Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX аст. Мақсади пажуҳиш омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Савдо, бахусус, таҳқиқи ҳамаҷонибаи сохтор ва муҳтавои “Баёз”-и Савдо ва ба ин восита таъйини ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Ҳалли масъалаҳои зерини ба ҳам алоқаманд вазифаҳои асосии таҳқиқро ташкил медиҳанд:

- таҳқиқи ахбори муаллифони тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир оид ба зиндагиномаи илмии Абдулқодирхоҷаи Савдо;
- муайян намудани басомади зикри шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX ва дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ;
- баррасии сохтори жанрии ашъори Савдо ва табақабандии онҳо ба анвои адабии лирикӣ: ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеърӣ;
- омӯзиши асарҳои мансури Савдо аз назари сохтори жанрӣ ва муҳтавоӣ;

– таҳқиқи “Баёз”-и Савдо аз ҷиҳати хусусиятҳои нусхашиносӣ ва сохту таркиб;
– муайян кардани арзиши “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва зикри намояндагони доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро;
– баррасии ашъори Савдо аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа;
– таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо;
– таҳқиқи вежагиҳои асосии забон ва сабки баён дар ашъори шоир;
– баррасии воситаҳои асосии тасвири бадеӣ ва ҳунари шоирӣ;
– муайян кардани вазн, қофия ва радиф дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо.

**Объекти таҳқиқ**. Дар диссертатсия осори манзуму мансури адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик дар мисоли эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқро** тазкираҳо, баёзҳо, асарҳои адабию таърихии алоқаманд ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Абдулқодирхоҷаи Савдо ва шеъру насри ӯ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия аз андешаҳои назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони адабиётшинос ва эроншиноси ватанию хориҷӣ, ба монанди С. Айнӣ [Айнӣ 2010; Айнӣ 1385], А.М. Мирзоев [Мирзоев 1948; Мирзоев 1951], Х. Мирзозода [Мирзозода 1956; Мирзозода 1958; Мирзозода 1962;], Р. Ҳодизода [Ҳодизода 1988; Ҳодизода 1968], У. Каримов [Каримов 1974], А. Абибов [Ҳабибов 1960], Н. Сайфиев [Сайфиев 2009], Т. Неъматзода [Неъматзода 1967], Х. Шарифов [Шарифов 1991; Шарифов 1998; Шарифов 2002; Шарифов 2015], Р. Мусулмониён [Мусульманкулов 1989], С. Амирқулов [Амирқулов 1997; Амирқулов 2010], У. Тоиров [Тоиров 1991; Тоиров 1997; Тоиров 2024; Тоиров 2025], Х. Асозода [Асозода 2014], М. Солеҳов [Солеҳов 2023], М. Мирзоюнус [Мирзоюнус 2023], Б. Мақсудзода [Мақсудов 1994; Мақсудов 2022], М. Нарзиқул [Нарзиқул 1998; Нарзиқул 2006; Нарзиқул 2011; Нарзиқул 2019; Нарзиқул 2021; Нарзиқул 2024], М.З. Низомӣ [Низомӣ 2023],

И.С. Брагинский [Брагинский 1956; Брагинский 1972], М.М. Бахтин [Бахтин 1975; Бахтин 1979], А.Н. Веселовский [Веселовский 1989], С.Н. Зенкин [Зенкин 2000], Ю.М. Лотман [Лотман 1972; Лотман 1973], П.Н. Хонларӣ [Хонларӣ 1327], С. Нафисӣ [Нафисӣ 1344], А.Ҳ. Обидӣ [Обидӣ 1358], Ш. Кадканӣ [Кадканӣ 1366; Кадканӣ 1368; Кадканӣ 1389; Кадканӣ 2023], С. Шамисо [Шамисо 1378] ва дигарон ба таври васеъ истифода ва истинод шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ аз асарҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо, “Баёз”-и Савдо, ки таҳти рақами 279 дар китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ нигаҳдорӣ мешавад, “Баёз”-и Муҳаммадшарифи Бухороӣ мутахаллис ба Анбар – шоири ҳамзамони Савдо, “Баёз”-и рақами 2293 захираи дастнависҳои Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон, тазкираҳо ва асарҳои адабию таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода шудааст. Бо мақсади таҳияи нусхае аз “Баёз”-и рақами 279 мо ба ш. Тошканд сафари хидматии илмӣ анҷом додем ва ба мақсад расидем. Ҳоло ин нусха ҳам дар шакли электронӣ ва ҳам аксӣ дар дасти мо қарор дорад.

Манбаъҳои ёвар асарҳои илмӣ-таҳқиқие мебошанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ оид ба адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шуда, дар онҳо аз Абдулқодирхоҷаи Савдо ёд ва перомуни ҳаёту эҷодиёти ӯ ишораҳо ҷой доранд. Дар баррасии баъзе масъалаҳо аз асарҳои дигар низ истифода шудааст, ки номгӯйи пурраи ҳамаи манобеъ ва маохиз дар рӯйхатти адабиёт оварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсия нахустин таҳқиқи монографиро дар мавзуи “Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX” фарогир мебошад. Дар диссертатсия зиндагинома ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо, хусусиятҳои нусхашиносии “Баёз”-и Савдо ва арзиши адабии он ҳамчун сарчашмаи адабӣ, мазмун ва хусусиятҳои

бадеии ашъори шоир мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф “Баёз”-и Савдоро ба таври васеъ омӯхта, хулосаҳои илмии хешро манзури муҳаққиқон кардааст.

Дар диссертатсия бори нахуст ба таври мушаххас мазмуну мундарича, хусусиятҳои бадеӣ, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазн, ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо аз ҷиҳати забон, сабки баён, ҳунари шоирӣ ва маҳорати эҷодии ӯ таҳқиқ шудааст.

Масъалаҳои таҳқиқшаванда муҳимму зарурӣ буда, дорои арзиши илмӣ, назарӣ ва амалӣ мебошанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Сарфи назар аз мураккабиҳои авзои сиёсию таърихӣ дар асри XIX, адабиёти миллии тоҷикӣ рушд карда ва яке аз намояндагони барҷастаи он Абдулқодирхоҷа Савдои Бухороӣ мебошад. Вай суннатҳои роиҷи адабӣ-ҳунариро идома дода, ҳамчун адиби тозакору навовар низ дониста мешавад. Замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Савдо ба давраи рушди афкори равшангароӣ рост омада, аз назари таърихи таҳаввули фикрӣ яке аз марҳалаҳои тақдирсоз ба ҳисоб меравад. Зуҳуроти мазкур ба таълифоти Савдо таъсири амиқ расонидааст. Ин таъсирпазирӣ ба ҳадди тафаккурсозӣ ташаккул ёфта, каломи ҳунарии адибро ба маротиб афзун намудааст.

2. Аз мероси адабии манзуми Савдо 1335 байт ба мо маълум гардид, ки аз ин шумора 1304 байт (ва як мисраъ) ба забони форсӣ (тоҷикӣ), 30 байт (ва 1 мисраъ) ба забони ӯзбекӣ суруда шудааст. Аз назари қолаби шеърӣ ашъори манзуми тоҷикии шоир аз 59 ғазал (599 байт), 4 маснавӣ (325 байт), 3 қасида (97 байт), 18 қитъа (79 байт), 1 таркиббанд (72 байт), 3 тарҷеъбанд (65 байт), 2 мусаммати мухаммас (37 байт ва 1 мисраъ), 9 рубоӣ (18 байт), 12 фард (12 байт) иборат мебошад. Ашъори ба забони ӯзбекӣ сурудаи Савдо аз жанрҳои ғазал – 2 (7+4 байт), мухаммас – 1 (7 банд, 35 мисраъ – 17 байт ва 1 мисраъ), қитъа – 1 адад (2 байт) таркиб ёфтааст. Мероси адабии мансури Савдо, ки то имрӯз шинохта шудааст, аз як ҳикояти хурд ва асари “Музҳика” иборат аст.

“Музҳика” шаш ҳикояи хурдро дар бар мегирад. Қисми асосии мероси адабии Савдоро ғазал ташкил медиҳад. Шоир дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX, қабл аз ҳама, бо ҳамин жанри шеърӣ машҳур шудааст.

3. Осори манзуми Савдо, махсусан, лирикаи ишқии ӯ аз мавзуъҳои ишқу ошиқӣ, бемеҳрии маҳбуба, вафодории ошиқ, лаҳзаҳои талхи зиндагӣ ва гоҳе беқадрию хору зор будани аҳли илму дониш иборатанд. Дар ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ падидаҳои гуногуни замони зиндагии шоир ва баъзе намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа мазаммат шудаанд. Як бахши ашъори ҳаҷвии шоирро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки ба равияи ашъори атъимаи Абуисҳоқи Атъима суруда шудаанд. Оҳангҳои ҳасби ҳолу ғам ва мавзуъҳои иҷтимоӣ низ дар эҷодиёти Савдо аз ҷумлаи мазмунҳои ғолиб ҳастанд.

4. Савдо дар истифодаи воситаҳои асосии тасвири бадеӣ ва ҳунари шоирӣ дар қиёс ба дигар шоирони нимаи дуввуми асри XIX Бухоро пешқадам мебошад. Ӯ шоири навовар, хуштабъ, соҳибистеъдод, мушоҳидакор буда, идеали эстетикиаш иртифои маънавиёти ҷомеа ва баёни норизоӣ аз муҳити носолим аст. Ҳунари шоир ғолибан дар дарунмоясозии каломи ҳунарии манзум ба мушоҳида мерасад. Ӯ ба суханронии маҳзи ҳунарӣ гироиш надорад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Аҳаммияти назарии таҳқиқ бо он мушаххас мешавад, ки коркардҳои назарии матраҳгардида, мабоҳиси фарогирифта дар ҷузъҳои таркибии диссертатсия, усулҳои баррасии истифодашуда дар таҳқиқи масъалаҳо паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои дигари эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, асарҳои манзуму мансури адибони ҳамаҳди шоир, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вежагиҳои ҳунарии осори манзум ва масъалаҳои забон, сабк, диди бадеӣ, ҳунари шоирӣ густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба осори бадеӣ дар коргоҳи адабию маърифатии шоирони ҳамаҳди Савдо саҳми муносиб хоҳад гузошт. Равишҳои пажуҳишии истифодакардаи диссертантро дар дигар таҳқиқот истифода кардан мумкин аст.

Аҳаммияти **амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик ҳангоми пажуҳиши

масъалаҳои алоқаманд ба барқарорсозии зиндагиномаи илмии адибон, табақабандии жанрии шеърҳо, таҳқиқи хусусиятҳои нусхашиносии баёзҳо ва дигар осори хаттӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон арзиши муҳим доранд. Маводди фароҳамомада ва хулосаву пешниҳодҳои муаллифро дар вақти навиштани мақола, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, омӯзиши масъалаҳои марбут ба воситаҳои тасвири бадеӣ, ҳунари балоғӣ ва таъйини ҷойгоҳи адабии шоирони дигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Масъалаҳои асосию фаръии таҳқиқшаванда дар диссертатсия бо маслиҳату машварати устоди роҳнамо пешниҳод гардида, фарзияҳои таҳқиқ муайяну асоснок шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар хусуси зиндагинома, мероси адабӣ, анвои шеърӣ, мухтассоти “Баёз”-и Савдо, мазмун ва хусусиятҳои бадеии шеърҳои шоир ақидаи шахсӣ ва андешаҳои илмиашро асосноку мудаллал баён намудааст. Таълифоти муаллифи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои ба табъ расонидаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардиашро дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ муайян мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронси байналмилалии «Вазни аруз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров (Душанбе, 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми ҳифзу таҳқиқи мероси хаттии Тоҷикистон» бахшида ба 80-солагии

Сайиднуриддин Шаҳобуддинов (Душанбе, 2025) ва маҳфилу конфронсҳои донишгоҳӣ (2021-2025) маърузаҳо хондааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №4 аз 17.10.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», ки ҳамчун маҷаллаи тақризшаванда дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, чоп шуда, ки теъдодашон се адад аст. Ҳамчунин, доир ба мавзуи диссертатсия ду мақола дар маводди конфронс низ ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат мебошад. Баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 сафҳаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I
# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО

## 1.1. Зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо

Яке аз адибони тозакору нававари таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX Абдулқодирхоҷа Савдои Бухороӣ мебошад, ки дар баъзе сарчашмаҳо баромади иҷтимоии ӯро волонасабу олитабор қаламдод кардаанд. Падидаи мазкур ба эҷодиёти адиб, албатта, бетаъсир намондааст. Возеҳ шоирро аз хешовандони яке аз бузургтарин донишмандони асри XVII Мавлоно Шариф медонад, ки олими машҳур буда ва табъи шоирӣ доштааст [Возеҳи Бухороӣ 2020, с. 115]. Номи пурраи ин шахсияти адабӣ Мирмуҳаммад Шарифи Ҳусайнӣ ал-Сиддиқӣ буда, соли 1697 таваллуд ва соли 1698 даргузаштааст [Сайфиев 2009, с. 101]. Инчунин, гузаштагони Савдо – бобову аҷдоди ӯро аз силки қуззоту руасо ва муфтию соҳибмансабони воломақом мегӯянд. Дар ин бора дар мавридҳои зарурӣ баҳс ба миён хоҳем овард.

Барои барқарор кардани зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо равиши интихобкардаи Г. Галимоваро идома дода, маводди тозаи бадастомада бар мабнои дастовардҳои навини адабпажуҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Манбаъҳои мавриди истифода қароргирифтаро ба гурӯҳҳои зерин табақабандӣ кардан мумкин аст:

а) тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳои адабие, ки дар онҳо илова бар зикри намунаҳои ашъори Савдо оид ба аҳвол, руҳия ва баъзе паҳлуҳои эҷодиёти шоир сухан рафтааст;

б) ашъори худи Савдо, ки дар онҳо оид ба баъзе лаҳзаҳои ҳаёти шоир, вазъи иҷтимоии давр ва ҳолати руҳии ҳокимони замон ишоратҳо рафтааст;

в) маълумоти муҳаққиқони муосир, ки дар баррасиҳои куллӣ ва тахассусии ҷудогона дар қолаби китобу мақола баён шудаанд.

**Таваллуд, ному насаб ва баромади иҷтимоӣ**. Макони валодат ё зодгоҳи Абдулқодирхоҷа Савдо умулбилоди Мовароуннаҳр – Бухоро буда, дар ин бора

миёни муаллифони сарчашмаҳо ва аҳли таҳқиқ ихтилофи назар дида намешавад. Ҳам муаллифони сарчашмаҳо ва ҳам муҳаққиқон Савдоро бухороиюласл гуфта, валодат, камолот ва фаъолияти адибро ба ҳамин макон таааллуқ медонанд. Аз нуҳ муаллифи тазкира: Возеҳ, Шаръӣ, Ҳашмат, Абдӣ, Фаҳмӣ, Мирзо Азим, Садри Зиё танҳо ду нафар Афзал Махдуми Пирмастӣ ва Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам роҷеъ ба рӯзгору осори Савдо сухан накардаанд. Дар сарчашмаҳои дигар оид ба масоили мавриди назар (зодгоҳи Савдо) ихтилофи фикрӣ мушоҳида намешавад. Ҳамаи сарчашмаҳо, асосан, ба қобилият, ҳунари эҷод, мухтассоти эҷодӣ ишораҳои мухтасар карда, муносибати шоирро бо муҳити атроф, хосса бо мансабдорон, ҳамкасбон ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ зикр кардаанд. Бештар ба аҳволи иҷтимоии адиб рӯ оварда, аз шикваву мутоибаҳои шоир ёдовар шудаанд. Умуман, оид ба макони валодати Савдо ҳамфикрии сарчашманигорон ва аҳли таҳқиқ дида мешавад.

Номи Савдоро мувофиқи ахбори муаллифони тазкираҳо ва маълумоти муҳаққиқони муосир чунин муайян кардан мумкин аст: Мирзо Абдулқодирхоҷаи Ӯроқи мутахаллис ба “Савдо” ва “Бепул”. Абдулазими Шаръӣ бошад, қабл аз исми шоир калимаи “Мулло”-ро илова кардааст [Шаръӣ 2015, с. 36]. Шояд ин амр ба мақоми иҷтимоии Савдо низ тааллуқ дошта бошад. Дар асл худи шоир ҳеч вақт муллогӣ накардааст.

Санаи валодати Абдулқодирхоҷаи Савдо дар сарчашмаҳо возеҳ ишора нашудааст. Дар ин бора аҳли таҳқиқ саъю кӯшиш карда, санаи валодати шоирро аз рӯйи осораш равшан намудаанд. Аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, бо такя ба ишораи Садри Зиё санаи таваллуди Савдоро шохис месозад. Ба қавли устод Айнӣ, Садри Зиё дар тазкирааш хабар додааст, ки Савдо дар синни панҷоҳсолагӣ, дар соли 1290 ҳиҷрӣ, ба мақсади адои фармони амир ба Балҷувон сафар карда, дар оби дарёи Вахш ғарқ шудааст. Устод Айнӣ ҳамин нуктаро чунин шарҳ додааст: “Дар тазкираи Садри Зиё дар панҷоҳсолагӣ дар Балҷувон ба об ғарқ шуда, вафот карданаш мазкур аст” [Айнӣ 2010, с. 227].

Садри Зиё ба синну соли Абдулқодирхоҷаи Савдо ишора намуда, панҷоҳсола будани адибро (дар соли 1290 ҳ. / 1873 м.) таъкид мекунад. Агар аз 1873 панҷоҳ тарҳ карда шавад, 1823 боқӣ мемонад. Аз рӯйи ин тақсимбандӣ санаи валодати Савдо соли 1823 дониста мешавад. Яъне, аввалин шуда устод Айнӣ санаи фавқуззикрро саҳеҳ донистааст. Дар мулоҳизаи Р. Ҳодизода санаи таваллуди шоир каме тафовуте дорад: "Савдо дар Бухоро таваллуд шудааст. Соли таваллуди ӯро ҳеҷ яке аз соҳибони тазкираҳо нишон надодааст. Садри Зиё дар санаи 1290 ҳ. (1873) дар панҷоҳсолагӣ ҳалок шудани шоирро қайд кардааст. Аз ин ҷо соли таваллуди Савдоро санаи 1240 ҳиҷрӣ тахмин кардан мумкин аст, ки ба соли 1824-25 милодӣ мутобиқ аст. Агар ин сана саҳеҳ бошад, пас вафоти адиб на соли 1873, балки 1874 ё 1875 мешавад, ки саҳеҳ нест" [Ҳодизода 1968, с. 139].

Ҳамин тавр, аз рӯйи мулоҳизаҳои боло бояд таърихи таваллуди Савдо соли 1823 донистa шавад. Дар ин сурат ҳақиқати таърихӣ барқарор мешавад.

Дар хусуси волидайни Абдулқодирхоҷаи Савдо ва касби маоши хонадони онҳо дар сарчашмаҳо зикре нарафтааст. Муҳаққиқон дар ин бора ба ишора иктифо кардаанд. Чунончи, Ҷ. Азизқулов дар ин бора менависад: "Аслу насабаш (манзури муҳаққиқ Савдо аст – С. М.) ба мо маълум нест [Азизқулов 1960, с. 3]. Дар ин бора муаллифони китоби "Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX" ба тахмин сухан гуфта, падари Савдоро аз шахсони муътабари замонааш донистаанд: "Возеҳ дар тазкирааш Савдоро аз авлоди шоир ва олими намоёни асри XVII Мавлоно Шариф гуфтааст, аммо дар бораи падари ӯ худи шоир чизе нагуфтааст. Ба ҳар ҳол, аз ин гуфтаи Возеҳ ҳамин қадар тахмин кардан мумкин аст, ки падари Савдо низ аз шахсони фозили муътабари замони худ бояд бошад" [Ҳодизода 1988, с. 361-362].

Ҳамин тавр, муаллифони тазкираҳо аз авлодони адиб ёд кардаанду халос. Аз ҷумла, Возеҳ илова бар он ки шоирро аз авлоди донишманди маъруфи асри XVII Мавлоно Шарифи Ҳусайнӣ донистааст, бобову аҷдоди Савдоро ҳамчун қуззоту руасо ва муфтӣ ном мебарад [Возеҳи Бухороӣ 2020, с. 115]. Ҳамин

хабар дар баъзе тазкираҳои дигар таъкид мешавад. Аз ҷумлаи қуззоту руасо ва муфтӣ будани аҷдодони Савдо тахмини болоро тақвият мебахшад.

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар “Тазкират-уш-шуаро” роҷеъ ба аҷдоди Савдо баҳс ба миён оварда, менависад: “Насаби он хоҷаи рафеъ-ул-мартаба (манзур Савдо аст – С. М.) ба ҷаноби... ҳазрати Мавлоно Шариф Ҳусайнӣ... мунтаҳӣ мешудааст. Аҷдоди амҷоди ҷалил-ул-қадри эшон ҳамвора ба мансаби қуззот раёсати фохира мубоҳӣ ва хоҷаи мазкур дар зайли нудамои аршоёнӣ шоҳаншоҳи қадршинос мунсалику муаззаз мебуд” [Ҳашмат 2021, с. 211].

Аз ин қазоват бармеояд, ки волидайни Савдо шахсони волотабор будаанд. “Эҳтимол меравад, ки амирони минбаъда ҳам, – менависад Р. Ҳодизода, – ба ин авлоди олим ва хоҷагони асил ҳамеша эҳтироми бузурге доштаанд ва ба ҳукми анъана онҳоро ба ягон вазифаи маъмурӣ таъйин мекарданд” [Ҳодизода 1968, с. 140].

Ҳамин тавр, Абдулқодирхоҷаи Савдо соли 1823 дар Бухоро ба дунё омада, дар соли 1873 дар роҳи Балҷувон, дар синни 50-солагӣ дар дарёи Вахш ғарқ шудааст. Дар баъзе навиштаҳо таваллуди Савдоро ба сурати тақрибӣ миёни солҳои 1823-1825 навиштаанд [Абдулазизова 2015, с. 189], ки чандон саҳеҳ нест. Бояд дар оянда ба як санаи муайяни таваллуд ва вафоти шоир такя кард, ки ҳамон 1823 ва 1873 мебошад.

Мувофиқи маълумоти Возеҳ дар тазкираи “Туҳфат-ул-аҳбоб” ва Фаҳмӣ дар “Тазкираи Фаҳмӣ”, Савдо аз авлоди олими маъруфи асри XVII Мавлоно Муҳаммад Шарифи Ҳусайнӣ [Возеҳ 2020, с. 215; Фаҳмӣ 2025, с. 89] мебошад. Инчунин, Фаҳмӣ илова мекунад, ки обову аҷдоди Савдо “ҳамвора ба мансаби қазову раёсати фохираи Бухорои шариф муфтахар буда”-анд. Абдулғанӣ Мирзоев низ аз авлоди шоир ва мутафаккири мазкур будани Савдоро таъйид кардааст [Мирзоев 1954, с. 170-171].

**Устоди Савдо**. Аз як матне, ки ҳамчун сарлавҳа дар китоби “Таърихи раҳимхонӣ” (“Таърихи хонӣ”)-и Муҳаммадвафои Карминагӣ омадааст, маълум мешавад, ки устоди Абдулқодирхоҷаи Савдо дар касби илму дониш Наҷмиддин-махдуми Судур будааст. Матни мавриди назар чунин аст:

“Абдулқодирхоҷа мутахаллис ба Савдо ин марсияро ба реҳлати устоди худ – Наҷмиддин-махдуми Судур гуфта” [Карминагӣ 1213, с. 192]. Ба марги устоди худ марсия сароидани шоир ба эҳтироми адиб нисбат ба устоди илмаш далолат кунад, аз ҷониби дигар, аз муҳтавои он шеър бармеояд, ки Наҷмиддин-махдуми Судур шахсияти бузурги замони худ будааст. Ин марсия аз 72 байт иборат буда, фарогири сифатҳои неки инсонию олимӣ ва муқтадои ҳол мебошад. Аз ҷумла, дар банди сеюми он марҳум бо чунин тавсифҳо тамҷид шудааст, ки ишора ба мартабаи илму фазл мекунад:

“Яъне, ки он ягонаи офоқ дар камол,
Он подшоҳи олами маънӣ ба қолу ҳол,
Он Наҷми дину миллат, он бадри авҷи фазл,
Он офтоби бурҷи шараф, ахтари ҷалол.
Он олими фуҳул, ки бувад аввали уқул,
Дар назди раъйи соиби ӯ тифли хурдсол,
Он пешвои аҳли талаб, Маҳдии замон,
Он раҳнамои вақти худу муқтадои ҳол.
Он маъдани улум, ки Буқрот чун гадо
Аз фикраташ фарозаи маънӣ кунад суол.
Додӣ равон ба ҳуҷҷати қотеъ ҷимодро,
Нутқаш, ки нафси нотиқаро карда буд лол.
Майлаш ба хоксорию табъаш басе баланд,
Лутфаш ба бекаронию нутқаш ба эътидол.
Хуршеди зоти бобаракоти хуҷастааш
Аз давраи чарх рӯй ниҳодаст бар завол.
Дар рӯзгор ҳикмату дониш ғариб монд,
Он мард рафту модари фикрат ақим шуд” [Карминагӣ 1213, с. 127].

Устоди Савдо – Наҷмиддин Махдуми Судур соли 1864 вафот кардааст.

**Таҳсилот ва касби камол**. Дар хусуси даврони хурдсолӣ ва солҳои дар мадраса таҳсил кардани Савдо ахбори дақиқ мавҷуд нест. Аммо аз ишораи тазкиранигорон маълум мешавад, ки Абдулқодирхоҷа Савдо таҳсили

мадрасавиро дар Бухоро гирифтааст. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар "Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб" дар хусуси давраи таҳсили шоир чунин хабар медиҳад: "Хоҷаи мазкур шахсест дар авосити шабоб таҳсили улуми мутадовила намуда, баҳраи тамом аз он ёфта ва дар сояи саноеъ ва фунуни ғариба низ ниҳояти ҷидду ҷаҳд ва иҳтимом ба кор бурда, хусусан, дар фанни мусиқию адвору наққошӣ ва заргарию тарроҳӣ иштиҳор ҳосил карда, дар илми нуҷуму рамл қадами сайъ фишурда" [Возеҳи Бухороӣ 2020, с. 115].

Муаллифони китоби "Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX" қавли Возеҳро, ки "дар авосити давраи шабоб" мегӯяд, давраи 20-22-солагӣ муайян карда, чунин назар пешниҳод кардааст: "...дар миёнаи синни ҷавонӣ, ки ҳамоно ба 20-22-солагӣ рост меояд, мадрасаро хатм карда ва дар илмҳои расмии он замон дониши мукаммале доштааст" [Ҳодизода 1988, с. 362].

Мувофиқи қавли дигар тазкиранигорон, Абдулқодирхоҷа дар синни ҷавонии худ ба таҳсили улуми маъмул дар замонааш машғул шуда, дар андак замон машҳур ва ангуштнамои рӯзгор гаштааст. Аз ҷумла, Абдулмутталибхоҷа Фаҳмии Самарқандӣ дар тазкираи худ овардааст, ки Савдо "дар авосити шабоб таҳсили улуми мутадовила намуда, баҳраи тамом аз он ёфта ва дар соири саноеъ ва фунуни ғариба низ ниҳоят ҷидду эҳтимом ба кор бурда, хусусан, дар фанни мусиқию адвору наққошӣ ва заргарию тарроҳӣ иштиҳор ҳосил карда, дар илми нуҷуму рамал низ қадами  саъй фишурда, мааҳозо ба ҳусни хулқу ҳилм ва соири ахлоқи ҳамида муттасил ва аз тариқаи ҳасаду инод, ки лозими табиати ноқисфитратони комилнамои ин аҳд аст, бағоят муҷтаниб, табъи ваққодаш дар ҳалли мушкилоту муъзалоти азоими умур яди байзо менамояд" [Фаҳмӣ 2025, с. 89-90].

Аз қавли тазкиранигорони дигар бармеояд, ки Савдо баъд аз таҳсили ибтидоӣ таҳсилро дар мадраса идома дода, инчунин, ба худомӯзӣ ва аз бар кардани касбҳои замонааш мустақилона машғул шудааст. Таҳсилот, мутолиа ва худомӯзии Абдулқодирхоҷа асосан ба ду забон тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ сурат гирифта, ба илова забони ӯзбекиро хуб медонистааст. Ба ин забон шеър ҳам эҷод кардааст. Намунаи ашъораш ба забони ӯзбекӣ дастрас буда, дар фасли

баъдӣ дар ин хусус сухан меравад. Дар мадраса ва давраҳои худомӯзӣ шоир дар радифи илмҳои замонии маъмул дар мадраса, ба мисли фиқҳ, калом, тафсир, ҳикмати табиӣ, ҳикмати илоҳӣ, сарфу наҳви арабӣ, донишҳои марбут ба фанҳои табиию риёзӣ, нуҷум, адвор, улуми адабӣ, таъриху ҷуғрофия ва санъатҳои гуногуни нафисаро аз худ карда будааст.

Фарогирии улуми роиҷи замонро ҳам сарчашмаҳои замони Савдо ва ҳам муҳаққиқон тасдиқ мекунанд. Дар ин бора миёни муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқон мухолифати фикрӣ манзур намегардад. Аз тарафи дигар, Савдо аз улуми шаръӣ низ маълумоти комил доштааст, зеро аввал ин, ки ӯ таълимдидаи мадраса буда, аз тарафи дигар, муҳаққиқон низ дар ин бора ибрози ақида кардаанд. Чунончи, мураттиб ва муаллифи пешгуфтори “Мунтахабот”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо Г. Галимова дар ин бора чунин таъкид менамояд: “Абдулқодирхоҷа Савдо барои такмили дониши худ ба яке аз мадрасаҳои Бухоро ворид мешавад. Савдо дар натиҷаи қобилият ва меҳнатдӯстии худ дар солҳои таҳсили мадраса, дар баробари забони арабӣ ва илмҳои динӣ, монанди: фиқҳ, илми калом, тафсир, ҳикмати табиӣ, ҳикмати илоҳӣ ва ғайра аз мутахассисони онвақта илмҳои дунявӣ ва санъатҳои гуногуни нафисаро низ ба таври ҷиддӣ аз худ намудааст” [Галимова 1958, с. 10].

Муҳаққиқон Абдулқодирхоҷаи Савдоро донишманди мукаммали се забон – забони модарӣ, яъне забони тоҷикӣ ва забонҳои арабию ӯзбекӣ медонанд. Оид ба қобилияту истеъдоди Абдулқодирхоҷаи Савдо Қори Раҳматуллои Возеҳ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Садри Зиё бештар баҳсҳо ба миён овардаанд. Савдо, хосса, аз ҳунарҳои роиҷи замонаи хеш дар илми хат ва ҳунари хаттотӣ маҳорати бештар доштааст. Дар ин бора Мирсиддиқи Ҳашмат бештар аз дигарон таваққуф кардааст [Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 130].

Ба Савдо лақаби “Чилилма”-ро муносиб донистани ҳамзамонони шоир ва бо ифодаи “Савдои чилилма” муроҷиат кардани онҳо далели дигари табаҳҳури зиёди адиб аз донишҳои гуногуни роиҷ дар замонааш бармеояд.

Савдо ба мусиқӣ шавқи зиёд дошта, аз мусиқидонону овозхонони рӯзгораш ҷиҳатҳои назарии “Шашмақом”-ро аз бар кардааст. Бархе

тазкиранигорон ва баъзе муҳаққиқон дар ин бора ишораҳо доранд [Садри Зиё 1380, с. 307; Айнӣ 2010, с. 227; Сайфиев 2009, с. 102]. Дар навохтани танбӯр Савдо маҳорат дошта, ин созро хеле хуб менавохтааст. Дар “Тазкори ашъор”-и Садри Зиё илова бар шоири забардасту котиби чобукқалам муаррифӣ кардани шоир сифатҳои зерин илова шудаанд, ки ба маҷмуи ҳунарҳои Савдо далолат мекунад: “...заргари ҳунарвар, мусиқидону хунёгар, олиҳиммати хушмаош, лаввоҳу наққош, хушхӯю базлагӯй” [Садри Зиё 1380, с. 307].

Ҳамин тавр, аз касбҳои маъмул дар замонааш Савдо ҳунарҳои меъморӣ, тарроҳӣ, лаввоҳӣ, наққошӣ, заргариро омӯхта, барои таъмини мояҳтоҷи рӯзгораш аз ҳамин ҳунарҳо, махсусан аз касбҳои заргарӣ ва наққошӣ, истифода мекардааст.

Савдо хаттоти машҳур ҳам будааст. Аз қавли Садри Зиё дар “Тазкори ашъор” бармеояд, ки устоди ӯ дар хаттотӣ Бобобеки Иштабр, муосири амир Насруллоҳ мебошад. Гурӯҳе аз шогирдони Бобобеки мазкур, амсоли Абдурраҳими Таманно, Субҳонқулӣ, Умархоҷа, Мир Маъсуми Оламиён, Домулло Насриддинчаи чиҳилфазл, Мир Сироҷи Атолиқ, Абдулқодирхоҷаи Пишакбози (Савдо) Мулло Абдулқодир, Садриддин Махдуми Хуҷандӣ, Домулло Саъиди Калобоӣ хаттотони машҳури муосири Амир Музаффархон ва ҳар як “фариди даврону мумтози асри худ” будаанд [Садри Зиё 1380, с. 309].

Дар навбати худ, Савдо барои хаттотони дигар ҳаққи устодӣ доштааст. Аз ҷумла, дар идомаи ҳамон иқтибоси боло омадааст, ки Маҳдихон ном хаттоти машҳури ҳамон давр “аз шогирдони Абдулқодирхоҷа... буда, аз ҷумлаи хаттотони замони амир Музаффархон... қитъаҳои бисёр аз хаттотони мутақаддим ҷамъ намуда, тамоми умри худро ба хаттотӣ масраф сохта, ба аъло дараҷа расида” [Садри Зиё 1380, с. 309] будааст.

Н. Сайфиев дар забондонӣ низ қобилияти калон доштани Савдоро ёдовар шуда, аз тарафи ҳамзамонон ба лақаби “Савдои чиламала” мушарарф шудани шоирро чунин баён кардааст: “Ӯ (манзур Савдо – С. М.) ғайр аз забони модарии худ боз забонҳои арабӣ ва ӯзбекиро хуб медонистааст; ба забони ӯзбекӣ шеър ҳам гуфтааст. Азбаски Савдо дар тамоми соҳаҳои илму фан ва санъатҳои

гуногун истеъдоди баланд дошт, бинобар ин, ҳамасронаш ба ӯ лақаби “Савдои чиламала” дода будаанд” [Сайфиев 2009, с. 103].

Дар сарчашма ва таълифоти дигари муҳаққиқон, ғайр аз Н. Сайфиев, лақаби мазкур дучор нашуд.

**Зиндагӣ ва алоқамандӣ ба дарбор**. Зиндагии Абдулқодирхоҷаи Савдо дар тӯли умри начандон тӯлонии худ бо печухамҳои зиёде ҳамроҳ будааст. Аз назарии озодии шахсӣ ва тааллуқоти дарборӣ ҳаёти Савдоро ба ду марҳала ҷудо кардан мумкин аст:

1. Давраи касби камол, худомӯзӣ ва зиндагии озод.

2. Зиндагӣ дар дарбору такаллуфоти он.

Баъд аз хатми мадраса Савдо ба зиндагии мустақилона сар карда, зиндагиашро, асосан, аз ҳунари заргарӣ ва наққошӣ таъмин мекардааст.

Дар марҳалаи якуми ҳаёташ Савдо бетакаллуфу лоуболона умр ба сар бурда, бо мардум “унсу улфати хосса” доштааст. Ба ин маънӣ Абдулазими Шаръӣ дар тазкираи худ ишорат карда, дар бораи зиндагии Савдо ва бо мардум робитаи хуб доштанаш чунин менависад: “Агарчи бетакаллуфона ва лоуболона умр мегузаронд, лекин дар хайрхоҳии хоссу ом ва тавозуъ ва ҳусни хулқу тозарӯйӣ ва хушзабонию мудороти мардум ва садоқати дӯстону рафоқати ёрон ва дилҷӯии нофаи аном беназиру беҳамто ва якто буд. Аз ин ҷиҳат, маҳбубулқулубу маҳбубуссудур ва марҷаъи фузало ва манзури кубаро гардида, ба некӣ ва некномӣ машҳур ва ба камоли шарофату эътибори фазилат мазкур аст, ҳама “раҳмат бод” мегӯянд ва аз даргоҳи Илоҳӣ мағфираташ меҷӯянд ва мудомулҳаёт тариқи муҳаббаташро мепӯянд” [Шаръӣ 2015, с. 37].

Ҳамин сифатҳои Савдоро Садри Зиё низ ёд мекунад, то охири ҳаёташ идома доштааст. Аз рӯйи нақли муаллифи тазкира, Савдо бо вуҷуди дар рикоби амир будан вақт пайдо карда, ба маҳфили дӯстону дӯстдорони каломи бадеъ ташриф меовардааст.

Савдо то охири умр хоксорию хушхулқӣ ва ҳусни отифат бо мардумро риоя карда, ҳангоми дар Аморат будан мақоми ишғолкардаашро баҳри ҳимояи манфиати мардуми корафтодаю заҷрдида сарф мекардааст. Устод Айнӣ дар

“Ёддоштҳо” ҳамин паҳлуи рӯзгори Савдоро ҳамчун вазифадори амир тасвир карда, ҳимоятгари мардум будани шоирро тасдиқ мекунад. Устод Айнӣ нақли мазкурро аз қавли писари Савдо ҳикоят кардааст. Масъалаи ҳузури Савдо дар рикоби амирро дар Шаҳрисабз муҳаққиқони дигари муосир тасдиқ кардаанд.

Дар марҳалаи аввали зиндагӣ Савдо, пеш аз ҳама, ҳамчун шоир шинохта мешавад. Оҳиста-оҳиста фазлу камол ва истеъдоди ӯ такмил ёфта, дар Бухоро ва қаламрави атрофи он шуҳратманд мешавад. Ҳунар ва истеъдоди Савдо то ба дарбор расида, ӯро ба дарбор мекунанд. Аз ин ба баъд марҳалаи дуюми зиндагии шоир сар мешавад.

Ҳангоми ба дарбор даъват шудани Савдо мувофиқи хабари Мирзо Абдулазими Сомӣ, зимоми қудрат дар дасти Амир Насруллоҳ (1826-1860) будааст. Дар дарбор амир Насруллоҳ Савдоро ба вазифаи тарроҳию наққошӣ ба кор қабул мекунад.

Мирзо Абдулазими Сомӣ дар “Миръот-ул-хаёл” гуфтааст, ки Абдулқодирхоҷаи Савдо ҳанӯз дар замони Амир Насруллоҳ дар дарбори ӯ ба ҳайси меъмор фоъолият мекардааст. Дар ин хусус Мирзо Абдулазими Сомӣ чунин хабар медиҳад:

“Дар айёми султони волоҷаноб,
Амир Насруллоҳи Баҳодурхитоб.
Ба тарроҳиву нақш маъмур буд,
Зи инъоми атлоф масрур буд” [Сомӣ 2188, с. 140].

Баъд аз даргузашти Амир Насруллоҳ(1826-1860) ва ба сари қудрат омадани писари ӯ – Амир Музаффар (1860-1885), адиб ҳанӯз дар ибтидо тарроҳ-меъмор будааст. Баътар Амир Музаффар ба Савдо таваҷҷуҳи бештар дода, ӯро надими хоси хеш мегардонад ва пайваста Савдо муҳосиби амир будааст. Дар ин бора Садри Зиё чунин хабар медиҳад:

“Дар охир Музаффар шаҳи нуктадон,
Магар гашт воқиф зи ҳолоти он.
Зи абнои олам варо кард хос,
Ба иззи надимиш дод ихтисос” [Садри Зиё 1304, с. 132].

Қазовати фавқро писари худи Амир Музаффар – Мирсиддиқи Ҳашмат низ таъкид кардааст, ки басо муътамад ва муҳим аст. “Ҳашмат – писари Амир Музаффар, – менависад Расул Ҳодизода, – шахсе аст, ки борҳо дар суҳбати Савдо будааст, низ таъкид мекунад, ки ӯ аз надимони хосси амир буда, ҳеҷ маҷлису суҳбат бе ӯ намегузаштааст” [Ҳодизода 1958, с. 142].

Ҳашмат бо Савдо ва доираи адабии давр шиносоии наздик пайдо карда, амирзодаи адабиётдӯст ва шоир будааст. Ҳашмат дар фасли ба Абдулқодирхоҷаи Савдо ихтисосдодаи асараш оид ба мақому мартабаи адиб изҳори назар карда, муносибати тарафайни амиру адибро чунин баён кардааст:

“Савдо – тахаллуси муқарраб-ус-султон Абдулқодирхоҷаи Уроқ, насаби он рафеъулмартаба ба ҷаноби аълам-ул-уламо, устод-ул-фузало, қудват-ул-авлиё, ҳазрати Мавлоно Шариф Ҳусайнӣ, тоба сароҳу, мунтаҳӣ мешудааст..., ҳамеша ба маҷлиси шариф ташриф бурда, суҳбатҳои олӣ мураттаб мегашт. Ва дар ҳеч овон ба он ҷаноб беилтифотӣ ва фурӯгузошт аз он ҳазрат содир нашуд. Бинобар ин, дар татаббуъ ба Исҳоқӣ дар ғазале чунин оварда:

Ба ҳар ноқобиле сад қобилӣ бахшанд ҳар рӯзе,
Ба софиҳои дил бояд дуоҳо кард Султонро.

Аммо чунин муносибати дӯстонаи амир бо шоир шояд дар ибтидои дидорбиниҳо будааст, зеро тадриҷан адиб аз муҳити дарбору худи амир хеле шикваҳо дорад” [Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 211].

Р. Ҳодизода мушоҳидаҳои Мирсиддиқи Ҳашматро нисбат ба адиб дар он шохис менамояд, ки Ҳашмат дар овони ёздаҳсолагӣ ба Савдо вохурда, он вақт амиқравиҳои баҳодиҳиро ҳис шояд накарда бошад. Чунончи, Р. Ҳодизода менависад. “Савдо каси ниҳоят мулоимтабиат ва дар муомила ба муросову мудоро буд. Ҳашмат мегӯяд, ки Савдо ҳамеша амирро рӯйи хотир менамуд ва аз ӯ нисбатан ба амир кудурате пайдо набуд, бинобар, амир ҳам он касро хеле эҳтиром мекар. Ин, албатта, таассуротҳои кӯдакии Ҳашмат аст, зеро вай чи тавре ки дар тазкирааш навиштааст, бо Савдо дар дувоздаҳсолагиаш дар вақти сафари падараш ба Шаҳрисабз (Кеш) мулоқот карда будааст” [Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 211].

Ахбори тазкиранигорони дигар, аз ҷумла Фаҳмӣ, Садри Зиё ва дигарон низ ба дарбор наздикӣ доштани шоирро таъйид мекунанд. Ба қавли Фаҳмӣ, “рашаҳоти ақломи мушкбораш ҷонфизотар аз оби зулол ва нафаҳоти арқоми табъи гуҳарнисораш дилкушотар аз боди шамол аз мадади толеи баланду бахти арҷманд ба саодат ва мунодамату мулозамати даргоҳи ҷаҳонпаноҳи салотини замон ҳазрати зилли илоҳӣ мустаид аз ин мамар кулоҳгӯшаи фахру мубоҳот бар қуббаи Ҷавзо расонида...” [Фаҳмӣ 2025, с. 89-90].

Садри Зиё ҳузури барои амиру ҳамрикобонаш мунир, вале барои шахси худи шоир хастакунанда буданро дар муҳити дарбори Амир Музаффархон чунин тасвир кардааст: “Рӯзе чанде зурафо ба хидмати роқим буданд, табъозмоӣ мекарданд. Ман машғули коре будам. Аз он ҷумла, Абдулқодирхоҷаи мутахаллис ба “Савдо” буд, ки марди закитабъу хушмуҳовара ва хушхӯву бадеҳагӯй буд. Амир Музаффархон ба надимии хосси худ ихтисос дод. Аз он ҷо, ки пеш аз ин озоду мутлақулинон мезист, аз такаллуфоти дарбори амир чун булбул дар қафас асир, чун нахчир маҳбуси дилгир буд.

Ин бор, ки ташриффармои ҳузури ман гашт, аз Чаҳорбоғи Ширбадан аз рикоби амир омада буд. Табъаш шӯридаву димоғаш сӯхта, бад-ин алоқа ин рубоӣ гуфт:

Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,
Бисёр забуну нотавонам кардӣ.
Ман ошиқи ринди бенамозе будам,
Дар Ширбадан намозхонам кардӣ” [Садри Зиё 1380, с. 308].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки зиндагии Савдо дар хидмати амир бо дигаргунӣ рӯ ба рӯ будааст.

Дар баробари ҳунари шоирӣ сифатҳои дигари шахсии Савдо, ба мисли сухандонӣ, рамузфаҳмӣ, шеърдонӣ, шеърхонӣ, шеърфаҳмӣ, ҳозирҷавобӣ, бадеҳагӯӣ ба дарбор мерасад. Дар он замон, ки бар сари тахт Амир Насруллоҳ менишаст, ӯро ба дарбор даъват мекунад. Масъулияти асосии Савдо дар дарбор надимӣ буд. Надимон аз ҷумлаи касоне интихоб мешуданд, ки дорои баъзе

сифатҳои махсус буданд, амсоли завқи баланди шеърфаҳмӣ доштан, санъат ва ҳунари шеърхониро молик будан, ба таври мутоиба ва дар бадеҳа шеър гуфта тавонистан ва ғайра. Вазифаи аслиашон ҳузур дар маҷлисҳои меҳмондорӣ, базмҳо ва бо шеърхонӣ, мутоибагӯӣ, ҳозирҷавобӣ шод доштони хотири амиру меҳмононаш буд. Дилхушии амир дар ҷойи аввал қарор дошт.

Оид ба баъзе сифатҳои мазкур дар тазкираҳо сухан рафтааст. Барои мисол, Садри Зиё дар "Тазкори ашъор" як лаҳзаи ҳозирҷавобии Савдо ва дар бадеҳа шеър гуфтани ӯро дар ҳузури амир Музаффархон чунин тасвир кардааст: "Дар он айём, ки Савдо маҳфилорои маҷлиси амир Музаффархон буд, ин як мисраъ бе қасд ва аз ғайри ихтиёр бар забони амир ҷорӣ шуд, мисраъ ин аст:

Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту,

Савдо бадоҳатан гуфт:

Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуди адами ту?!

Амир писандиду такмил фармуд. Савдо ба қуввати баланди табъу ҷавдати зеҳн дар ин маҷлис бақияи онро иншод фармуд" [Садри Зиё 1380, с. 308].

Бақияи ин шеърро аз китоби "Намунаи адабиёти тоҷик"-и Садриддин Айнӣ дарёфтан мумкин аст. Аз матн бармеояд, ки Савдо ба он 10 байти дигар илова карда, ғазалро дар 11 байт такмил кардааст [Айнӣ 2010, с. 221]. Устод Айнӣ шеърро аз тазкираи Садри Зиё интихоб намудааст. Номи тазкираи Садри Зиё дар нақли устод Айнӣ зикр нашудааст. Дар "Тазкори ашъор" матни пурраи шеър оварда нашудааст. Пас, маълум мешавад, ки Садри Зиё дар тазкираи дигаре ғайр аз тазкираи мазкур дар бораи Савдо сухан карда, матни пурраи шеъри ӯро овардааст.

Аз гуфтаҳои фавқ бармеояд, ки шеъри мавриди назар дар тазмини як мисраъ аз гуфтаҳои амир Музаффархон ба тариқи бадеҳа эҷод шудааст. Ин маънӣ дар ду байти охири шеър чунин ифода ёфтааст:

"Тазмини яке мисраат афтода баҳона,

Савдо, ду-се мисраъ, ки чакид аз қалами ту.

Ин буд, ки дар матлаи ин қитъа навиштам:

“Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту” [Айнӣ 2010, с. 221].

Ҳамин тавр, дар замони ҳукумати амир Музаффархон (ҳукмрониаш: 1860-1885) низ Савдо ҳамчун надими хос дар дарбор қарор мегирад. Ин амир низ хушгузарониро идома дода, шоирро маҷбур мекардааст, ки дар ҳамаи маҷлисҳои ӯ ҳузур дошта бошад. Илова бар ин, дар замони ҳукумати ин амир шоир вазифаҳои муншигии мирзохонаи амирӣ ва меъмориро низ адо мекардааст. Мансаби уроқро низ ба Савдо ҳамин амир додааст.

Бо вуҷуди ба дарбор алоқаманд будан ва аксар дар рикоби амир ба сар бурдан, аз назари иҷтимоӣ шоир зиндагии чандон шоистае надоштааст. Ин маънӣ ҳам дар баъзе ашъори шоир, ҳам зимни ишораи тазкиранигорон ва дар тасреҳи муҳаққиқон равшан баён шудааст. Дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ омадааст, ки амир ба дарбориён моҳона намедод. Ягона сарчашмаи зиндагонии онҳо “хидматона”-е буд, ки ба ивази иҷрои ин ё он супориш ба даст меоварданд. “Хидматона”-ро устод Айнӣ даромади садақамонанди номуайян ҳисобида, таъкид кардааст, ки ин ҳолат на танҳо рӯзгори шоир, “ҳатто аспон ва саиси дар дарбор доштаашро ҳам сер намекардааст” [Айнӣ 2009, с. 330].

Ҳамин тавр, Абдулқодирхоҷа Савдо шояд то он лаҳза, ки овозаи дарборро аз дур мешунид, таманнои рӯ овардан ба дарборро дошт. Чун ба он макон омад, тадриҷан пай бурд, ки гумонаш комилан ботил будааст. Адиб бо чашмони худ дид, ки донишу ҷаҳонбинӣ, истеъдоду қобилияти эҷодӣ танҳо дар зоҳир барои ин тоифа мардум лозим асту халос! Воқеан, агар ба таърихи ҳузури шуарои дарборӣ дар адабиёти асримиёнагӣ таваҷҷуҳ карда шавад, метавон мушоҳида намуд, ки ҳатто “малик-уш-шуаро”-ҳо, ки умре дар он маконҳо зиндагӣ ва эҷод кардаанд, шодию нишоташон то интиҳои рӯзгорашон мутадовил набудааст. Ҳатто шикваи норизоӣ аз дарбор дар ашъори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ манзур мегардад. “Муҳити ногувори дарборӣ, – менависад муҳаққиқи рӯзгор ва ашъори Савдо Г. Галимова, – пай дар пай шоирро фишор медод. Зулму асорат, ришвахорӣ, мухолифот ва зиддиятҳо, майнӯшӣ ва фисқу фуҷури аҳли дарбор Савдоро ором намегузошт. Махсусан, тарзи зиндагӣ, завқи шахсии амир, хулқу ахлоқ ва кору кирдори табақаи болоии ҷамъияти онрӯза дар “Тарҷумаи ҳоли

амирони Бухорои шариф”-и Аҳмади Дониш равшан ифода ёфтааст, дар он вақт мавҷуд будани як манзараи хеле даҳшатнокеро ба назар муҷассам мегардонад” [Галимова 1958, с. 13].

Маълум мешавад, ки муҳити дарбор пурмоҷаро, пурихтилоф, пуртазод(д), пурфоҷеа ва ногувор бошад ҳам, шоир таҳаммул кардааст.

**Муносибати Савдо бо донишмандони замон**. Иртиботи Савдо бо ҳамзамонон, ба таври умумӣ, бо донишмандони рӯзгори худ ба таври хосса барқарор будааст. Савдо аз донишмандони замони худ, пеш аз ҳама, бо Аҳмади Дониш ошноию алоқа дошта ва онҳо дӯстони наздик буданд. Аҳмади Дониш дар таассуф аз марги Савдо сухан мекардааст [Улуғзода 1946, с. 83]. Дар атрофи Дониш донишмандони зиёде, ба монанди Мулло Кароматӣ Дилкаши Танбӯрӣ, шоир Музтариб, Зуфунун Қорӣ Абдулмаҷид, муаррих ва донишманди машҳури замон Мирзо Абдулазими Сомӣ ҷамъ омада буданд. Савдо бо ҳамаи онҳо ҳамчун шахсиятҳои огоҳ, ҳамфикр, ҳамақида, ва бомаърифат ҳамсуҳбат шуда, миёни ҳам робитаи хуб доштаанд. Сарфи назар аз маъмуриятҳои корӣ ва аксар дар паҳлуи амир қарор доштан шоир бо аҳли маърифати замон иртиботи доимӣ доштааст. Аз ҷумла, шоир бо Садри Зиё ва ба ин восита бо дӯстону шогирдони вай низ дар иртибот будааст.

Муносибати наздик ва то андозае ҳамфикру ҳамраъй будани Аҳмади Дониш, Возеҳ, Савдо, Шоҳин ва Ҳайратро, ки аз шахсиятҳои шинохта ва адибони маъруфи нимаи дуюми асри XIX ба ҳисоб меравaнд, муҳаққиқони таърихи адабиёти ин аҳд, ба монанди Р. Ҳодизода ва Н. Сайфиев таъйид кардаанд. Назари Н. Сайфиев дар ин бора чунин аст: “Савдо бо муҳити дигаре низ алоқамандӣ дошт (яъне, ғайр аз муҳити дарбор – С. М.), ки дар ин муҳит шоир шахсони ҳамфикру ҳамақидаи худро пайдо карда буд. Аҳли ин муҳит ашхосе буданд, ки онҳо дар атрофи Аҳмади Дониш ҷамъ омада, суҳбатҳои адабӣ мегузарониданд. Савдо ба воситаи ин бо намояндагони пешқадами зиёиёни тоҷик Мулло Кароматӣ Дилкаши Танбурӣ, Музтариб, Зуфунун, Сомӣ ва амсоли инҳо ҳамсуҳбат шуда, муносибати хубе пайдо карда будааст. Аҳмади

Дониш дар аксари ҷамъомадҳо ва суҳбатҳо аз Савдо ёдоварӣ намуда, аз вафоти бемаҳали ӯ таассуф мехурдааст” [Сайфиев 2009, с. 107-108].

Яъне, Абдулқодирхоҷаи Савдо илова бар намояндагони дарбори амирӣ бо аҳли маърифати замон, аз ҷумлаи мутафаккирону адибон муносибату ҳамнишинию ҳамкории эҷодӣ доштааст.

**Фарҷоми умр**. Дар бораи охири умри Савдо тазкиранигорон ва муҳаққиқоне, ки сухан гуфтаанд, аз як сафар ёд карда, ба ҳодисаи муайяни дар он сафар рух дода ва марги фоҷиавии шоир ишорат кардаанд. Ҳолати рухдодаро чунин муайян кардан мумкин аст:

Амир Музаффар соли 1873 барои иҷрои амри худ Савдоро ба самти Балҷувон, ки бахше аз қаламраваш маҳсуб мешуд, мефиристад. Шоир бо мақсади иҷрои супориш ба тарафи Балҷувон ҳаракат мекунад. Аммо дар роҳ, дар пеши пули Норак ба оби дарёи Вахш ғарқ мешавад ва ҳалок мегардад. Дар ин айём Савдо 50 сол доштааст, ки дар ин бора пештар сухан рафта буд. Ҷасади Савдоро ба шаҳри Бухоро меоранд. Аз қавли мӯйсафедон муайян шудааст, ки Савдо дар саҳни масҷиди Мавлоно Шариф дафн шудааст. Мавзеи ҷойгиршави ин масҷид ҳоло хиёбони Хоразм номида мешавад [Абдулазизова 2015, с. 191].

Ба таври фоҷиавӣ канда шудани риштаи умри Савдо барин шоири равшанфикр, боистеъдод ва дар айни замон шахсияти ба чандин ҳунар ороста дар доираи адабии Бухорои онвақта талафоти гароне буд. Дар он овон шоир дар айни авҷи камолоти инсонию эҷодӣ қарор дошт. Як сабаби асосии мураттаб нагардидани девони шоир шояд ба ҳамин вобастагӣ дошта бошад.

Ҳамин тавр, зиндагии Савдо дар ду марҳала: а) то дарбор ва б) дар дарбор сурат гирифта, шебу фарозҳои зиёд доштааст. Шоир дар ҳарду марҳалаи умри худ ҳусни тафоҳум бо халқро ба таври аҳсан нигоҳ дошта, бо шахсиятҳои машҳур ва донишмандони равшанфикр дар иртиботи суварию маънавӣ қарор доштааст. Бинобар он ки, тибқи гуфтаи тазкиранигорон, Савдо аз донишҳои зиёди роиҷ дар замонааш огоҳӣ ва табаҳҳур доштааст, ӯро дар шумори донишмандони мутабаҳҳир ё энсиклопедист ворид кардан мумкин аст. Аз ҷумла, Савдо дар луғот, муҳозарот, таворих, сияр, тибб, нуҷум, ҳайат, ҳандаса,

фиқҳ, ақоид, ахлоқ, тасаввуф, саноеъ, мусиқӣ ва хутут огоҳию маҳорати тамом доштааст. На ҳамаи ин илмҳо дар он замон дар мадрасаҳо омӯхта мешуданд, бештарини онҳоро Абдулқодирхоҷа ба таври таълими кунҷакӣ ва худомӯзӣ азхуд кардааст. Дар умум, Савдо ғайр аз донишҳои расмии замон, ки дар сарчашмаҳо бо таркиби "улуми мутадовила" ёд мешаванд, инчунин, дар бисёр илмҳои дигар соҳиби андешаи фарогир ва дар баъзе ҳунарҳо маҳорати тамом доштааст.

## 1.2. Мероси адабии шоир

Мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо ба таври дақиқ маълум набуда, асарҳои ӯ то ҳол ба пуррагӣ дастраси муҳаққиқон нашудааст. Аз тарафи дигар, шояд тангии маишӣ ӯро имкон надодааст, ки ашъорашро ба шакли девон мураттаб намояд. Дар ин фасл дар асоси маводди ба даст оварда ва таҳқиқи онҳо оид ба мероси адабии Савдо баррасӣ анҷом медиҳем. Аввал шеърҳои Савдоро дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷустуҷӯв карда, баъд аз муайян кардани теъдоди умумии шеърҳои шоир, ки дар тазкираҳо дарҷ шуда, то ҳол дар маҷмуае ва ё мунтахаботи шоир чоп нашудаанд, ба баррасии анвои ашъори Савдо пардохта мешавад. Дар зерфасли охири ин бахш атрофи асарҳои насрии Савдо сухан меравад.

### 1.2.1. Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX

Барои дастрасӣ ба шеърҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо манбаъҳои муҳимму дастаи аввал тазкираҳое мебошанд, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шудаанд. Аз теъдоди умумии тазкираҳои ин давра, ки махсуси маҷмуаи ашъори шоирон мебошанд, ёздаҳ асар шинохта шудааст. Аз баррасии мундариҷаи онҳо маълум мешавад, ки ба ғайр аз ду тазкира боқӣ дар ҳамаашон номи Савдо ва намунаҳои ашъораш зикр шудааст. Дар ин фасл чунин ашъор баррасӣ ва теъдоди онҳо муайян карда мешавад. Тазкираҳои мавриди назар

инҳоянд, ки ба тартиби зикрашон ба баррасии ахбори дар онҳо дарҷшуда пардохта мешавад: “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ [Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 115-119; Возеҳи Бухороӣ 1977, с. 89-93], “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдулазими Шаръӣ [Шаръӣ 2015, с. 36-42], “Тазкират-уш-шуаро”-и Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ [Бухороӣ 2021, с. 211-215; Ҳашмат 2729, с. 41-42], “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ [Абдӣ 10027, с. 120-129], “Тазкират-ул-фузало” ё “Тазкират-уш-шуарои муосир”-и Мирзоазими Сомӣ [Сомӣ 1001, с. 132-138], “Тазкори ашъор” ва “Шуарои мутааххирин”-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё [Садри Зиё 1380, с. 307-309], “Тазкираи Фаҳмӣ”-и Абдулмутталибхоҷаи Самарқандӣ [Фаҳмӣ 2025, с. 89-91]. Исми Савдо дар “Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро ва-л-ашъор”-и Афзал Махдуми Пирмастӣ ва “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, ки муаллифонашон бо соҳибони тазкираҳои дар боло номбаршуда ҳамзамонанд, дучор намешавад. “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ [Айнӣ 1950, с. 120-127; Айнӣ 2009, с. 220-227] охирин тазкирае дар фосилаи замонии мавриди назар мебошад, ки ахбори дар он омада ва равиши муаррифии муаллиф аз тазкираҳои дигар фарқ дошта, бо ҷанбаи таҳқиқии қавиаш имтиёз дорад.

Дар тазкираҳои фавқуззикр таърихи таълифи онҳоро рияот карда, ба ҳамон тартиб ба баррасии ҳар кадом пардохта, дар зимн ба тағйиру такмили мундариҷаи онҳо, ки фарогири ашъори Савдост, ишора карда мешавад.

Возеҳи Бухороӣ дар тазкираи “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб” баъд аз муаррифии мухтасари шахсияти адабии Савдо бо зикри чунин ҷумлаи муқаддимотӣ намунаи шеърҳои шоирро нақл кардааст: “Ва ин чанд байт, ки рақамзадаи килки баён мегардад, гуле аз он гулистон ва нақше аз он нигористон аст” [Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 115].

Ҷамъи намунаҳои нақлкардаи Возеҳ шаш шеър буда, байтҳои нахустини онҳо чунин аст:

“Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро,
Гарчи набвад роҳ дар садди Сикандар теғро”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 116]

Ҷамъ: 11 байт.

“Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам,

Ҳуҷҷате дар сурати даври тасалсул бастаам”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 119-117]

Ҷамъ: 8 байт.

“Эй нигоҳат асари наъшаи сад ҷоми шароб,

Назари марҳамате ҷониби риндони хароб”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 117]

Ҷамъ: 4 байт.

“Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палавхонро,

Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 117-118]

Ҷамъ: 11 байт.

“Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам,

Ба уммеди тамошои рухи нон чашм бикшодам”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 118-119]

Ҷамъ: 13 байт.

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо”.

[Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 119]

Ҷамъ: 4 байт.

Ҳамаи намунаҳои овардаи Возеҳ дар жанри ғазал буда, таъдоди умумии байтҳои шаш ғазал ба 51 байт баробар аст.

Шеърҳои Савдоро Возеҳ аз рӯйи мундариҷаашон пайиҳам нақл кардааст, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) ашъори анъанавӣ ё ҷиддӣ – 3 шеъри аввал;

2) ашъори ҳаҷвӣ, ки онҳоро дар пайравии Абуисҳоқи Атъимаи Шерозӣ “дар ғояти ҳаловату малоҳам” гуфта – 2 шеър;

3) “тазмини муфлисона” – 1 шеъри охир. Пеш аз зикри шеъри охирин чунин тавзеҳ омада ва аз он ҷо маълум мешавад, ки шеъри мавриди назар дар пайравӣ ба Мирзо Абдулқодири Бедил эҷод шудааст: “...матлаи девони Мирзоро ба тазмини муфлисона ба адои зебоӣ саранҷом дода” [Возеҳи Бухороӣ, 2020, с. 119].

Дар ду шеър тахаллуси Савдо ва дар як шеър тахаллуси Бепул омада, дигар шеърҳо бидуни тахаллус мебошанд.

“Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Возеҳ барои тазкиранигорони баъдӣ ҳам аз ҷиҳати навии сохтор ва ҳам зикри Савдо ва ашъори вай ҳамчун манбаи асосӣ хидмат кардааст. Возеҳ якумин тазкиранигорест, ки иқдоми навҷӯёнаи Малеҳои Самарқандиро, ки дар асри XVII пеш гирифта буд, дар нимаи дуюми асри XIX идома дод. Малеҳои Самарқандӣ ҳангоми таълифи тазкираи “Музаккир-ул-асҳоб” равиши табақабандии тазкиранигорони пеш аз худро пайгирӣ накарда, балки дар зикри шуаро тартиби алифбоиро интихоб карда буд [Насафӣ 2021, с. 20-21]. Возеҳ низ ҳамин иқдомро дар рӯзгори худ пайгирӣ кардааст.

“Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ баъд аз Возеҳ дуюмин тазкирае мебошад, ки дар он ашъори Савдо дарҷ шудааст. Абдулазими Шаръӣ дар муқаддимаи гуфтори худ дар “Тазкират-уш-шуаро”-яш пас аз зикри дар “иншои насру шеър маҳорати тамом” доштан ва таъкиди “аз ашъори обдораш он чи дастёб гардид, дар ин мақом ҷиҳати тафреҳи хотири улилабсор марқум мегардад”, аз мероси адабии Савдо намунаҳои зеринро нақл кардааст:

“Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту,
Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуди адами ту?!” [Шаръӣ 2015, с. 38].

Ҷамъ: 13 байт.

“Ҳалқаи зулфат, ки бошад нофаи Чинро масал,
Наргиси мастат, ки бошад чашми оҳуро бағал”
[Шаръӣ 2015, с. 38-39].

Ҷамъ: 11 байт.

“Гӯӣ, ки қадри ҳусни ман аз хат баланд шуд,

Оре, ки ҳусн кам шуду з-он арҷманд шуд” [Шаръӣ 2015, с. 39].

Ҷамъ: 8 байт.

“Шоме нишаста будам чун ғам ба хилвати дил,

Ногаҳ даромад аз дар он нозаниншамоил” [Шаръӣ 2015, с. 40].

Ҷамъ: 27 байт.

“Йой қошини баски ғамзалари нозанин эрур,

Ул ғамзалар уқи бариси дилнишин эрур” [Шаръӣ 2015, с. 41-42].

Ҷамъ: 7 байт.

Қабл аз ишораи ду ғазали дигар чунин муқаддима омадааст: “Аз ашъори ҳазлияи мумиилайҳ, ки дар он Бепул тахаллус мекунад, чанде ҷиҳати инбисоти хотири улилабсор марқум мегардад” [Шаръӣ 2015, с. 42]:

“Он, ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст,

В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст”

[Шаръӣ 2015, с. 42].

Ҷамъ: 7 байт:

“Зи баъди мо ҳама қарзи надода мемонад,

Зи бой молу мавоши зиёда мемонад” [Шаръӣ 2015, с. 42].

Ҷамъ: 5 байт.

Абдулазими Шаръӣ дар тазкираи худ 7 шеъри Савдоро ҷой додааст, ки теъдоди умумии абёташон ба 78 баробар аст. Аз назари табақабандии жанрӣ се шеъри аввал дар жанри ғазал буда, баъд як қасида меояд, шеъри панҷум ғазали ӯзбекӣ ва ду шеъри охир низ ғазал ҳастанд.

Аз суханони поёнии Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ маълум мешавад, ки миқдори асарҳои Савдо аз он чи вай зикр кардааст, беш будааст. Чунонки мегӯяд: “Мумиилайҳро табъзоди манзум ва мансури мутафарриқаи мавфур бисёр, ҳама ширину малеҳ ва тозаву обдор аст” [Шаръӣ 2015, с. 37].

Аз Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ ду тазкира боқӣ мондааст, ки дар яке аз онҳо дар бораи Савдо сухан рафтааст. Ин асар “Тазкират-уш-шуаро” ном дошта, аз ду муҷаллад иборат буда, тақрибан миёни солҳои 1895-1896 таълиф шудааст [Насафӣ 2021, с. 21]. Намунаҳои зерин аз ҳамин тазкираанд:

“Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро,

Гарчи набвад роҳ дар садди Сикандар теғро”.

[Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 113 ]

Ҷамъ: 10 байт.

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо”.

[Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 113]

Ҷамъ: 4 байт.

“Ба нимрӯзӣ агар гардад бисоторо палав хонро,

Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро”.

[Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 114]

Ҷамъ: 11 байт.

“Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам,

Ба уммеди тамошои рухи нон чашм бикшодам”.

[Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 114-115]

Ҷамъ: 11 байт.

Аз муқоисаи шеърҳои тазкираи Ҳашмат бо тазкираи Возеҳ маълум мешавад, ки чаҳор шеър дар ҳарду тазкира дучор мешаванд. Фарқ дар теъдоди баъзе ғазалҳо ва таҳрири бархе калимаву иборот мушоҳида мешавад. Масалан, ғазали якум дар тазкираи Возеҳ аз 11 байт, дар тазкираи Ҳашмат аз 10 байт иборат аст. Теъдоди абёти ғазали охир дар тазкираи Возеҳ 13 байт, дар тазкираи Ҳашмат 11 байт аст. Ҳамин тавр, дар тазкираи Ҳашмат 4 ғазали Савдо интихоб шудааст, ки ҷамъи байтҳояшон ба 36 байт баробар аст.

Барои фарқи таҳрир аз ғазали сеюм як мисол меорем. Дар тазкираи Возеҳ оғози мисраи аввал ба сурати “ба ними рӯз”, вале дар тазкираи Ҳашмат ҳамин таркиб ба шакли “ба нимрӯзӣ” оварда шудааст. Масъалаи таҳқиқи интиқодӣ ва матншиносии ин масъала кори алоҳидае мебошад, ки бояд дар оянда анҷом дода шавад.

Чаҳорумин тазкирае, ки дар он аз Савдо ва ашъори ӯ зикре рафтааст, “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ [Абдӣ 10027, с. 120-129] мебошад. Ашъори Савдоро Абдӣ ба чунин тартиб ва зикри жанри шеърӣ нақл кардааст:

Ғазал:

“Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо,
Чун панди ту нест судмандо?!” [Абдӣ 10027, с. 121-122].

Ҷамъ: 14 байт.

Ва лаҳу:

“Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно,
Бар зимаи мо ишқи туро сохта дайно” [Абдӣ 10027, с. 122].

Ҷамъ: 11 байт.

Ва лаҳу:

“Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно, фиребидӣ,
Напурсидӣ зи дарди интизорам, чун шикебидӣ” [Абдӣ 10027, с. 122].

Ҷамъ: 5 байт.

“Ба ишқи мо агар он шӯхи саркаш эътирофидӣ,
Баровардӣ зи хотир кинарову сина софидӣ” [Абдӣ 10027, с. 123].

Ҷамъ: 9 байт.

“Дар зумраи ушшоқи ту охир битанидем,
Дар кӯи ту ҳамроҳи сагонат ватанидем” [Абдӣ 10027, с. 123].

Ҷамъ: 8 байт.

“Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,
Пойи хирадам дар раҳи шавкат качалидо” [Абдӣ 10027, с. 123-124].

Ҷамъ: 7 байт.

“Дил гум шуду ман ба пеши раммол,
Рафтам, ки бизан барои ман фол” [Абдӣ 10027, с. 124].

Ҷамъ: 8 байт.

“Ба юмни калла он миқдор серам,
Ки гоҳе тухмае, гоҳе заҳирам” [Абдӣ 10027, с. 124-125].

Ҷамъ: 10 байт.

“Дӯш аз хоҳиши даври фалаки ҳодисазой

Писаре дидаму пойи хирадам рафт зи ҷой” [Абдӣ 10027, с. 125-126].

Ҷамъ: 28 байт.

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо”.

[Абдӣ 10027, с. 126-127]

Ҷамъ: 4 байт.

“Маро ду ҳафта аз ин пеш дар раҳи шабгир

Зи хона ҷониби гармоба афтод масир” [Абдӣ 10027, с. 127-129].

Ҷамъ: 37 байт.

Аз муҳтавои ин ғазали тӯлонӣ хонда мешавад, ки он дар сабки шеърҳои шаҳрошӯб суруда шуда, мухотаб зоҳиран писар аст. Баъд аз ин бо зикри калимаи “Ғазал” ҳамчун сарлавҳа се шеъри дигар меояд, ки онҳо ҳам ба шеъри шаҳрошӯб монананд. Шеъри якум аз 5 байт иборат буда, байти матлаи он чунин аст:

“Биё, эй хӯшачинат хирмани пул,

Ба пеши мо бияфшон домани пул” [Абдӣ 10027, с. 129].

Ду шеъри баъдӣ аз 3 байт ва 9 байт иборатанд.

Ҳамин тавр, аз муқоиса шеърҳои тазкираи Абдӣ бо дигар тазкираҳо бармеояд, ки дар ин сарчашма ҳам миқдори шеърҳо ва ҳам теъдоди абёт дар тӯли як шеър бештар аст. Дар умум, Абдӣ 14 шеъри Савдоро дар тазкирааш овардааст, ки ҷамъи байтҳои онҳо ба 158 баробар аст.

Шеърҳои тазкираи Абдӣ бо шеърҳои “Мунтахабот”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ҳам фарқ доранд. Фарқиятҳои мавҷудро чунин дастабандӣ кардан мумкин аст: а) теъдоди абёт; б) ҷобаҷойии байтҳо; в) гуногунхониҳо дар матн; г) шеърҳое, ки дар як манбаъ омада, аммо дар дигар сарчашма дучор намешавад. Ин масъала бо фарогирии ҳар чаҳор мавриди зикршуда таҳқиқи ҷудогонаи матншиносиро мехоҳад, ки бояд рӯйи матни ҳар як шеъри Савдо анҷом дода шавад.

Манбаи панҷум “Тазкират-уш-шуарои муосир”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ [Сомӣ 1001, с. 132-138] мебошад, ки дар он низ ашъори Савдо дарҷ шудааст. Ин тазкира бо номи “Тазкират-ул-фузало” низ ёд мешавад [Абдулзода 2023, с. 26]. Матлаи шеърҳо ва теъдоди умумии байтҳои ҳар кадом чунин аст:

“Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро,
Гарчи набвад роҳ дар садди Сикандар теғро” [Сомӣ 1001, с. 134].

Ҷамъ: 11 байт.

“Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам,
Ҳуҷҷате дар сурати даври тасалсул бастаам” [Сомӣ 1001, с. 134-135].

Ҷамъ: 8 байт.

“Бар лабат хубии гуфтор чу дар гавҳар мавҷ,
Бар қадат хубии рафтор чу мавҷ андар об” [Сомӣ 1001, с. 135].

Ду шеъри боло дар дигар манбаъҳо ҳам дида мешаванд, вале ин шеър, ки танҳо аз 2 байт иборат аст, бори аввал дар ҳамин сарчашма омадааст. Аз мазмуни ҳарду байт маълум аст, ки шеъри шаҳрошӯб аст.

Намунаи чаҳоруми овардаи Мирзоазими Сомӣ аз шумори шеърҳоест, ки онҳоро низ аз ҷумлаи ашъори атъима номидан мумкин аст. Тавзеҳи ин навъ ашъор ҳангоми нақли шеъри комиле ҳангоми баррасии пораҳои шеъри таркиби тазкираи Фаҳмӣ оварда мешавад. Байти якуми ин шеър чунин аст:

“Ба нимрӯзӣ агар гардад бисоторо палав ҷонро,
Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро”.

[Сомӣ 1001, с. 135-136]

Ҷамъ: 11 байт.

“Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам,
Ба уммеди тамошои рухи нон чашм бикшодам”.

[Сомӣ 1001, с. 136-137]

Ҷамъ: 13 байт.

Намунаи охир дар ин сарчашма шеъри машҳури дар ҷавоби Бедил гуфтаи Савдо мебошад, ки бо мисраи “Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо” оғоз шуда, дар ҳамаи сарчашмаҳо аз 4 байт иборат аст.

Дар умум, намунаҳои шеъри Савдо дар тазкираи Сомӣ ба миқдори 6 шеър ва 49 байт аст.

Ҳафтумин тазкираи манбаи ашъори Савдо "Тазкори ашъор"-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё мебошад. Ахбори ин тазкира ва тарзи зикри ашъори Савдо дар он нисбат ба дигар тазкираҳо то андозае фарқ дорад. Дар панҷ бахши ёдоварӣ аз Савдо ва нақли шеъри ӯ ба вежагиҳои шахсият ва ҳунари шоирии гӯянда низ ишораҳо мешавад. Аммо матлаи шеърҳо ва шумораи байтҳо ба тартиб чунин аст:

"Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо".

[Садри Зиё 1380, с. 307]

Ҷамъ: 4 байт.

"Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,

Бисёр забуну нотавонам кардӣ" [Садри Зиё 1380, с. 308].

Ҷамъ: 2 байт.

"Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту,

Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуду адами ту?!"[Садри Зиё 1380, с. 308].

Мисраи якуми ин байт аз Амир Музаффархон буда, мисраи дуюмро Савдо бадоҳатан гуфтааст. Аз қавли Садри Зиё маълум мешавад, ки Савдо бақияи шеърро ҳам гуфтаву такмил кардааст [Садри Зиё 1380, с. 308]. Дар ин хусус қаблан сухан рафта ва ба сурати комилу такмилшудаи байт ишора шуда буд, ин ҷо такрор намекунем.

Дар умум, аз 3 шеъри Савдо 8 байт дар "Тазкори ашъор" ҷой дода шудааст, ки шеъри дуюм дар қолаби рубоӣ гуфта шуда, мисраи якуми шеъри охир аз худи Савдо нест.

Рубоии овардаи Савдо нусхаи дигаре ҳам дорад, ки ду байти аввалаш фарқ мекунад. Дар поварақии сафҳаи аввали бахши "Рубоӣ ва қитъаҳо"-и "Мунтахабот"-и Савдо варианти дигари байти мавриди назар оварда шудааст, ки чунин аст:

"Эй чархи фалак, ҷафо ба ҷонам кардӣ,

Муҳтоҷ ба як бурдаи нонам кардӣ” [Савдо 1958, с. 113].

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар тазкираи “Шуарои мутааххирин” низ зикри Савдо карда, аз шеърҳои шоир намунаҳо овардааст. Аз ҷумла, шеърҳои зеринро, ки байтҳои аввалашон иқтибос мешавад, устод Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” аз ҳамин тазкира нақл кардаанд:

“Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? Не

В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? Не” [Айнӣ 2010, с. 220].

Ҷамъ: 7 байт.

“Эй сабо, хобгаҳи ёри маро дидӣ? Не,

Сунбули турраи дилдори маро дидӣ? Не” [Айнӣ 2010, с. 220-221].

Ҷамъ: 11 байт.

“Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту,

Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуду адами ту?!” [Айнӣ 2010, с. 221].

Ҷамъ: 11 байт.

“Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно,

Бар зимаи мо ишқи туро сохта дайно” [Айнӣ 2010, с. 221-222].

Ҷамъ: 10 байт.

Ин шеър дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ [Абдӣ 10027, с. 121-122] дар ҳаҷми 11 байт омадааст.

Теъдоди умумии шеърҳои Савдо, ки дар тазкираи дуюми Садри Зиё ҷой дода шудаанд, 4-то буда, ҳаҷми ҳар чаҳор шеър ба 39 байт баробар аст.

Дар тазкираи Абдулмутталибхоҷаи Фаҳмӣ аз ашъори Савдо ду фард, чанд байт дар ду пораи мунтахаб ва як шеъри комил нақл шудааст. Матни шеърҳои нақлкардаи Фаҳмӣ ва тартиби зикри онҳо чунин аст:

“Фард:

Ноқобил аст, он ки ба давлат намерасад

В-арна замона дар талаби марди қобил аст.

Ва ин чанд байт аз натоиҷи афкори диққатшиори ӯст:

Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам,

Ҳуҷҷате дар сурати даври тасалсул бастаам.

Метавон аз пайкарам мӯйи хаме тасвир кард,
Баски дар нақши миён то он тааммул бастаам.
Сеҳри килкамро тамошо кун, ки дар нақши садо,
Аз шикасти ранги гул сад ҳашр ғул-ғул бастаам.
Чархи миноро зи акси ҷом холӣ дидаам,
Вазъи давронро ба даври соғари мул бастаам.

Ва лаҳу:

Эй нигоҳат асари нашъаи сад ҷоми шароб,
Назари марҳамате ҷониби риндон андоз.

Ба мантуқи он ки «ал-ҳазл фӣ-л-каломи ка-л-милҳи фӣ-т-таъоми» ба тариқи Мавлавӣ Исҳоқ Салоҳи Шерозӣ маъруф ба Атъима шеъре гуфтааст:

Ба ними рӯз агар гардад бисоторо бигӯ ҷонро,
Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро.
Зи бози тезчанги иштиҳои қозгири мо,
Халосӣ нест дар саҳрои лаълӣ мурғи бирёнро.
Зи гирдоби фано берун кунемаш бо сарангуште,
Саҳар дар чойи қаймоқӣ шиновар гар кунӣ нонро.
Зи хиҷлат бо дили садпора шуд ғарқи арақ манту,
Зи ғавғои магас мантупазон бастанд дӯконро.
Дили пурдарди бодинҷон ба тори гесӯи угро,
Чунон барбаст кадбону, ки ҳайрон кард меҳмонро.
Танӯри чарх рӯзу шаб зи меҳру маҳ ду нон дорад,
Ба ду нон солҳо сомони ишрат дода дунонро.
Шуд омад кардани ошиқ ридои лахчак аз мастӣ,
Адо карданд, гӯё сӯфиён ҳаққи намакдонро.
Садафосо зи дарёи табақ тушбера берун шуд,
Ки чанголи зарифон бурда гавҳарҳои ғалтонро.
Ба пеши шӯрбо натвон зи ҷӯши иштиҳо дам зад,
Бад-ин даъво ба майли шуъла равшан кард бурҳонро.
Зи ҷӯши чойҷӯшам ин садо дар гӯш меояд:

Ки чойи талх равшан мекунад табъи сухандонро.

Ба ҳар ноқобиле сад қобиле бахшанд ҳар рӯзе,

Ба софиҳои дил бояд дуояш кард султонро.

Фарди охир:

Лимӯ бо чойи қаймоқӣ маро рӯзе ду бас бошад,

Ҳарифонро бигӯ, мошобаҷонро бо шумо додам" [Фаҳмӣ 2025, с. 90-91].

Дар умум, ҷамъи шеърҳои нақлкардаи Абдулмутталиби Фаҳмӣ аз эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо дар тазкирааш 18 байт мебошад. Аз ин миқдор 2-то фардбайт, 5 байт дар ду интихоб ва як ғазали комили иборат аз 11 байт аст.

Устод Садриддин Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик аз ашъори Савдо сездаҳ шеърро нақл кардааст, ки бо намунаашон мо дар фасли ба баррасии маълумоти муҳаққиқон дахлдошта шинос шудем. Ҳамаи намунаҳои нақлкардаи устод Айнӣ дар жанри ғазал буда, аз рӯйи се тазкира: тазкираи Садри Зиё, "Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб"-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухоройӣ ва "як маҷмуаи дастнавис"-и дигар оварда шудаанд. Ҳангоми тартиб додани ҷадвали басомадӣ мисроъҳои якуми шеърҳо оварда мешаванд.

Ба таври ҷомеъ, теъдоди абёти ғазалҳои Савдо дар таркиби "Намунаи адабиёти тоҷик" чунин аст: ғазали якум – 7 байт; ғазали дуюм – 11 байт; ғазали сеюм – 11 байт; ғазали чаҳорум – 10 байт, ғазали панҷум – 6 байт, ғазали шашум – 9 байт, ғазали ҳафтум – 10 байт, ғазали ҳаштум – 6 байт, ғазали нуҳум – 11 байт, ғазали даҳум – 13 байт, ёздаҳум – 4 байт, дувоздаҳум – 7 байт, сездаҳум – 12 байт. Теъдоди умумии байтҳои 13 шеър дар ин маҷмуа ба 117 баробар аст [Ҷадвали №1.1].

Агар омори дар боло зикршуда ба тариқи ҷадвал нишон дода шавад, намунаҳои ашъори Савдо дар тазкираҳо ба таври зайл мебошанд:

Ҷадвали №1.1

| *Тазкира* | *Шумораи шеърҳо* | *Мисраи якуми шеър* | *Навъи шеърӣ* | *Теъдоди абёт* | *Такрор ё нав будан* |
|---|---|---|---|---|---|
| **“Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ** | 1 | Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро | ғазал | 11 | |
| | 2 | Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам | ғазал | 8 | |
| | 3 | Эй нигоҳат асари наъшаи сад ҷоми шароб | ғазал | 4 | |
| | 4 | Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палав хонро | ғазал | 11 | |
| | 5 | Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам | ғазал | 13 | |
| | 6 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | |
| **“Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ** | 1 | Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту | ғазал | 13 | |
| | 2 | Ҳалқаи зулфат, ки бошад нофаи Чинро масал | ғазал | 11 | |
| | 3 | Гӯӣ, ки қадри ҳусни ман аз хат баланд шуд | ғазал | 8 | |
| | 4 | Шоме нишаста будам чун ғам ба хилвати дил | қасида | 27 | |
| | 5 | Йой қошини баски ғамзалари нозанин эрур | ғазал | 7 | |
| | 6 | Он, ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст | ғазал | 7 | |
| | 7 | Зи баъди мо ҳама қарзи надода мемонад | ғазал | 5 | |
| **“Тазкират-уш-шуаро”-и Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ** | 1 | Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро | ғазал | 10 | такрор |

Идомаи ҷадвали №1.1

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | такрор |
| | 3 | Ба нимрӯзӣ агар гардад бисоторо палав хонро | ғазал | 11 | такрор |
| | 4 | Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам | ғазал | 11 | такрор |
| **“Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ** | 1 | Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо | ғазал | 14 | |
| | 2 | Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно | ғазал | 11 | |
| | 3 | Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно, фиребидӣ | ғазал | 5 | |
| | 4 | Ба ишқи мо агар он шӯхи саркаш эътирофидӣ | ғазал | 9 | |
| | 5 | Дар зумраи ушшоқи ту охир битанидем | ғазал | 8 | |
| | 6 | Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо | ғазал | 7 | |
| | 7 | Дил гум шуду ман ба пеши раммол | ғазал | 8 | |
| | 8 | Ба юмни калла он миқдор серам | ғазал | 10 | |
| | 9 | Дӯш аз хоҳиши даври фалаки ҳодисазой | ғазал | 28 | |
| | 10 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | такрор |
| | 11 | Маро ду ҳафта аз ин пеш дар раҳи шабгир | ғазал | 37 | |
| | 12 | Биё, эй хӯшачинат хирмани пул | ғазал | 5 | |
| | 13 | Шеъри шаҳрошӯб | қитъа | 3 | |
| | 14 | Шеъри шаҳрошӯб | қитъа | 9 | |
| **“Тазкират-уш-шуарои муосир”-и Мирзоазими Сомӣ** | 1 | Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро | ғазал | 11 | такрор |

Идомаи ҷадвали №1.1.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2 | Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам | ғазал | 8 | такрор |
| | 3 | Бар лабат хубии гуфтор чу дар гавҳар мавҷ | қитъа | 2 | |
| | 4 | Ба нимрӯзӣ агар гардад бисоторо палав ҷонро | ғазал | 11 | такрор |
| | 5 | Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам | ғазал | 13 | такрор |
| | 6 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | такрор |
| **“Тазкори ашъор”-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё** | 1 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | такрор |
| | 2 | Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ | рубоӣ | 2 | |
| | 3 | Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту | байт | 2 | |
| **“Шуарои мутааххирин”-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё** | 1 | Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? Не | ғазал | 7 | |
| | 2 | Эй сабо, хобгаҳи ёри маро дидӣ? Не | ғазал | 11 | |
| | 3 | Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту | ғазал | 11 | такрор |
| | 4 | Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно | ғазал | 10 | такрор |
| **“Тазкираи Фаҳмӣ” аз Абдулмутталибхоҷаи Фаҳмӣ** | 1 | Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам | ғазал | 4 | такрор |
| | 2 | Эй нигоҳат асари нашъаи сад ҷоми шароб | байт | 1 | такрор |
| | 3 | Ба ними рӯз агар гардад бисоторо бигӯ ҷонро | ғазал | 11 | |

Идомаи ҷадвали №1.1.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 4 | Лимӯ бо чойи қаймоқӣ маро рӯзе ду бас бошад | фард | 1 | |
| **“Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ** | 1 | Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? Не | ғазал | 7 | такрор |
| | 2 | Эй сабо, хобгаҳи ёри маро дидӣ? Не | ғазал | 11 | такрор |
| | 3 | Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту | ғазал | 11 | такрор |
| | 4 | Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно | ғазал | 10 | такрор |
| | 5 | Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо | ғазал | 6 | такрор |
| | 6 | Ба ишқи мо агар он шӯхи саркаш эътирофидӣ | ғазал | 9 | такрор |
| | 7 | Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро | ғазал | 10 | такрор |
| | 8 | Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам | ғазал | 6 | такрор |
| | 9 | Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палав хонро | ғазал | 11 | такрор |
| | 10 | Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам | ғазал | 13 | такрор |
| | 11 | Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо | ғазал | 4 | такрор |
| | 12 | Он, ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст | ғазал | 7 | такрор |
| | 13 | Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фироқро | ғазал | 12 | |
| **Ҷамъ**: | **62 шеър** | | | **554 байт** | |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз оморе, ки дар ҷадвали №1.1 ҷой дода шудааст, чунин натиҷаҳо ҳосил мешаванд:

1. Дар миёни тазкираҳои ба мо дастрасе, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шудаанд, дар нуҳ тазкира намунаҳои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо дарҷ шудааст.

2. Ҷамъи умумии шеърҳои нақлкардаи соҳибони тазкираҳо ба 62 баробар буда, теъдоди умумии байтҳои онҳо 554 аст.

3. Агар такрорҳоро ба эътибор нагирем, дар тазкираҳои мавриди назар 35 шеъри Савдо танҳо дар ин ё он тазкираи нуҳгонаи ёдшуда омадаанд. Ҷамъи байтҳои ин 35 шеър ба 332 баробар аст.

4. Аз ҷамъи умумии шеърҳои Савдо, ки дар тазкираҳои мавриди назар нақл шудаанд, 7 шеър дар нусхаҳои чопӣ – "Гулшани адаб", ки фарогири гулчини ашъори шоир аст [Гулшан 1980, с. 200-219] ва "Мунтахабот"-и Савдо [Савдо 1958, с. 120], ки баргузидаи шеъри ӯст, дохил нашудаанд. Ин шеърҳо ба ҳукми тозаёфтаҳо буда, дар оянда, ҳангоми таҳияи матни комилтари ашъори шоир бояд ба эътибор гирифта шаванд.

5. Ҷамъи байтҳои 7 шеъри тозаёфта 81-то буда, дар қолаби ғазал (5 шеър) ва фардбайт (2 шеър) мебошанд.

6. Тазкираҳое, ки дар онҳо намунаҳои ашъори Савдо дарҷ шудаанд, мисли дигар манбаъҳои адабӣ [Нарзиқул 2024, с. 75-86] дар ҷамъоварии комили осори манзуми шоир аҳаммияти сарчашмавӣ доранд.

Ҳамин тавр, 35 шеъри Савдо (332 байт) дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дарҷ шудааст, ки асосан дар қолаби ғазал (29 шеър), қасида (1 намуна), рубоӣ (1 намуна) фардбайт (4 намуна) нақл шудаанд. Теъдоди умумии байтҳои баъзе шеърҳои аз як тазкира ба тазкираи дигар нақлшуда миёни ҳам фарқ доранд. Ин омор дар муайян кардани мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо аҳаммияти муҳимми амалӣ дошта, дар таҳқиқи матншиносии шеърҳои шоир ҳамчун манбаи муътамад хидмат карда метавонад.

### 1.2.2. Доир ба теъдоди асарҳои манзуми Савдо

Асарҳои манзуми Савдо то имрӯз ба пуррагӣ дастрас нашудаанд, қисме аз онҳо аз нусхаҳои хаттӣ ва маҷмуаҳои чопӣ дастрас гардидаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ порчаи шеърии дастрасгардида бо нусхаҳои чопӣ, асосан "Баёз"-и Савдо, "Гулшани адаб" ва дигар манбаъҳо, муқоиса карда шуданд. Дар фасли мазкур доир ба теъдоди ашъори Савдо изҳори назар карда, дар хусуси мероси адабии манзуми мавҷуд ва то ҳол дастрасшудаи шоир бо такя ба теъдоди онҳо баҳс карда мешавад.

То имрӯз мо ду натиҷагирии куллиро дар мавриди мероси адабии манзуми Абдулқодирхоҷаи Савдо, теъдоди абёт ва мансубияти жанрии онҳо дар ихтиёр дорем. Натиҷагирии якум ба Г. Галимова тааллуқ дорад. Ин муҳаққиқ дар муқаддимаи "Мунтахабот"-и Савдо дар ин хусус чунин сухани ҷамъбасткунанда дорад: "Мероси манзуми ба даст даромадаи Савдо, ки тақрибан аз ҳазору нуҳсад мисраъ иборат аст, ба жанрҳои ғазал, қасида, марсия, мухаммас, тарҷеъбанд, маснавӣ, қитъа, рубоӣ, фард ва таърих мансуб мебошад" [Савдо 1958, с. 19].

Ҳазору нуҳсад мисраи дар ин иқтибос омадаро ба байт, ки воҳиди шеъри суннатии мо ба ҳисоб меравад, баргардонем, 950 байт ҳосил мешавад.

Натиҷагирии дуюм баъд аз 23 соли ҷусторҳои илмии Г. Галимова ва нашри мунтахаботи ашъори Савдо аз ҷониби ӯ ба амал омадааст. Соли 1980 ҷилди 5-уми "Гулшани адаб" чоп мешавад, ки дар он ҷо аз Савдо ва ашъори ӯ ҳам ёд шуда, гулчине аз шеърҳояш фароҳам омадааст [Гулшани 1980, с. 200-219].

Дар муқаддимаи мухтасари ин маҷмуа дар масъалаи мавриди назар чунин омадааст: "Аз мероси манзуми шоир (Савдо – С. М.) 1450 байт шеър боқӣ мондааст, ки аз 5 қасида, 1 марсия, 56 ғазал, 2 мухаммас, 1 тарҷеъбанд, 6 маснавӣ, 2 қитъа, 9 рубоӣ, 11 фард ва як таърих иборат мебошад" [Гулшани 1980, с. 200]. Н. Сайфиев дар китоби "Таърихи адабиёти тоҷик"-и худ, ки ба нимаи дуюми асри XIX ихтисос дорад, миқдори ашъори Савдоро "тақрибан аз 2900 мисраъ ё 1450 байт" [Сайфиев 2009, с. 108] иборат медонад, ки такрори ҳамон шумораи болост.

Аз омор маълум мешавад, ки теъдоди абёти ашъори Савдо дар фосилаи миёни чопи “Мунтахабот”-и Савдо ва маҷмуаи “Гулшани адаб” ба 500 байт афзудааст, аммо анвои шеърӣ ҳамонҳоеанд, ки дар ҳарду иқтибос ёд шудаанд.

Охирин мақолаи илмӣ атрофи Савдо ва ашъори ӯ дар соли 2015 таълиф шуда буд. Муаллифони ҳамин мақола дар вақти зикри теъдоди мероси манзуми шоир айнан иқтибоси дуюми дар боло овардаамонро бо ишора ба ҳамин манбаъ такрор кардаанд [Абдуалимова 2015, с. 191]. Аз ин ҷо бармеояд, ки баъд аз соли 1980 ҷустуҷӯ оид ба ҷамъоварии ашъори Савдо қатъ шудааст.

Хулосаи мутолиа ва таҳқиқро, ки дар асоси ахбори сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла, китобҳои тазкира ва муқоисаи ашъори мундариҷ дар онҳо бо нусхаи чопии “Мунтахабот”-и Савдо ва дигар манбаъҳои нашршуда сурат гирифтаанд, дар ду ҷадвал нишон дода, натиҷаҳои мушаххас дар поёни ҷадвалҳо оварда мешаванд [Ҷадвалҳои №1.2 ва №1.3]. Ҷадвали №1.2 жанри ғазалро дар бар гирифта, ҷадвали №1.3 хосси навъҳои шеърии дигар мебошад.

Чадвали №1.2

| **Оғози мисраи аввали ғазал** | **Теъдоди абёт дар манбаъҳои хаттӣ ва чопӣ (бо номи асар ва муаллифон)** | | | | | | | | | | **Ҷамъи байтҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Мунтахабот | Возеҳ | Шаръӣ | Ҳашмат | Абдӣ | Сомӣ | Садри Зиё (1) | Садри Зиё (2) | Фаҳмӣ | Айнӣ | |
| Ба авҷи... | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | | - | 4 | 4 |
| Эй, ки пул дорӣ... | 5 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 5 |
| Он, ки ранге дораду... | 9 | - | 7 | - | - | - | - | - | - | 7 | 9 |
| Зи баъди мо... | 6 | - | 5 | - | - | - | - | - | - | - | 6 |
| Биё, эй ҳури... | 6 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 6 |
| Агар пуле ба каф... | 7 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 7 |
| Гуфта будӣ, ки ... | 13 | - | - | - | - | - | - | - | - | 12 | 13 |
| Аз рибо хӯрдан касе.... | 7 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 7 |
| Буте, ки қадди.... | 12 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 12 |
| Эй дил, аз мазраи... | 9 | - | - | - | - | - | - | 7 | - | 7 | 9 |
| Кадомин шӯх... | 5 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 5 |
| Зоҳид, чӣ диҳӣ... | 15 | - | - | - | 14 | - | - | - | - | - | 15 |
| Сад шукр, ки боз... | 23 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 23 |
| Ҳино рангест... | 11 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 11 |
| Чанд девона чунин... | 11 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 11 |
| Дили девона... | 11 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 11 |

Идомаи ҷадвали №1.2

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маъние дар ҳалқаи... | 9 | 8 | - | - | - | 8 | - | - | 4 | 6 | 9 |
| Мутриб биёву... | 10 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| Дар фикри ниҳон... | 4 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 4 |
| Коми дил месӯзад... | 5 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 5 |
| Гуфтам, ки адам... | 15 | - | 13 | - | - | - | - | 11 | - | 11 | 15 |
| Зиҳӣ висоли ту... | 7 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 7 |
| Дар зумраи ушшоқ... | 11 | - | - | - | 8 | - | - | - | - | - | 11 |
| Дил гум шуду... | 9 | - | - | - | 8 | - | - | - | - | - | 9 |
| Ҳусни ту, ки дорад... | 11 | - | - | - | 11 | - | - | 10 | - | 10 | 11 |
| Гӯӣ, ки қадри ҳусни... | 7 | - | 8 | - | - | - | - | - | - | - | 8 |
| Эй сабо, хобгаҳи... | 12 | - | - | - | - | - | - | 11 | - | 11 | 12 |
| Маро аз ваъда сад... | 5 | - | - | - | 5 | - | - | - | - | - | 5 |
| Ҳар ҷо ҳадиси... | 8 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 8 |
| Ҳалқаи зулфи кӣ... | 11 | - | 11 | - | - | - | - | - | - | - | 11 |
| Дар мамлакати... | 7 | - | - | - | 7 | - | - | - | - | 6 | 7 |
| Эй нигоҳат... | 15 | 4 | - | - | - | - | - | - | 1 | 6 | 15 |
| Дар ҳарими дил... | 15 | 11 | - | 10 | - | 11 | - | - | - | 10 | 15 |
| Ба ишқи мо... | 9 | - | - | - | - | - | - | - | - | 9 | 9 |
| Айёми баҳор... | 14 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 14 |
| Омадӣ, ҳарфи ниҳонӣ.. | 11 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 11 |

Идомаи ҷадвали №1.2

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Меравам гуфтию... | 16 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 16 |
| Сиҳисарве, ки... | 9 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 9 |
| Кард аз хумори... | 9 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 9 |
| Ҳарифонанд дар... | 5 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 5 |
| Боз аз ҳама... | 6 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 6 |
| Ба ними рӯз агар... | 11 | 11 | - | - | - | - | - | - | 11 | 11 | 11 |
| Қадам то аз адам... | 13 | 13 | - | 11 | - | 13 | - | - | - | 13 | 13 |
| Ба юмни калла... | 12 | - | - | - | 10 | - | - | - | - | - | 12 |
| Ба нимрӯз палав зан... | 9 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 9 |
| Дар роҳи шикам... | 10 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 10 |
| Қаноатпарвари... | 8 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 8 |
| То дидам он ҷамолу... | 3 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 3 |
| Касе зи нусхаи... | 3 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 3 |
| Он, ки дар дахр... | 4 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 4 / 468 байт |
| Дӯш аз хоҳиши даври фалаки ходисазой | | | | | 28 | | | | | | 28 |
| Маро ду ҳафта аз ин пеш дар раҳи шабгир | | | | | 37 | | | | | | 37 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз нишондоди ғазалҳо ва ҷадвали №1.2 чунин натиҷаҳо ҳосил мешаванд:

1. Шумораҳои 1-50 оғози ғазалҳое ҳастанд, ки дар "Мунтахабот"-и Савдо дарҷ шудаанд. Ғазалҳои боқимонда аз "Тазкират-уш-шуаро"-и Абдуллоҳоҷаи Абдӣ ба даст омадаанд, ки вориди мунтахаботи шоир нагардидаанд.

2. Ҷамъи умумии байтҳои ғазалҳои таркиби "Мунтахабот"-и Савдо ба 468 баробар аст.

3. Ғазали шумораи 25 дар "Баёз"-и Савдо 1 байт, ғазали рақамҳои 32 ва 35 2-байтӣ бештар доранд. Яъне, 5 байт ба шумораи умумии абёти ғазалҳои "Мунтахабот" меафзояд.

4. Ду ғазали аз тазкираи Абдӣ бадастомада аз назари теъдоди абёт дарозтар буда, дар маҷмуъ, 65 байтро ташкил медиҳанд.

5. Теъдоди байтҳо дар ғазалҳо гуногун буда, аз 3 то 16 байт ва танҳо дар ду ғазал 28 ва 37 байтро дар бар мегирад.

Инчунин, аз мутолиаи "Баёз"-и Савдо маълум гардид, ки ғазалҳои зерин низ ба қалами худи ӯ тааллуқ доранд, аммо ба "Мунтахабот" ворид нашудаанд:

1. То насибам шуд аз он соқии нофарҷом ҷом – 7 байт [Савдо 279, в. 6б].
2. Ба фарёдам рас, эй устоди таббох – 6 байт [Савдо 279, в. 61а]. Бо ин тавзеҳ, ки ин мисраи аввали байти дуюм аст, байти аввал нохоност.
3. Саҳаргаҳ ал-палавгӯён чу хезам – 8 байт [Савдо 279, в. 61а].
4. Хуб шуд он кӯзаро гардан шикаст – 11 байт [Савдо 279, в. 61б].
5. Боз бо гулшан сару кори дигар дорад баҳор – 11 байт [Савдо 279, в. 84б].
6. ...Гоҳе ба хароботи муғон гӯша гузидем – 6 байт [Савдо 279, в. 85а].
7. Эй шухраи шаҳри бевафоӣ – 12 байт [Савдо 279, в. 85б].

Ҷамъи байтҳои ин 7 ғазал ба 61 баробар аст.

Ғазале, ки бо "Эй нигоҳат асари нашъаи сад ҷоми шароб... " [Савдо 279, в. 75б] сар мешавад, дар "Баёз"-и Савдо ҳамчун қасида муаррифӣ шудааст:

Аз сохтор ва муҳтавои ин шеър бармеояд, ки дар қолаби ғазал суруда шуда, саҳван пеш аз нақли он дар баёз "қасида" муаррифӣ шудааст.

Ҳамин тавр, теъдоди ғазалҳои ба забони тоҷикӣ сурудаи Савдо, ки то кунун шинохта шудаанд, 59 адад буда, ҷамъи байтҳояшон ба 599 баробар аст.

Ҷадвали №1.3

| Мисраи аввали шеърҳо | Манбаъ (бо номи асар ва муаллиф) | Навъи шеърӣ | Теъдоди абёт | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Шеъри шаҳрошӯб | Тазкираи Абдӣ | қитъа | 3 | |
| Шеъри шаҳрошӯб | | қитъа | 9 | |
| Бар лабат хубии гуфтор чу дар гавҳар мавҷ | | қитъа | 2 | |
| Лимӯ бо чойи қаймоқӣ маро рӯзе ду бас бошад | | фард | 1 | |
| Шоме нишаста будам чун ғам ба хилвати дил | “Мунтахабот”-и Савдо | қасида | 31+25=56 | Дар “Баёз” (в. 51б-52б) 56 байт аст |
| Шуд ду-се рӯзе, ки шуд барф аз ҷаҳон бардошта | | қасида | 34 | |
| Басе зи атласу дебову парниён фӯта | | қасида | 7 | |
| Эй дил, аз ин сипеҳри ситамгар вафо маҷӯй | | таркиббанд (марсия) | 71+1 (9 банд) = 72 байт. | Дар “Таърихи Раҳимхонӣ” 1 байт дар банди дуюм бештар аст. |
| Эй шуҳраи шаҳри бевафоӣ | | тарҷеъбанд (нотамом) | 35 | |
| Ёди он шаб, ки палав хилвати дил оин кард | | тарҷеъбанд (нотамом) | 14+1=15 | Дар “Баёз” як байт беш дорад. |
| Шабе доштам сар ба болини хоб | | маснавӣ (аз ҳазлиёт) | 188 | |
| Эй чарх, бигӯ, ки дар чӣ созӣ? | | маснавӣ | 16 | |
| Ду кас андар сухан муболиғакор | | маснавӣ | 6 | |
| Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ | | рубоӣ | 2 | |
| Савдо, ки агар гуноҳ камтар дорад | | рубоӣ | 2 | |
| Зи ҷаври бепулӣ будам харобободи ғоратҳо | | қитъа | 2 | |

Идомаи чадвали №1.3

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Раҷаб омад, Худоё, рӯзи шанбе дер гардонӣ | | қитъа | 2 | |
| Иди қурбон омаду бибӣ-отун рос кард | | қитъа | 2 | |
| Он шикоят, ки дил аз кулфати ҳиҷрон дорад | | қитъа | 2 | |
| Моро макун, эй ҷунун, фаромӯш! | | қитъа | 2 | |
| Кадом ҳастӣ, к-ӯ сурат ин, ки дар назар аст | | қитъа | 2 | |
| Моро ба ғайри хони наволи ту муҳол | | фард | 1 | |
| Зоҳид ҳадиси шоҳиду мо истимои панд | | фард | 1 | |
| Баҳрест баҳри чой, ки ҳеч кас канора нест | | фард | 1 | |
| Мекунам исён ба уммеде, ки дар рӯзи ҳисоб | | фард | 1 | |
| З-он дам, ки сӯйи матбах чашми тамаъ кушодам | | фард | 1 | |
| Дил ба ин кӯтоҳдастӣ дар ҳавои қадди ӯ | | фард | 1 | |
| Хоҳам, ки ҳама ҳураш аҳвал гардад | | фард | 1 | |
| Бепул, ҳарифи он маҳи гулрӯ кӣ мешавад? | | фард | 1 | |
| Барои пухтани деги ҳавас ба хони касон | | фард | 1 | |
| Эй даҳр, тарабгоҳи хаёли ману моят | “Баёз” (в. 77а-77б) | мухаммас | 7 банд (35 мисраъ ва 17,5 байт | Дар китоби таърихи адабиёти Р. Ҳодизода (чопи 1968) баъд аз банди 3-юм 2 банд ҳазф шудааст. |
| Гулистони хаёлам хуррам аз ту | “Баёз” (в. 32а-33б) | маснавӣ | 115 | Мисраи 7, қисми аввали 3 байти боло нохоност, сиёҳ шудааст. |
| Дардо, ки фалак маро зи нодонон сохт | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |

Идомаи ҷадвали №1.3

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаргиз фалакам ба иззу давлат нанвохт | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |
| Ин дам, ки фалак маро ба давлат бинвохт | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |
| Дардо, ки саманди толиам ҳеч натофт | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |
| Гардун тани ман зи оташи ғам кура сохт | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |
| Эй чарх, маро ту чанд бечора кунӣ | “Баёз” (в. 44а) | рубоӣ | 2 | |
| Оҳанд ҳасудон, ки ҳарифон палавиданд | “Баёз” (в. 46а) | фард | 1 | |
| Эй ба даври нигаҳат хонаи дин гашта хароб | “Баёз” (в. 54б) | қитъа | 2 | |
| Он шикоят, ки дил аз кулфату ҳиҷрон дорад | “Баёз” (в. 63а) | қитъа | 2 | |
| Баски аз шодоби хаттат шуд ин гулзор сабз | “Баёз” (в. 69а) | тарҷеъбанд | 15 (6 банд) | Мисраи 4-ум, сетои аввал нохоност. |
| Эй даҳр бисоти... | “Баёз” (в. 77а) | мухаммас | 20 (4 банд) | |
| Аз ғамат ҳеч диле оинадори ғам нест | “Баёз” (в. 81б) | қитъа | 2 | |
| Аз тақозои чархи дунпарвар | “Баёз” (в. 84а) | қитъа (и таърих) | 4 | |
| Табъи баландаш басе дошт ба ишрат руҷуъ | “Баёз” (в. 84а) | қитъа (и таърих) | 2 | Таърихи меҳмонхонаи М. Ашурбӣ дар вилояти Дизах |
| Миннат Худойро, ки зи лутфи амими ӯ | “Баёз” (в. 84б) | қитъа (и таърих) | 14 | Таърихи ҷулус |
| Ҳусни ту, ки хуршед аз ӯ буд мисоле | “Баёз” (в. 89б) | фард | 1 | |
| Эй сабза сар аз хоки мазаллат бардор | “Баёз” (в. 102а) | рубоӣ | 2 | |
| Шаҳи адлоин Муҳаммад Аминхон | “Баёз” (в. 167 а) | қитъа (и таърих) | 9 | |
| Соқӣ дар даст ҷоме дар гирифт | “Баёз” (в. 168 а) | қитъа (и таърих) | 16 | |
| Чун Шаҳрисабз бигрифт шоҳи адолатандеш | “Баёз” (в. 168 а) | қитъа (и таърих) | 2 | |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз нишондоди омории ҷадвали №1.3 чунин натиҷаҳо ба даст меоянд:

1. Ғайр аз ғазал дар эҷодиёти Савдо ба тартиби дар ҷадвал омада чунин навъҳои шеърӣ мавҷуданд: қитъа, фард, қасида, тарҷеъбанд, таркиббанд, маснавӣ, рубоӣ, мухаммас (мусаммати мухаммас).

2. Теъдоди навъҳои шеърии мазкур ва ҷамъи абёти онҳо чунин аст:

а) қитъа: 18 – ҷамъ: 79 байт;

б) фард: 12 – ҷамъ: 12 байт;

в) қасида: 3 – ҷамъ: 97 байт;

г) тарҷеъбанд: 3 – ҷамъ: 65 байт;

ғ) таркиббанд: 1 – ҷамъ: 72 байт;

д) маснавӣ: 4 – ҷамъ: 325 байт;

е) рубоӣ: 9 – ҷамъ: 18 байт;

ё) мухаммас (мусаммати мухаммас): 2 – ҷамъ: 37,5 байт;

Шумораи умумии байтҳои ин навъҳои шеърӣ чунин аст: 705,5 .

Ҳамин тавр, мероси мавҷудаи шоир, ки то ҳол ба мо маълум гардид, аз 1335,5 байт иборат буда, мувофиқи теъдоди байтҳо мавқеи навъҳои шеърӣ ба қарори зайл аст:

а) ғазал – 59 адад, 599 байт;

б) маснавӣ – 4 адад, 325 байт;

в) қасида – 3 адад, 97 байт;

г) қитъа – 18 адад, 79 байт;

ғ) таркиббанд – 1 адад, 72 байт;

д) тарҷеъбанд – 3 адад, 65 байт;

е) мухаммас (мусаммати махсус) – 2 адад (4+7 банд), 37,5 байт.

ё) рубоӣ – 9 адад, 18 байт;

ж) фард – 12 адад, 12 байт.

Дар бахши охири “Мунтахабот”-и Савдо ашъори ба забони ӯзбекӣ сурудааш ҷой дода шуда, ки тааллуқоти жанрии онҳо чунин аст: ғазал – 2 (7+4 байт), мухаммас – 1 (7 банд, 35 мисраъ – 17,5 байт), қитъа – 1 адад (2 байт). Мо

дар баррасиҳоямон ашъори ба ин забон сурудаи шоирро фаро нагирифтаем. Ҷамъи абёти ӯзбекии Савдо ба 30 байт ва 1 мисраъ (аз мухаммас) баробар аст.

Агар теъдоди байтҳои ба забони ӯзбекӣ сурудаи Савдоро бо байтҳои ашъори форсӣ (тоҷикӣ)-аш зам кунем, ҷамъи умумии ашъори ба даст омадаи осори манзуми шоир 1 335 байтро ташкил медиҳад.

Чунонки аз омори боло бармеояд, қисми асосии мероси адабии Савдоро ғазал ташкил медиҳад. Бинобар ин, дар табақабандии ашъори шоир баҳс аз жанри ғазал оғоз мешавад.

### 1.2.3. Анвои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо

#### 1.2.3.1. Ғазал

Ҷадвали якуми фасли пешин [Ҷадвали №1.2] маълум мекунад, ки жанри ғазал дар эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо мавқеи асосиро ишғол менамояд. Илова бар 50 ғазале, ки дар “Мунтахабот”-и Савдо ва чанд намунаи ҳамин ғазалҳо, ки дар “Гулшани адаб” чоп шудаанд, аз ду сарчашма: “Баёз”-и Савдо ва “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ боз 9 ғазали дигар пайдо шуд. Акнун ҷамъи ғазалҳои дастраси Савдо ба 59 баробар аст. Ҳамчунин дар натиҷаи муқоисаву муқобалаи “Баёз”-и Савдо бо “Мунтахабот”-и Савдо 5 байт аз се ғазал ба миқдори умумии байтҳо афзуда шуд. Ҳамин тавр, агар теъдоди умумии байтҳои ғазалҳои таркиби “Мунтахабот”-и Савдо ба 468 баробар бошад, ба иловаи ин 5 байт 50 ғазали Савдо аз 473 байт иборат аст. Гузашта аз ин, 9 ғазали навёфта аз 126 байт иборатанд. Ҳамаи инҳоро ба ҳам биёварем, натиҷаи ниҳоӣ чунин мешавад: то имрӯз 59 ғазали Савдо маълум шудааст, ки ҷамъи абёти онҳо ба 599 баробар мешавад.

Сохтори шаклии ғазалҳои Савдо аз назари теъдоди байтҳо аз 3 то 16 байтро ташкил медиҳад. Бештари ғазалҳо дорои 7 байт ва аз он фузун ҳастанд. Шумораи байтҳои ҳар як ғазал дар ҷадвали фасли пешин [Ҷадвали №1.2] дарҷ шудааст.

Дар миёни шеърҳои Савдо, ки дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ дарҷ шудаанд, ду шеър дар қолаби ғазал ҷой дорад, ки аз назари теъдоди байтҳо аз дигар ғазалҳо фарқ доранд. Шеъри аввал аз 28 байт иборат буда, се байти оғозини он чунин аст:

“Дӯш аз хоҳиши даври фалаки ҳодисазой,
Писаре дидаму пойи хирадам рафт зи пой.
Ногаҳ аз кӯчаи дигар саname пайдо шуд,
Кард имо сӯйи он шӯх, ки оҳиста биёй.
Мани бечора ҳам охир зи қафо мерафтам,
Бо дили доғ зи ашки мижаи хунполой...” [Абдӣ 10027, с. 125].

Аз мазмуни ин абёт ва давоми шеър тахмин кардан мумкин аст, ки Савдо дар пайравӣ ба сабки шаҳрошӯб ва равиши ҳаҷвпардозии худ ҳунарнамоӣ кардааст. Се байти охири шеър чунин аст, ки аз рӯйи онҳо бештар моҳияти танз доштани каломи шоир дар ин шеър мушаххас мешавад:

“...Ғусл овардаму иҳроми намозӣ бастам
Пас аз ин аз сари ихлос ба даргоҳи Худой.
Тавба мекардам аз ин хоб, ҳаме овардам
Шукри беҳад зи раҳи бандагии сидқ сафой.
Бепул, аз қавли баду феъли бади худ тавба
Кун ба даргоҳи Худою пас аз ин жож бихой” [Абдӣ 10027, с. 126].

Шеъри дуюм аз 37 байт иборат аст, ки бо абёти зерин сар мешавад:

“Маро ду ҳафта аз ин пеш дар раҳи шабгир
Зи хона ҷониби гармоба уфтод масир.
Маҳи дуҳафта бидидам яке дар он ҳаммом,
Чу маҳ ба ҷавҳару чун офтоб бар танвир.
Накӯшамоилу ширинкалому ҳурлиқо,
Фасеҳмантиқу хушлаҳҷаву накӯтақрир...” [Абдӣ 10027, с. 127].

Се байти охири шеъри мавриди назар чунин аст:

“Хамида ҳамчу камон гӯшагир шуд аз ман,
Ки ман ба хона шудам, ӯ давид ҳамчун тир.

Ниҳод рӯ сӯйи ёрон, ду дида пури об,

Кушод лаб пайи нафрини ман, ду рух чу зарир.

Фузунӣ ин чӣ калом аст, лаб аз ӯ барбанд,

Фузунӣ ин чӣ матоъ аст, дил аз ӯ баргир” [Абдӣ 10027, с. 129].

Чунонки аз равиши сухан ва мазмуни гуфтори адиб бармеояд, дар ин шеър оҳанги шеъри шаҳрошӯб бештар ҷилвагар аст.

Ба шеъри шаҳрошӯб таваҷҷуҳ доштани Савдо аз мазмуни ду қитъаи дигараш ҳам маълум мешавад, ки бо онҳо дар баррасии қитъаҳои шоир шинос хоҳем шуд.

Ҳамин тавр, фақат ду ғазали Савдо аз назари теъдоди абёт тӯлонитар буда, ба тартиб аз 28 ва 37 байт иборатанд.

Ғазалҳои Савдоро аз назари сабки нигориш ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем: а) ғазалҳое, ки дар партави сабки роиҷи замон – равиши бедилӣ гуфта шудаанд; б) ғазалҳое, ки дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ бартарӣ дорад.

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар солҳои аввали шоириаш, асосан, дар пайравии Бедили Деҳлавӣ ғазал гуфтааст. Баъдтар бо таъсиру ташвиқи Аҳмади Дониш ва майли худаш аз услуби душвори Бедил даст кашида, ба соданависӣ рӯ овардааст. Ғазалҳое, ки оҳангҳои тасаввуфӣ ҳам доранд, дар ҷавоби ғазалиёти Бедил эҷод шудаанд, аммо миқдорашон нисбат ба мазмунҳои дигар зиёд нест. Масалан, ғазали зеринро, ки дар пайравии ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил гуфтааст, интихобан меорем:

“Дар ҳарими дил ҷафои кист роҳбар теғро,

Гарчи набвад роҳ дар садди Сикандар теғро.

Ғайри ранҷурон зи кас аҳволи ранҷурон мапурс,

Захм донад чист ҳоли ҷисми лоғар теғро.

Хоҳ абрӯ, хоҳ мижгон, муддао як ғамза аст:

Гоҳ шамшер аст ному гоҳ ханҷар теғро.

Мавҷи май то оби шамшери ситам фарқе надошт,

Шавқ пиндорад ба дасти ёр соғар теғро.

Донишат гар ҳаст, асбоби тамаллуқ гӯ мабош,

Зевараш лозим набошад, ҳаст ҷавҳар теғро.

Боз з-ин дарё саре берун кашӣ ҳамчун ҳубоб,

Ҳар қадар мавҷи ҳаводис рехт бар сар теғро.

Дар кафи хубон зи шохи арғавон натвон шинохт,

Хуни ошиқ карда рангин пой то сар теғро.

Гар набошад шуълаи хуни шаҳиди нози ӯ,

Нест он оташ, ки гардонад самандар теғро.

Аз мувосоҳои софитинатон эмин мабош!

Фитнаҳо дар табъи ҳамвор аст музмар теғро.

Фитнаҷӯёни замонро тарбият кардан хатост,

Чарх аз моҳи нав охир хӯрд бар сар теғро.

Аз фусуни тарбиятҳои замон эмин мабош,

Рӯй бар санг аст аз дасти фусунгар теғро...

Табъи Савдо пур зи истеҳсони дунон тира аст,

Санги нохуш аз фасон созад мукаддар теғро” [Савдо 1958, с. 64].

Мавзуи асосии ғазали фавқ иҷтимоӣ-шиквоӣ буда, ҳолати қаҳрамони лирикиро фаро мегирад. Шоир аз ихтиёроти шоирӣ, нағмаи ҳуруф, қофия, радиф ва вазни рамали мусаммани маҳзуф – фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун (-v--/-v--/-v--/-v-) ҳунармандона истифода кардааст.

Инчунин, ду ғазали Савдо дар ҷавоби ғазалҳои Бедил гуфта шудаанд. Дар поён аввал байти якуми ғазали ҷавобияи Савдо, баъд байти аввали ғазали Бедил зикр мешавад.

Савдо:

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо” [Савдо 1958, с. 29].

Бедил:

“Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо” [Бедил 2018, с. 31].

Савдо:

“Биё, эй ҳури ҷаннат, хирмани пул,

Ба пеши мо биафшон домани пул” [Савдо 1958, с. 33].

Бедил:

“Биё, эй гарди роҳат хирмани ҳусн,

Ба пеши по биафшон домани ҳусн” [Бедил 1403, с. 876].

Ғазалҳои дигари Савдо, ки байти мақтаашон дар поён зикр мешавад, аз назари муҳтаво ба тарзи сухани Бедил қаробат доранд:

“Кард аз хумори рӯи ту кори шароб об,

Аз он ки гарм мешавад аз офтоб об” [Савдо 1958, с. 72].

Ва:

“То насибам шуд аз он соқии нофарҷом ҷом,

Ёфтам аз бодаи ҳасрат мани ноком ком” [Савдо 279, в.6б].

Аз намунаҳои фавқ бармеояд, ки дар пайравии Бедил ғазал гуфтани Савдо бармалост. Дар аксари чунин ашъор Савдо бо истифода аз шакли шеър ва алфози Бедил мазмуну мундариҷаи ғоявии комилан навро баён кардааст.

Ғазалиёти дар пайравии Бедил гуфтаи Савдоро моҳиятан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Якум, ғазалҳое, ки дар онҳо мазмун ва сабки шеъри Бедил асосан риоят мешавад. Дуюм, ғазалҳое, ки дар онҳо фақат аз шакли шеър ва калимаҳои хосси шеъри Бедил истифода мешавад, мазмунҳо дигаргунаанд.

Вежагии муҳимми дастаи якуми ғазалҳо дар он мушаххас мешавад, ки зеҳну забони Савдо дар қиёс ба шоирони ҳамзамони худ ба сабки бедилӣ наздикӣ дорад. Расул Ҳодизода, ки дар мавриди Савдо ҳам таҳқиқ кардааст, дар ин масъала чунин андеша дорад: “Бисёр шеърҳои дар тақлиди Бедил навиштаи Садри Сарир (аз дӯстони Аҳмади Дониш), Сипандӣ, Сират, Бебок ва дигар шоирони “хурду калон”, ки “пайрави тарзи бедилӣ” буданд, дар ашъори худ ғояҳои гӯшанишинӣ, дармондагӣ ва лоилоҷӣ, пессимизми диниро тарғиб менамуданд” [Ҳодизода 1968, с. 127].

Зикр нашудани исми Савдо дар радифи шоироне, ки номашон дар иқтибоси боло наомадааст, далели фарқ кардани тарзи сухани ӯ аз онҳо мебошад. Дар ғазалиёти Савдо ғояҳои дар боло номбаршуда, ки ба камҷуръатӣ

далолат мекунанд, дучор намешаванд. Савдо шоири дар ибрози ақида ҷасур ва аз назари ҷаҳонбинӣ озодандеш аст.

Аз муқоисаи чанд намуна аз ғазалҳои дар пайравӣ ба сабку шеваи Бедил сурудаи Савдо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки шоир суннати татаббуъ ва пайравӣ ба шеъри шоирони машҳури пеш аз худро, ки дар асрҳои XVI-XIX ривоҷ ёфта ва як навъ ба мусобиқаи адабӣ табдил ёфта буд, идома додааст. Ғайр аз Бедил Савдо ашъори Абуисҳоқи Атъимаи Шерозиро низ татаббуъ кардааст, ки дар ашъори атъимаи ӯ мушоҳида мешавад. Ҳангоми баррасии мавзуи ҳаҷву мутоиба ба ашъори атъимаи Савдо ишора мешавад.

Ба назари мо, Савдо дар эҷоди ғазал дар ибтидо ба Бедил пайравӣ карда, ба маҳзи ошно шудан бо услуби эҷодие, ки Аҳмади Дониш дар он рӯзгор пеш гирифта буд, дар пайравӣ ба Аҳмади Дониш ва ҷонибдорони ӯ аз тарзи сухани душвори сабки бедилӣ даст кашида, ба баёни андешаҳое мепардозад, ки ҷомеаи рӯзгори шоир матраҳ будаанд. Чунонки дар баррасии мавзуъҳои асосии ашъори шоир мушоҳида шуд, мазмунҳои танқид ва шикоят аз замона, нобаробарии иҷтимоӣ дар ғазалиёти Савдо басомади чашмрас доранд.

Дар маҷмуъ, қисми зиёди эҷодиёти Савдоро ғазал ишғол менамояд. Аз 50 ғазали тоҷикии шоир, ки дар “Мунтахабот”-и Савдо ҷой дода шудаанд, 8 ғазал бо тахаллуси “Бепул”, 31 ғазал бо тахаллуси “Савдо” ва 11 ғазал бидуни тахаллус омадаанд. Дар 9 ғазали навёфтаи мо, ки вориди мунтахаботи шоир нагардидааст, 1 ғазал бо тахаллуси “Бепул”, 3 ғазал бо тахаллуси “Савдо” ва 5 ғазал бидуни тахаллус гуфта шудааст. Дар якҷоягӣ аз 59 ғазали дастраси шоир 9 ғазал бо тахаллуси “Бепул”, 34 ғазал бо тахаллуси “Савдо” ва 16 ғазал бидуни тахаллус гуфта шудаанд. Савдо дар гуфтани ғазал аввал ба сабки бедилӣ пайравӣ карда, дар охир ба содабаёнӣ рӯй овардааст.

### 1.2.3.2. Маснавӣ ва қасида

Жанрҳои маснавӣ ва қасида дар адабиёти классикии тоҷик мақоми баланд дошта, аксари шоирон ба ин навъҳои шеърӣ дилбастагии хос доштанд. Миёни ашъори Савдо низ жанрҳои мазкур ҷойгоҳи муҳим доранд. Дар ин фасл

теъдоди маснавӣ ва қасидаҳои шоир муайян карда мешавад. Дар эҷодиёти Савдо 4 шеър дар қолаби маснавӣ эҷод шуда, аз 325 байт иборат мебошанд. Шеъри дар қолаби жанрии қасида сурудаи шоир 3 адад буда, дар маҷмуъ, аз 97 байт иборатанд. Чунонки дар натиҷагирии поёни ҷадвали якуми зерфасли дуюми фасли дуюм [Ҷадвали №1.1] ёдовар шуда будем, дар "Баёз"-и Савдо як шеър ҳамчун қасида муаррифӣ шуда бошад ҳам, аз назари сохтори шаклию муҳтавоӣ ба ғазал монандӣ дорад, то қасида. Бинобар ин, мо он шеърро дар шумори ғазал ба ҳисоб гирифтаем.

Аз чор маснавии шоир сетоаш дар китоби "Мунтахабот"-и Савдо омадааст, ки байти аввал ва теъдоди байтҳояшон чунин аст:

"Шабе доштам сар ба болини хоб,
Диле аз ғами даҳр пурилтиҳоб" [Савдо 1958, с. 100].

Ҷамъ: 188 байт.

Ва:

"Эй чарх, бигӯ, ки дар чӣ созӣ?
То чанд маро наменавозӣ?" [Савдо 1958, с. 110].

Ҷамъ: 16 байт.

Дигар:

"Ду кас андар сухан муболиғакор,
Аз Самарқанд яке, дигар зи Бухор" [Савдо 1958, с. 112].

Ҷамъ: 6 байт.

Маснавии чорум дар маҷмуаи "Баёз"-и Савдо дастрас шуд, ки аз 115 байт иборат буда, дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шудааст. Сурати тақтеии ин вазн чунин аст:

мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун
мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -
v - - - / v - - - / v - -

Дар дастнавис қисми аввали се байти якум ба сабаби сиёҳ шудани ранги навишта хонда намешавад. Аз рӯйи хоно будани ҳарфҳо ва мантиқи сухан қисми дуюми ҳарду мисраи байти аввалро чунин хондан мумкин аст:

... шоҳи гардундастгоҳам

... хусрави хуршедчеҳрам.

Байтҳои чорум ва панҷуми маснавӣ равшану хоно китобат шудаанд:

“Гулистони хаёлам хуррам аз ту,

Ба гулҳои умедам шабнам аз ту.

Барои қуввати қалби ҳазинам,

Барои равнақи имону динам” [Савдо 279, в. 32а] .

Ин маснавӣ аз назари муҳтаво ҳамди омехта бо наът аст, ки дар ҷомаи тавсифу тамҷиди маъшуқ сароида шуда, дар он оҳанги тасаввуфӣ бештар рух менамояд. Барои мисол ба байтҳои зерин таваҷҷуҳ мекунем:

“Чи дилҳо маҳви рухсори чу моҳат,

Чи ҷонҳо куштаи теғи нигоҳат.

Ҳазорон соҷиди хоки дарат буд,

Ҳазорон куштаи паймон сарат буд” [Савдо 279, в. 32а].

Ё худ, дар ин байт тавсияи бениҳояти ҷамоли ёр тасвир шудааст, ки бо баёне фарогири ҳукми мутлақ ифода шудааст:

“Ҷаҳоне буд мафтуни ҷамолат,

Диле кай буд холӣ аз хаёлат?” [Савдо 279, в. 32б].

То имрӯз се қасида аз эҷодиёти Савдо шинохта шудааст, ки ҳарсе дар “Мунтахабот”-и Савдо ҷой дода шудаанд.

Воқеан, шеъри аввал ташбиби қасида аст, ки шомили сию як байт буда, бо матлаи зерин оғоз мешавад:

“Шоме нишаста будам, чун ғам ба хилвати дил,

Ногаҳ даромад аз дар он нозаниншамоил” [Савдо 1958, с. 84].

Теъдоди байтҳои ин қасида, ҷамъан, 31 байт дар “Мунтахабот” аст. Аммо матни пурраи қасида, ки дар “Баёз”-и Савдо омадааст, аз 56 байт иборат аст [Савдо 279, в. 51б-52б].

Шеъри мазкурро барои он ташбиб унвон кардем, ки дар мақтаъ, ё худ пеш аз гурез, дар байти тахаллуси он омадааст:

“Дар роҳи мидҳати ту шуд солҳо, ки Савдо,

Мепӯяду ҳанӯзаш пеш аст сад мароҳил...” [Савдо 1958, 85].

Вожаи мидҳат, ки хосси қасида – мавзуи меҳварии он аст, ҳама гуна шубҳаро рафъ месозад.

Қасидаи мазкур муталаввин буда, дар баҳри раҷази мусаммани мақтуи махбун эҷод шудааст:

- - v - / v - - / - - v - / v - -

- - v - / v - - / - - v - / v - -

Баҳри дигари қасидаи фавқуззикр мафъӯлу фоъилотун мафъӯлу фоъилотун буда, баҳри музореи мусаммани ахраб аст:

- - v / - v - - / - - v / - v - -

- - v / - v - - / - - v / - v - -

Қасидаи мазкур гувоҳи ҳунари фитрии Савдо ва истеъдоди ҷибилии ӯ мебошад. Чунончи, баъд аз матлаъ меояд:

“Чунин ғазаб бар абрӯ, ҳарфи ситеза бар лаб,

Лабҳо ба ханда роғиб, абрӯ ба ғамза моил.

Гуфтам, ки эй зи рӯят хуршед ҳамчу маҳ зард,

В-аз ғайрати қадат сарв дар боғ пой дар гил.

В-эй сарви қомататро умри абад баробар

В-эй акси талъататро нури хирад муқобил!

Ман ҳаргиз инчунинат пурхашму кин надидам,

Хандону тозарӯ бош, хашму ғазаб фурӯ ҳил...” [Савдо 1958, 85].

Аҷобати тасвирсозиҳо, гузориши вожаҳо, гузиниши таркиби овозии калом, изҳори ҳадаф, муносибат, мурочиат, пандгӯйӣ, эҳсоси басо эҳтиёткоронаву равонковонаи тасвир, дарёфти аносири ҳунарӣ дар мазмунсозӣ, дарёфти қавофӣ, радиф, авзони хушилҳону гӯшнишин, динамикаи тасвир ва ғайра, ба назари мо, натанҳо дар лирикаи ишқӣ, инчунин, дар ашъори васфу ситоиш, мадҳу сано аз ҷониби Савдо писандида ва марғуб аст.

Қасидаи дуюми таркиби “Мунтахабот” низ дар ғояти салосату ҷазалот эҷод шуда, тағаззули басо ихчам дорад, вале мантиқан тасвир тӯл мекашад.

Қасидаи мазкур дар ситоиши донишманде ба ному насаби Мир Саъдуллоҳ эҷод шудаву адиб дар ин қасида ҳарду исми адабии хеш: “Савдо” ва “Бепул”-ро зикр кардааст, ки падидаи нодир аст.

Қасида бо тасвири баҳор ва рахти сафар бастани сармо оғоз мешавад ва як навъи баҳорияро хотиррасон месозад. Чунончи:

“Шуд ду-се рӯзе, ки шуд барф аз ҷаҳон бардошта,
Ғам зи дил, сармо зи тан, меҳнат зи ҷон бардошта,
Мужда махмурони ишратро, ки дар гулзори дам
Гул ба соғар рашки ёқути равон бардошта.
Сабзаи насрин дамида, боғ зиннат ёфта,
Сарв қад афрохта, қумрӣ фиғон бардошта...” [Савдо 1958, 86].

Қасидаи мазкур ба манзури мухтассоти шаклӣ: муқаффову мураддаф буда, дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф (баъзан мақсур) рӯйи кор омадааст, ки шакли афоилии он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v -
- v - - / - v - - / - v - - / - v -

Дар қасидаи мазкур низ чун қасидаи қаблӣ ҳасби ҳоли адиб низ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Ҳолати мазкур баъд аз овардани шаш байт, аз байти ҳафтум оғоз мешавад, ки чунин аст:

“...Ҷуз мани ғамгин, ки дар минои айшам ҳар замон
Мезанад дасти қазо санги гарон бардошта.
Охир, он ман нестам, к-андар басити рӯзгор,
Дар ҳунар овоза чун ҳусни бутон бардошта...” [Савдо 1958, 86].

Қасида дорои сию чаҳор байт (68 мисроъ) буда, баъзан баъзе калимаҳо ғалат хонда шуда, андаке мантиқи ифода ва таносуби калом дигартар муқтазо доранд. Чунончи, ин байти мақтаи қасида:

“...Яъне, гар баҳри тафарруҳ моили саҳро шавӣ,
Дар рикобат меравам, дил аз ҷаҳон бардошта” [Савдо 1958, 88].

Дар мақтаи мазкур ҳадаф сайри саҳро буда, мантиқи сухан ва таносуби калом тафарруҷро руҷҳон медиҳад.

Қасидаи сеюм бо байти зерин оғоз мешавад, ки аз 7 байт иборат аст:

> “Басе зи атласу дебову парниён фӯта,
>
> Зи шолу шимлаву зарбафт метавон фӯта” [Савдо 1958, с. 89].

Дар заминаи ду қасидаи аввали Савдо, ки абёташон бештар аст, метавон роҷеъ ба консепсияи мадҳиявии адиб баҳс ба миён овард. Зеро қасида қиёсан ба анвои дигари ашъори лирикӣ имтиёзҳои бештар дорад. Муҳташамӣ, ки бунёди дарунмоягии қасида аст, қариб ки маҳдудият надорад. Мутантанӣ, ки дар қасоид яке аз мухтассоти дигар аст, дар ин ду қасидаи Савдо бармало мушоҳида мешавад. Шоир маҳз ба хотири нишон додани истеъдод, дониш, ҳунар ва шаҳомати хеш қиёсан бо ҳампешагон, дар қасида аз кулли имконот кор мегирад.

Қасоиди фавқуззикри Савдо нишон медиҳанд, ки адиб, воқеан, суханвари беқиёс аст ва истеъдоди фитрӣ дорад. Бо вуҷуди рӯзгори фақирона, дар қасоиди мадҳӣ рӯ ба тамаъ, тамаллуқ, чоплусӣ намеорад. Дуруст аст, ки оҳанги нодорӣ, тангии маишӣ натанҳо дар қасоиди ӯ, беш аз он дар тамоми ашъораш хуб эҳсос мешавад. Вале консепсияи мадҳи ӯ бо он характернок аст, ки аз соҳибмансабон, табақаҳои ҳоким ва аҳли ҷоҳу мансаб тамаъ намекунад. Ӯ танҳо дар ибтидои фаъолияти шоирии хеш боре дар як ғазал ҳатто ишорае ҳам дорад, ки аз ғурури шоистаи ӯ дарак медиҳад: “Бепул, аз қашшоқият ғамгин машав” [Савдо 1958, 36]. Ин худ гувоҳи он аст, ки тангии маишии адиб низ оҳанги басо баланд, садои истеҳзову сухрият дорад.

Ҳамин тавр, дар “Мунтахабот”-и Савдо се шеъри васфӣ, ё худ мадҳӣ оварда шудааст, ки мураттиб онҳоро қасоид унвон кардааст. Аз муҳтавои қасоиди Савдо бармеояд, ки онҳо фарогири мазмунҳои комилан мадҳӣ нестанд, балки бештар ба бахши тағаззули қасидаҳо монандӣ доранд. Мутаассифона, оид ба мадҳи Савдо муҳаққиқон муносибати худро изҳор накардаанд. Як хусусияти басо қавии мадҳу санои адиб, он аст, ки ӯ ба кадом мавзуе, ки даст

занаду рӯ биёрад, ҳатман аз ҳоли хеш хабар медиҳад. Аз чоплусию тамаллуқ ва ҳама гуна тамаъ дурӣ мечӯяд.

### 1.2.3.3. Қитъа ва рубоӣ

Жанрҳои қитъа ва рубоӣ аз рӯйи теъдоди байтҳояшон паси ҳам оварда шуданд. Ба ин тартиб, аз назари фарогирии абёт дар миёни ашъори манзуми Савдо пас аз жанрҳои ғазал, маснавӣ, қасида қолабҳои шеърии қитъа ва рубоӣ қарор мегиранд. Миқдори қитъа дар эҷодиёти Савдо 18-то буда, ҷамъи байтҳояшон ба 79 мерасад.

Қитъаҳои Савдоро аз назари фарогирии мазмун ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: ишқӣ, ҳаҷвӣ-мутоибавӣ-танзӣ, фалсафӣ, таърихӣ (зикри моддаи таърих), шаҳрошӯб.

Ишқ. Дар қитъаҳое, ки бо чунин мисраъҳо сар мешаванд, оҳангҳои ишқӣ матраҳ шудаанд: “Бар лабат хубии гуфтор чу дар гавҳар мавҷ”; “Моро макун, эй ҷунун, фаромӯш!”; “Эй ба даври нигаҳат хонаи дин гашта хароб”; “Он шикоят, ки дил аз кулфату ҳиҷрон дорад”; “Аз ғамат ҳеч диле оинадори ғам нест”.

Ҳаҷв, мутоиба ва танз. Қитъаҳое, ки дар онҳо мазмунҳои алоқаманд ба ҳаҷв, мутоиба ва танз ифода шудаанд, бо чунин мисраъҳо оғоз мешаванд: “Зи ҷаври бепулӣ будам харобободи ғоратҳо”; “Раҷаб омад, Худоё, рӯзи шанбе дер гардонӣ”; “Иди курбон омаду бибӣ-отун рос кард”; “Он шикоят, ки дил аз кулфати ҳиҷрон дорад”.

Фалсафа. Оҳанги фалсафии наздик ба сабки Бедил фақат дар як қитъае, ки бо мисраи “Кадом ҳастӣ, к-ӯ сурат ин, ки дар назар аст” оғоз мешавад, мушоҳида мешавад.

Моддаи таърих. Зикри моддаи таърих дар чаҳор қитъа ба назар расид, ки мисраъҳои аввали онҳо чунин аст: “Аз тақозои чархи дунпарвар”; “Табъи баландаш басе дошт ба ишрат руҷуъ”; “Миннат Худойро, ки зи лутфи амими ӯ”; “Шаҳи адлоин Муҳаммад Аминхон”; “Соқӣ дар даст ҷоме дар гирифт”; “Чун Шаҳрисабз бигрифт шоҳи адолатандеш”.

Марҷаи ҳамаи қитъаҳои дар боло ёдшуда дар ҷадвали дуюми дар зерфасли дувуми фасли дуюми ҳамин боби диссертатсия овардашуда [Ҷадвали №1.3] дарҷ шудаанд.

Шаҳрошӯб. Аз мазмуни ду қитъаи Савдо, ки дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдӣ, дар охири намунаҳои ашъори ӯ зикр шудааст, маълум мешавад, ки шоир ба гуфтани шеъри шаҳрошӯб ҳам майл доштааст. Бинобар он ки дар ин ду намуна алфози қабеҳ ҳам истифода шудаанд, танҳо байтҳои охири онҳо бо мақсади шиносоӣ нақл мешавад. Якум:

“Раво бувад, ки кунун бозпас равам зи дарат,

Ба худ фурӯ шуда, гирён, фиканда сар дар пеш” [Абдӣ 10027, с. 129].

Дуюм:

“Возеҳ накардаем касеро, ки бармало,

Ҳар кас ҳикояте ба тасомиъ чаро кунад?” [Абдӣ 10027, с. 130].

Теъдоди рубоӣ дар эҷодиёти Савдо ба 9 баробар буда, аз ин миён ду рубоӣ дар “Мунтахабот”-и Савдо чоп шуда, ки мисраъҳои якумашон чунин аст: “Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ”; “Савдо, ки агар гуноҳ камтар дорад”. 7 рубоии дигар дар “Баёз”-и Савдо ба даст омаданд. Рубоиҳои аз ин баёз ба даст омада бо чунин мисраъҳо сар мешаванд: “Дардо, ки фалак маро зи нодонон сохт”; “Ҳаргиз фалакам ба иззу давлат нанвохт”; “Ин дам, ки фалак маро ба давлат бинвохт”; “Дардо, ки саманди толиам ҳеч натофт”; “Гардун тани ман зи оташи ғам кӯра сохт”; “Эй чарх, маро ту чанд бечора кунӣ”; “Эй сабза сар аз хоки мазаллат бардор”.

Бо мақсади шиносоии бештар бо рубоиёти шоир ду рубоии дигарро аз “Баёз”-и Савдо иқтибос мекунем:

“Дардо, ки саманди толиам ҳеч натохт,

Фарёд, ки ҷонам зи ғаму ғусса гудохт.

Ҳар ранҷу ано, к-аз осмон шуд нозил,

Гӯё, ки ба ҷуз ман дигареро нашинохт” [Савдо 279, в. 44а].

Ва:

“Эй чарх, маро ту чанд бечора кунӣ?!

Бечора дилам зи ғусса садпора кунӣ.

Ман сифлааму умедворам, к-имрӯз

Ҳолам донӣ, ба кори ман чора кунӣ” [Савдо 279, в. 44а].

Чунонки мушоҳида мешавад, дар ин рубоиҳо назари гӯянда нисбат ба тақдири шахсияти ғиноӣ ва умедвории ӯ дар дунё баён шудааст.

### 1.2.3.4. Дигар анвои шеърӣ

Дар эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо жанрҳои шеърии таркиббанд (1 адад, 72 байт), тарҷеъбанд (3 адад, 65 байт), мухаммас (2 адад (4+7 банд), 37,5 байт), фард (12 адад, 12 байт) ва аз навъҳои рӯбаноии адабиёт марсия, шаҳрошӯб ва ҳазлиёт низ дучор мешаванд. Жанрҳои рӯбаноӣ аз рӯйи сохтори шаклиашон дар таркиби навъи адабии дахлдор баррасӣ мешаванд.

**Таркиббанд**. Дар қолаби таркиббанди Савдо марсия эҷод шудааст. Абдулқодирхоҷаи Савдо як марсияи калонҳаҷм дорад, ки аз 72 байт иборат буда, дар қолаби таркиббанд гуфта шудааст. Бо матни ин марсия аз “Мунтахабот”-и Савдо шинос шудан мумкин аст, ки байти аввали он чунин аст:

“Эй дил, аз ин сипеҳри ситамгар вафо маҷӯй

В-аз ин кабудхулла дами ошно маҷӯй!” [Савдо 1958, с. 90].

Аммо дар ин матн як байт намерасад. Дар натиҷаи муқоисаи матни ин маснавӣ дар ду манбаъ: “Мунтахабот”-и Савдо ва “Таърихи раҳимхонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, ки бо номи “Таърихи хонӣ” машҳур аст, маълум шуд, ки дар банди дуюми мунтахаботи мазкур, пеш аз мисраи охир байти зерин, ки аз манбаи дуюм дастрас шуд, афтидааст:

“Чун ҳар бало гузашт ба уммеди мухлисим,

Ғофил, ки осмон ба хаёли иъода аст” [Карминагӣ 1213, с. 292 а].

Пас маълум мешавад, ки ин марсия дар шакли таркиббанди нуҳбайтӣ эҷод шудааст.

Г. Галимова қабл аз иқтибоси матни ин марсия дар қавсайн чунин овардааст, ки ба номуайянии мухотаби шоир далолат мекунад; “Ба вафоти Наҷмиддин Махдум ном яке аз олимони вақт” [Савдо 1958, с. 90]. Аммо дар

матни “Таърихи раҳимхонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ бо ранги сурх ҳамчун сарлавҳа чунин омадааст, ки мухотаб равшан аст: “Абдулқодирхоҷа мутахаллис ба Савдо ин марсияро ба реҳлати устоди худ – Наҷмиддин-махдуми Судур гуфта” [Карминагӣ 1213, с. 192]. Маълум мешавад, ки Савдо ин марсияро ба муносибати даргузашти устоди худ гуфтааст, ки исмаш Наҷмиддин-махдуми Судур будааст.

**Тарҷеъбанд**. Аз се тарҷеъбанди Савдо дутоаш дар китоби “Мунтахабот”-и Савдо чоп шудааст. Тарҷеъбанди сеюм, ки аз се банди панҷмисраӣ иборат аст, аз “Баёз”-и Савдо ба даст омад. Се мисраи аввали ин тарҷеъбанд ба сабаби сиёҳӣ хонда намешавад, банди охираш чунин аст:

“Сози мастӣ гӯш бар овози қулқул будан аст,
Ҳар куҷо рангест, маҳви соғари гул будан аст.
Сабзии хат сояи андози кокул будан аст,
Ҷузвҳоро тобиъи кайфияти гул будан аст,
Санг ҳам дар шишаи май ғалта шуд, ҷуйбор сабз” [Савдо 279, в. 69а].

**Мухаммас**. Ҳарду мухаммаси Савдо дар баёзи худи шоир ба даст омадаанд. Мухаммаси якум бо байти зерин сар мешавад:

“Эй даҳр, тарабгоҳи хаёли ману моят,
Авҳоми бисоти тараб афганда сароят.
Тӯли амал андохта занҷир ба поят,
Афканда туро ҳирси ту дар чоҳу балоят,
З-ин домгаҳ осон накунад харҷи рибоят” [Савдо 279, в. 77а].

**Фард**. Фардҳои Савдо аз се манбаъ: “Мунтахабот”-и Савдо (9 фард), “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ (1 фард), “Баёз”-и Савдо (2 фард) ба даст омадаанд. Фардҳои таркиби сарчашмаи охир чунинанд:

“Оҳанд ҳасудон, ки ҳарифон палавиданд,
Миранд зи ғам, ҳам палаву ҳам палавиданд” [Савдо 279, в. 46а].

Ва:

“Ҳусни ту, ки хуршед аз ӯ буд мисоле,
Ё Раб, маписандаш, ки расад ранги заволе” [Савдо 279, в. 89б].

Бо 9 фарди дигар аз тариқи “Мунтахабот”-и Савдо шинос шудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, аз мавҷуд будани анвои шеърии дар ин зерфасл зикршуда дар эҷодиёти Савдо маълум мешавад, ки ин шоири тавонои рӯзгори худ дар ҳамаи анвои маъмули ашъори ғиноӣ шеър сурудааст. Жанрҳои рӯбаноии адабиёт дар коргоҳи эҷодии Савдо вусъати чандон надошта бошанд ҳам, аз пайгирии суннати адабии роиҷ дар марказҳои адабии қаламрави Мовароуннаҳр, бахусус Бухоро, дарак медиҳанд.

### 1.2.4. Асарҳои мансури Савдо

Дар миёни мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо, агарчи андак, асарҳои насрӣ ҳам мавҷуданд, ки намоёнгари қудрати адиб дар иншои насри адабӣ ҳастанд. Ҳамаи муҳаққиқоне, ки дар бораи эҷодиёти ин адиби тавонои замони худ баҳс кардаанд, аз асарҳои ба тариқи наср эҷод кардаи ӯ низ сухан ба миён овардаанд. Х. Асозода оид ба мухтассоти мавзуии осори Савдо баҳс ба миён оварда, таъкид мекунад, ки “Савдо агар дар назм “соҳибэҷоди хориқанамо” бошад, дар наср, бахусус насри ҳаҷвии ӯ, дар равнақу ривоҷи ҳаҷви иҷтимоии адабиёти поёни қарни нуздаҳ ва ибтидои садаи бист нақши муайян гузоштааст. Сабки омиёна ва содаву нишонраси Савдоро дар “Ақоид-ун-нисо”-и Возеҳ ва “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Шоҳин равшан дидан мумкин аст” [Асозода 2014, с. 25].

Аз ин баҳсҳо ва мероси дастраси Савдо маълум мешавад, ки асарҳои мансури ӯ нисбат ба шеърҳояш аз назари теъдод ва ҳаҷм хеле кам ҳастанд.

Мероси мансури Савдо аз як ҳикояти хурд ва як асари дигар иборат аст, ки бо номи “Музҳика” шинохта мешавад [Савдо 1958, с. 22-23]. Ҳикояи Савдо ба як мунаҷҷими бетолеъ бахшида шудааст. Матни пурраи ин ҳикоя дар “Баёз”-и Савдо дарҷ шудааст. Бо мақсади шиносоӣ бо сабки сухани Савдо дар наср ин ҳикоя аз рӯйи сарчашмаи мазкур айнан нақл мешавад:

“Бандаро рӯзе бо мунаҷҷиме иттифоқи суҳбат афтод. Пурсидамаш, ки:

– Дар ин овон Уторид мустақим шуда?

Гуфт:

– Он чи Уқлидус дар “Мачастӣ” гуфта, ки “қад қаддамно лака, ё Соврус, ва кун мин-ал-аввалин” далел аст бар он, ки куравияти арз ҳақиқӣ нест. Пас фалаки қамарро аз буручи исноашара хабаре набошад.

Чун ин миқдор иртиботи каломаш донистам, гуфтам:

– Зиҳӣ, балид мане, чун ба ришу дасторат назар кунам, нашиносам, ки чист маънии ту.

Гуфт:

– Аз ин беҳтар такаллум кунам?

Гуфтам:

– Не, ба ҳолам тараҳҳум кун!

Гуфт:

– Магар аз ҳаводиси забунӣ зоичаи толеат нигарам?

Гуфтам:

– Агар кавкаби бахтам саъд будӣ, ҳароина, бо ту дучор нагардидаме.

Гуфт:

– Донистам, ки ришхандам мекунӣ.

Гуфтам: Шукр Эзадро, ки ин миқдор фаросатат будааст” [Савдо 279, с. 93а].

Асари дуюми насрии Савдо “Музҳика” ном дошта, аз муқаддима ва маҷмуи панҷ ҳикоят иборат аст, ки ҳама мухтасаранд. Сухани аввали Савдо дар муқаддима мақсади ӯро дар нигоштани музҳика равшан мекунад: “... Ман музҳика тартиб медиҳам. Агар дилат хоҳад, биханд в-агарна он қадар, ки ҷонат бикоҳад, бигирйӣ. Чун ҳосили ҳарду ҳеҷ аст, бар ман туҳмати бекорӣ мабанд.

Аз ҳазор пеша, ки дар ҳеч мақом борам надоданд ва дар ҳеч маҳфил эътиборам накарданд, умрест искофу наддофам мехонад ва ин аллофам медонад, вай саррофам мегӯяд, он саҳҳофам мешуморад. Ӯ гумон дорад, ки таввофу ҳаррофам, ки шарафи қабули зурафо дарёфта, муште аз ҷуволи маънӣ ба гӯшаи рӯймол баста бошам ва муфтахарона тарфи кулоҳи нихват шикаста, аз боди бурут тунд нишаста. Бале, бале метавонад, ки саҳҳофам сар аз дарвозаи дутабақаи китоб дарун карда бошад...

Пас ба матлаб месароям ва панҷ нағма дар панҷгоҳ аз панҷ мақула месароям ва хештанро зоҳиди панҷвақтӣ менамоям” [Савдо 1958, с. 125].

Баёни хандаовари муаллиф дар ифодаи умумӣ маълум бошад ҳам, зикри “тавсиф”-ҳое, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, ба мисли “искоф” – кафшдӯз, “наддоф” – ҳаллоҷ, пахтазан, “аллоф” (علّاف) – биринҷфурӯш, маҷозан ба маънии бекор ё кори ботил, “сарроф” – касе, ки пули сараро аз қалбакӣ ҷудо мекунад, “саҳҳоф” – ҷилдсоз, “таввоф” – тавофкунанда, “ҳарроф” – пургӯй, маҷозан ба маънии беҳудагӯй аз ҳақиқати дарки ҷомеаи ҳамонвақта аз ҷузъиёти зиндагии шахси огоҳ далолат мекунад. Таркибҳо “тарфи кулоҳи нихват (такаббур, худбинӣ) шикастан” ва “аз боди бурут тунд нишастан” киноя аз баҳои ғайривоқиест, ки ба шахси огоҳ нисбат дода мешавад. Натиҷаи умумӣ аз ҳоли ҷомеа гиристан аст, ки ҳамон ҳаҷви таълимии Убайди Зокониро ба хотир меорад.

Дар муқаддимаи асар номи панҷ ҳикоят оварда шудааст, ки чунин аст:

1. Нағмаи аввал. Дар муҳовироти омиёнаи туркию форсию тозӣ.

2. Нағмаи дуюм. Дар муҳокоти ҳумақо.

3. Нағмаи сеюм. Дар мутоиботи риндона.

4. Нағмаи чорум. Дар фукоҳоти нисо.

5. Нағмаи дуюм. Дар муомилоти сибён.

Ҳикояҳо нағма номида шудаанд. Дар унвони нағмаҳо мавзуи бобҳо ифода шудааст ва аз муҳтавои ҳикоёт ҳам маълум мешавад, ки ҳар кадом аз назари мавзуъ гуногун мебошанд. Ҳикояти якуму дуюм фарогири баъзе расму русуми ахлоқи ҳамондавраинаи мардум буда, дар се ҳикояти дигар ба чунин масъалаҳо таваҷҷуҳ шудааст: русуму одоби мулоқоти тоҷикон ва халқҳои туркзабон, нукоти маслиҳатомез дар бораи занон, дар муомила бо кӯдаконе, ки ҳанӯз забон набаровардаанд, танқиду мазаммати баъзе одоти роиҷ дар миёни мардум, амсоли эмкунӣ ва дигар эътиқодоти хурофотӣ.

Савдо дар ҳамаи ҳикояти панҷгона аз муҳовароту истилоҳоти роиҷ дар миёни мардуми тоҷику турк истифода карда, ба ин васила “беиттифоқиҳои табоеъ”-ро нишон дода, ба чунин натиҷа мерасад, ки он ҳама “дар ҳама мазоқ хушгувор нест ва кирдоре дар ҳама мизоҷ созгор”.

Савдо дар баъзе ҳикояҳо порчаҳои назмӣ ҳам овардааст, ки ба мазмуни гуфтор мутобиқати том дошта, идомаи фикри ровиро ифода мекунанд. Чунин услуби баён дар нағмаи дуюм равшан аст. Дар ин нағма ҳикояти ҳалвофурӯш ва муллое нақл мешавад, ки дар як гузар дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд. Мулло ҳар рӯз ҳалвофурӯшро таъриф карда ва ба ивази он ҳалво мегирифт. Баъд аз муддате кори ҳалвофурӯш танг шуду бо мақсади ёриталабӣ ба мулло мурочиат кард. Идомаи ҳикоя дар асар айнан чунин аст:

“Ҳавлоӣ гуфт:

Мими номи маро бибур, нун кун,
Ғами фақрам зи сина берун кун.

Баночор он чи фарохури кор буд аз динору дирам, дамаш кард ва аз боби дори хеш нафйи қадамаш намуд:

Он чи хӯрдам, омад аз бинӣ бурун,
Махраҷи ҳавлои мардум нест...
Рӯзгорат мекунад биникашак,
Пеши нафси хеш агар гаштӣ забун.

Муллои бечора, ки ҳар рӯз назди мардум ба дӯстии ҳавлоӣ муҳобот ва ба ҳазор забонаш месутуд, муддате хомӯш ёфтанд. Шӯхчашме сурати ҳолро бо маонӣ дарёфта буд, ба тарзе савол кард, ки:

– Оё хотири шарифи муллоро аз бахшандаи ҳавло малолест?

Мулло аз шарми маломату хиффат саросемавор гуфт:

– Не, не, балки он дӯсти ҳавлоӣ аз соҳибкамолони аҳли ҳол буда, ки аз ин ҳама ситоишҳои ман табъи шарифаш ранҷида, қибобро аз ман мисоқе гирифта, ки минбаъд чизе аз маҳомид ва маҳосини ӯ бар забон наёрам” [Савдо 1958, с. 129-130].

Ин ҳикоят бо чунин байтҳо ба охир мерасад, ки моҳияти таълимӣ доштани ҳаҷви Савдоро бармало месозад:

“Марав бе узри шаръӣ ҷои мардум,
Тамаъ бардор аз ҳалвои мардум.
Ба муздурӣ гарат як поча рӯзист,

Махӯр аз каллаю гипои мардум.

Фулусеро, ки дар охир ҳисоб аст,

Чӣ ҳоҷат тангаю тиллои мардум?

Қаноат кун, ки охир аз қаноат

Тавон гардид боюлбои мардум” [Савдо 1958, с. 30].

Ҳамин тавр, Савдо ҳам дар ҳикояти ҷудогона ва ҳам дар ҳикоёти таркиби “Музҳикот” нуқсонҳои мавҷуд дар ҷамъият ва афроди камдониши худнаморо, ки рафтори онҳо ба хурофоту таасуб омехта аст, мавриди ҳаҷву масхараву танқид қарор додааст.

Хулосаи куллӣ чунин аст, ки, нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи адабиёти тоҷик яке аз давраҳои муҳим ва аз назари густаришу мавҷудияти ҳавзаҳои адабӣ дорои доманаи васеъ мебошад. Дар ин давра адабиёти тоҷик дар ҳудуди ҷуғрофии мардумони бумӣ ва ғайрибумӣ, дар сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон, қаламрави таърихии шибҳиқораи Ҳинд, Осиёи Сағир, марзҳо ва баъзе вилоёти Чин густариш пайдо карда, дар ҳар қаламрав дорои чандин ҳавзаҳои адабӣ буд. Аз ҷумла, адабиёти тоҷик дар саросари сарзамини Осиёи Миёна бо марказият дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хӯқанд, Хева, Хуҷанд, Бадахшон ва дигар минтақаҳои дорои сокинони хушзавқ инкишоф меёфт. Дар ин марказҳои адабӣ шоирону донишмандони зиёде ҷамъ омада, дар баробари идома бахшидан ба анъанаҳои гузаштаи адабӣ дар партави тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ба амал омада буд, ба падидаҳои адабии ҷадид такя ва аз адибони пешқадами давр пайравӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои анҷомшуда маълум мешавад, ки кори ҷамъоварӣ ва нашри осори Савдо то ҳанӯз ба таври пурра анҷом нашудааст. Ҳамаи асарҳои адиб дастрас нашудаанд, вале аз рӯйи ҳамин миқдори муайяни дастрасшуда дар масъалаи таъйини ҷаҳонбинӣ ва ҷойгоҳи шоир дар адабиёти асри XIX форсии тоҷикӣ хулосаҳои зарурӣ баровардан мумкин аст. Абдулқодирхоҷаи Савдо аз хурдсолӣ ба шеъргӯӣ машғул шуда, баъд аз ҳамчун

шоир дар қаламрави Мовароуннаҳр шуҳрат пайдо кардан ба дарбори амирони манғити Бухоро роҳ меёбад.

Савдо дар тӯли фаъолияти эҷодии худ бо ду тахаллус шеър гуфтааст: Савдо ва Бепул. Дар шеърҳои анъанавӣ ва ба сабки суннатӣ гуфтааш Савдо ва дар ашъори ҳаҷвӣ Бепул тахаллус мекард. Бо ҳарду тахаллуси адабӣ намунаи ашъори шоир боқӣ монда ва дастрас аст.

Мероси адабии Савдо аз назму наср иборат аст. Ашъори манзуми шоир дар жанрҳои ғазал, қасида, маснавӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, рубоӣ, фард эҷод шудаанд. Дар ин миён ҷойгоҳи асосиро жанри ғазал ишғол менамояд.

Аз осори мансури Савдо як ҳикоя ва як асари дигар бо номи “Музҳика” боқӣ мондааст. Ҳикоя кутоҳ буда, мавзуи он танзи як мунаҷҷими бетолеъ аст. “Музҳика” дорои муқаддима ва панҷ ҳикоя мебошад.

# БОБИ II
# “БАЁЗ”-И АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО ВА АҲАММИЯТИ ОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ

## 2.1. Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии “Баёз”-и Савдо

“Баёз”-и Савдо дар китобхонаи АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ, таҳти рақами 279 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур баёз буда, дар он аз ашъори шоирони гуногун, аз ҷумла, худи соҳиби баёз намуна оварда шудааст. Мушаххасоти нусхашиносии Баёз ҳамчун дастнависи комил тибқи асосҳои маъмул дар назарияи тавсифи нусхаҳои хаттӣ баррасӣ мешавад. Мувофиқи ин назария, нусхаи хаттиро аз руйи бисту шаш вежагӣ, ё худ моддаҳои кодикологӣ тавсиф мекунанд [Мақсудзода 2025, с. 222-223]. Мумкин аст, ки на ҳамаи нусхаҳои хаттӣ ба таври комил фарогири аслҳои мазкур бошанд. Аз ҷумла, “Баёз”-и Савдо низ тамоми унсурҳои нусахи хаттиро дар бар намегирад. Бинобар ин, ҳангоми тавсиф ба ҳолати мавҷуди дастнавис таваҷҷуҳ карда мешавад.

Дар назарияи нусхашиносӣ ду тарзи тавсифи нусхаи хаттӣ шинохта шудааст: тавсифи библиографӣ, ки онро тавсифи китобшиносӣ ҳам мегӯянд ва тавсифи кодикологӣ, ё худ нусхашиносии китоби дастнавис. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки нусхаи мавриди назарро аввал тавсифи библиографӣ намуда, пасон ба тавсифи кодикологӣ гузарем. Ҳангоми тавсиф бахшҳое ба назар гирифта мешаванд, ки дар илми китобшиносию нусхашиносӣ маъмул буда, дастури амалии онҳоро мо аз мақолаҳои устоди нусхашиносамон, профессор Б. Мақсудзода омӯхтаем [Мақсудзода 2025, с. 220-226].

1. **Унвони нусха**. Нусха аз назари сохтор ва мундариҷа “Баёз” буда, дар он бештар аз ашъори шоирони гуногун намуна дида мешавад. Наср дар ин асар камтар аст, фақат чанд намуна зикр шудаасту бас.

Нусха бо бадрақа шуруъ мешавад. Чанд вароқи аввал ҳамчун бадрақа холӣ гузошта шудаанд. Дар ҳеҷ ҷойи нусха ба унвони хоссе барои китоб ишорае

нашудааст. Вале аз он ҷо ки котиби нусха ва ё мубтакири он Абдулқодирхоҷаи Савдо шинохта шудааст, онро ҳамчун “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо мешиносем. Дар охирин саҳифаи бадрақаи аввали нусха чунин навиштаҷот ба назар мерасад: “Ин баёз саросар ба дастхатти ҷаноби зубдат-ул-офоқ Абдулқодирхоҷаи Савдоии авроқ, ки дар байни афозили дорулхилофаи Бухоро кашшамсу фӣ васати-н-наҳор дар уфуқи ашҳор расида, марқум ва мусаввад аст. Раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, раҳматаҳу восиатан” [Баёзи Савдо, 1а]. Дар поёни ин навиштаҷот номи Махдум сабт шудааст.

2. **Забони нусха**. “Баёз”-и Савдо ашъореро дар бар мегирад, ки аз тарафи шоирони форсу тоҷик навишта шудаанд. Аз ҳамин сабаб, қисми умдаи дастхатро ашъори бо забони форсӣ-тоҷикӣ эҷодшуда дар бар мегирад. Қисмати хеле ками нусха бо забони арабӣ навишта шудааст. Навиштаҷоти арабии нусха, асосан, дуоҳо ё оёте аз Қуръонро дар бар мегиранд. Дар якчанд вараҷи нусха байтҳое ба забони арабӣ оварда шудаанд, ки теъдодашон хеле кам аст. Қисмати дигари матни нусха бо забони ӯзбекӣ навишта шудааст. Бештари ашъори ӯзбекии нусха ба худи Савдо тааллуқ дорад.

3. **Мавзуи нусха**. Мавзуи баёз гуногун аст. Дар нусха ашъори шоирон ба таври пароканда китобат шудаанд. Аз дохили матни асосӣ то ҳошия пур аз навиштаҷот аст. Дар аксари ҳолат аввалу охири матнро муайян кардан хеле душвор аст, зеро барои ҷудо кардани он ишорае гузошта нашудааст. Ашъори китобатшуда интихобан аз эҷодиёти шоирони гуногун навишта шудаанд. Мавзуи бештари ашъори нусха ахлоқӣ буда, қисме аз он шеърҳои орифонаанд. Аз ҷумла, ашъори мутааллиқ ба Абдулқодири Бедил ирфонӣ мебошанд. Қисми дигари матн шеърҳои ҳаҷвиянд. Дар дохили нусха матнҳои мансур ҳам дида мешаванд, ки бештарашон аз худи Савдо буда, мавзуяшон ҳаҷвист.

4. **Муаллифи нусха**. Нусхаи мавриди назар дар урфи илмӣ ҳамчун “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо шинохта шудааст. Дар бораи тартибдиҳандаи баёз, ё худ котиби он поёнтар баҳс хоҳем кард.

Дар бораи зиндагинома, устодон ва ҳодисаҳои хосси зиндагии муаллифи нусха, ки дар тавсиф бояд дар ҳамин бахш зикр шавад, мо дар фасли алоҳидаи боби аввали корамон баҳс кардаем. Ин ҷо аз такрор худдорӣ мекунем.

5. **Осори муаллифи нусха**. Дар ин хусус дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия ва зерфаслҳои ба он марбут баҳс кардаем.

6. **Таърихи таълифи нусха**. Дар бораи таърихи китобати "Баёз"-и Савдо на дар худи нусха ва на дар ҷойи дигар хабаре ё маълумоте дарҷ нашудааст. Ин нусха дар ҷараёни зиндагии Савдо ва фаъолияти адабии ӯ, тақрибан дар нимаи дуюми ҳаёташ дар муддати солҳои гуногун китобат шудааст.

Нусха ҳанӯз ба хатти имрӯза ва ё бо алифбои ниёкон чоп нашудааст, танҳо баъзе ашъори Савдоро, ки дар ин нусха дарҷ шудаанд, Г. Галимова ҳангоми тартиб додани "Мунтахаб"-и ашъори Савдо ба хатти кириллии тоҷикӣ баргардон ва чоп кардааст.

Барои боз ҳам бештар ошно шудан бо нусхаи фавқуззикр дастхатро тавсифи нусхашиносӣ (кодикологӣ) менамоем. Барои анҷоми ин кор моддаҳоеро ба эътибор мегирем, ки онҳоро профессор Б. Мақсудзода дар мақолаи "Масъалаҳои тавсифи нусхаҳои хаттӣ" [Мақсудзода 2025, с. 221-225] таъйин кардааст.

1. **Шумораи инвентарии нусха**. "Баёз"-и Савдо таҳти рақами 279 дар махзани нусахи хаттии китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад.

2. **Ҷумлаи оғози нусха**: "Мунсиф.

Чашму мижаву холу хату рӯйи ту ҳар панҷ
Аз соянишинони ду абрӯи ту ҳар панҷ.
Оинаи тасвири дилу чашми маҳу меҳр
Ҳайрони тамошои гули рӯйи ту ҳар панҷ" [Савдо, с. 1б].

3. **Ҷумлаи поёни нусха**. Бинобар он ки дар нусха шеърҳо ба таври муназзаму тартиби муайян китобат нашудаанд, дар поёни нусха байти зерин ва дар охири самти рости нусха байти баъд аз он меомада сабт шудааст:

“Худо ба дасти ман он турраи дуто бигзошт,

Ғариб силсилае доштам, маро бигзошт” [Савдо, с. 191а].

Ва:

“Туро, ки даҳр ба коми ман ошно нагузошт,

Ба коми умр, надонам, гузошт ё нагузошт?!” [Савдо, с. 191а].

4. **Тарқимаи нусха**. Тарқимаро, ки дар Осиёи Миёна “анҷома” ва дар Аврупо “колофон” меноманд, дар ин нусха мушоҳида накардем. Нусха бо байте ба охир мерасад, ки онро дар боло овардем.

5. **Таърихи китобат**. Чунонки дар тавсифи китобшиносӣ зикр шуд, таърихи дақиқи китобат зикр нашудааст. Матнҳои дохили нусха дар муддати ҳаёти Савдо, яъне дар асри XIX китобат шудаанд.

6. **Номи фармоишгари нусха**. Нусха бо изну хоҳиши худи Савдо таҳия шудааст.

7. **Навъи ҷилд**: Картони сахт, ки кабудранг аст. Ин ҷилд ба муқоваҳои маъмулии осиёимиёнагӣ монандӣ дорад.

8. **Астар, бадрақаи ҷилд**. Банобар он ки ҷилди нусхаро аз картон сохтаанд, астари ҷилд низ аз картон иборат буда, дар он вежагии хоссе дида намешавад.

9. **Андозаи ҷилд**: 13×20.

10. **Захомат**: 3 см.

11. **Дафтар**. Нусха аз ҳашт дафтар иборат буда, ба андозаи 4 бар 4 аст.

12. **Ҳаҷми нусха**: 191 варақ аст. Варақҳо аксар тартиби муайяни китобат надоранд, бинобар ин, сатрҳо дар варақҳо гуногунанд. Бештари матни шеърҳо аз кунҷи болои самти рост ба таври пайиҳам то охири сафҳа ва боз дар паҳлуи ҳам, аз ҳамон самти зикршуда идома меёбад. Баъзан миёни ин ду сутун аз самти поёнии сафҳа ба тарафи боло матн навишта шуда, ки дар ин сурат сутунҳоро аз ҳам ҷудо мекунад.

13. **Навъи коғаз**: варақи қӯқандӣ. Матн бо ҳусни хатти гуногун дар варақи ҷилододашудаи қӯқандӣ бо мураккаби сиёҳ китобат шуда, ҷой-ҷой аз мураккаби қирмиз ҳам истифода шудааст.

14. **Ранги коғаз**: Коғази нусха мишкранг буда, эҳтимол коғази обҷувозист. Аз аввал то охири нусха як навъи коғаз истифода шуда, дар ягон ҷои он даридагӣ ё вайроншавии коғаз дида намешавад. Дар баъзе ҷойҳо худи котиб навиштаи худро пок кардааст, ки боиси сиёҳшавии варақ гардидааст.

15. **Навъи хат**. Хатти нусха настаълиқ буда, унсурҳои хатти шикаста ва нимшикаста низ дар он дида мешавад. Номуназзамӣ дар китобат боис гардидааст, ки хондани нусха душвортар гардад. Зеро дар бисёри ҳолат хатҳои навишташуда болои ҳам омадаанд.

Теъдоди шахсони дар баёз китобаткардаро ба таври дақиқ муайян кардан душвор аст, аммо Г. Галимова тахмин мекунад, ки наздики бист ҳусни хатти гуногун қобили ташхис аст [Галимова 1957, с. 19].

Ном ва шахсияти котибонро ҳам муайян кардан душвор аст, чунки ба ғайр аз чор ҳолат дар дигар мавридҳо номи котибон дар дастнавис зикр нашудааст. Дар ин чаҳор ҳолат номи адибони зерин зикр шудааст:

а) Савдо. Дар баъзе варақҳо, аз ҷумла варақи 42а, таркиби “Ли муҳарририҳи Савдо – لمحرره سودا” навишта шудааст ва ин ҳусни хат аз аввал то охири дастнавис дучор мешавад. Г. Галимова дар хусуси ҳусни хатти Савдо ва мавҷудияти он дар дастнавис чунин маълумоти равшан додааст: “Записи, сделанные этим почерком, несомненно, в разное время, можно наблюдать почти на протяжении всей рукописи. В общей сложности, этим почерком написано более одной трети рукописи” [Галимова 1957, с. 19].

Бинобар ин қавл, аз се як ҳиссаи дастнавис аз ҷониби Савдо ва боқимонда аз тарафи шахсони дигар китобат шудааст. Г. Галимова вежагии ҳусни хатти Савдоро чунин муайян кардааст: настаълиқи омехта бо унсурҳои хатти шикаста ва дар қиёс ба дигар ҳусни хатҳо хурдтар.

б) Исо. Таркиби “ли роқимиҳи Исо – لراقمه عیسی” дар варақҳои 73б-75а ва 98б ба қалами Исо тааллуқ доштани ҳамон бахши дастнависро тасдиқ мекунад. Соли таваллуд ва вафоти Исоро Г. Галимова чунин муайян кардааст: таваллуд: 1242 ҳ. / 1826 м. – вафот: 1305 ҳ. / 1887 м. [Галимова 1957, с. 20]. Яъне, ҳамзамони Савдо аст.

в) Дар вараќи 96а баъд аз маќтаъи як ѓазали Савдо –

Сад ҳилаву тадбир бихарҷидаму Савдо,

Охир нашунидам сухане з-он шафатайно.

бо зикри “Ли роқимиҳи Абдулазими Сомӣ – لراقمه عبدالعظیم سامی” чунин байти дарҷ шудааст:

Бар софии даври ту, аё дурдикаши даҳр,

Лабташна расидем даме ориладайно.

Баъд аз ин байт бо зикри “Ва лаҳу”, ки ба шеъри Сомӣ будан далолат мекунад, ғазали дигар меояд, ки байти матлаи он чунин аст:

Маро аз ваъдаи сад борат, эй раъно, фиребидӣ,

Напурсидӣ ба дарди интизорам, чун шикебидӣ?!

Г. Галимова бар он аст, ки байти якуми Сомӣ аз ғазалест, ки ҳамчун назира ба шеъри мазкури Савдо эҷод шудааст [Галимова 1957, с. 20].

Вафоти Абдулазими Сомӣ соли 1325 ҳ. / 1907 м. таъйин шудааст аз ин таърих ва ҳусни хатти ӯ муайян кардан мумкин аст, ки дар ҷавонӣ бо Савдо иртибот доштааст.

г) Нафари чаҳорум, ки номаш дар баёз сабт шудааст, Қорӣ Раҳматуллоҳ Возеҳи Бухорой (тав.: 1223 ҳ. / 18080 – ваф.: 1311 ҳ. / 1893 м.) мебошад. Бо зикри “Ли муҳарририҳи Возеҳ – لمحرره واضح” дар варақҳои 102а-103а ғазалҳое чанд аз Возеҳ бо ҳусни хатти зебову хоно китобат шудаанд.

Зимнан, дар варақаи муаррифии дастхатти рақами 279 чаҳор нафари дар боло ёд кардаамон ҳамчун котибони ин нусхаи хаттӣ муаррифӣ шудаанд. Ин андеша чандон саҳеҳ нест, балки чунонки аз зикри ном ва намунаҳои навиштаи онҳо маълум мешавад, танҳо чанд намуна аз ашъори худро дар ин баёз бо хатти худ китобат кардаанд. Аз рӯйи ҳусни хатҳояшон ҳам фарқ кардан мумкин аст, масалан, хатти Возеҳ нисбат ба дигарон хоно ва бо настаълиқи зебо навишта шудааст.

Ҳамчунон ки аз бахси фасли баъдӣ, ки оид ба сохт ва таркиби баёз сурат мегирад, бармеояд, Исо, Абдулазими Сомӣ, Возеҳ ва дигарон, ки номашонро муайян кардан душвор аст, аз ҷумлаи дӯстону муқаррабони соҳиби баёзи

мавриди назар буда, бо хоҳиши Савдо ашъорашонро дар баёзи ӯ бо хатти худ китобат кардаанд.

16. **Навъи мураккаб**. Аз аввал то охири нусха танҳо рангҳои сиёҳ ва сурх истифода шудаанд. Аз ранги сиёҳ бештар истифода шуда, ранги сурх камтар дида шуд.

17. **Мушаххасоти имло**. Бинобар он ки дар нусха котиби ягона нест, ҳар котиб аз имлои мавриди писанди худ истифода кардааст. Котиб дар қисми зиёди нусха барои ҷудо кардани ашъори шоирон аз ҳамдигар ягон ишораеро истифода накардааст. Танҳо аз байти мақтаъ фаҳмидан мумкин аст, ки шеъри овардашуда ба кадом шоир тааллуқ дорад. Кам дида мешавад, ки номи шоир пеш аз оғози шеър дарҷ гардида бошад. Барои ҷудо кардани шеърҳои як шоир аз ҳам байнашон таркиби "Ва лаҳу" омадааст.

Ғайр аз ин ки дар нусха унсурҳои хатти шикаста истифода шудааст, боз котиб дар бештари калимаҳо нуқта нагузоштааст. Ин амр то андозае боиси душворхон шудани мутолиаи нусха мегардад. Ба таври мисол, дар варақи 11а ғазали зерини Абдулқодири Бедил оварда шудааст:

"Този ту камин нағмаи бедод шикастест,
Дар шишаи ин ранги паризод шикастест.
Гавҳар зи ҳубоб он ҳама тафриқ надорад,
Ҳар ҷост саре, дар гираҳи бод шикастест.
Тасвири саҳар ранги саломат нафурӯшад,
Суратгари мо хомаи Беҳзод шикастест.
Печу хами аҷзем, чӣ нозу чӣ таайюн?
Болидани амвоҷ ба имдод шикастест.
Чун ранг чӣ болам ба ғуборе, ки надорам?
Аз хеш фаромӯшии ман ёди шикастест.
Танҳо дили ошиқ тапиши яъс надорад,
Ҳар шиша тунук машраби фарёд шикастест.
Бедил, нахурӣ ишваи таъмири саломат,
Вайронии бунёди ту обод шикастест" [Баёзи Савдо, 11а].

Дар ғазали мазкур, ҳарчанд калимаҳои зиёди нуқтадор (дар хатти форсӣ) дида мешавад, қариб нуқта истифода нашудааст. Ин ҳолат дар қисмати зиёди нусха ба назар мерасад. Ҳатто дар баъзе ғазалҳо баъд аз байти аввал, дар боқимондаи байтҳо радиф навишта нашудааст. Дар ин ҳолат таъйини шакли дурусти калима кори душвор аст, зеро калимаҳо метавонанд шакли якхела дошта бошанд ва танҳо бо нуқта аз ҳам фарқ кунанд.

18. **Рикоба**. Ҳарчанд рикоба яке аз қисмҳои асосии нусахи хаттист ва дар аксари кулли нусхаҳо дида мешавад, аммо дар нусхаи мавриди назар ба мушоҳида нарасид. Шояд номуназзамӣ дар китобат боис гаштааст, ки рикоба гузошта нашавад. Барои пайдо кардани идомаи шеър гоҳо дар саҳифаи баъдӣ пеш аз оғози китобат калимаи "бақия" омадааст. Дар бештари маврид ягон ишорае барои пайдо кардани идомаи матн гузошта нашудааст. Дар саҳифаҳо рақами саҳифа ё варақ низ дида намешавад. Варақҳо дар замони муосир бо қалам бо рақамҳо ишора шудаанд, ки корро барои таҳқиқи нусха осон менамояд. Ин кор, чунонки аз як ишораи Г. Галимова дар мақолааш бармеояд, бо мақсади осонии мутолиа ва таҳқиқи нусхаи хаттӣ ӯ анҷом додааст [Галимова 1957, с. 19].

19. **Тазйиноти нусха**. Аз варақи 8а дар нусха ҷадвал дида мешавад. Ҷадвал аз се бахш иборат буда, матни дохили он ба шакли моил китобат шудааст. Дар ҳошияи ҷадвал ба таври пароканда байтҳои алоҳида китобат шудаанд. Ҳамин тавр, то варақи 23б ҷадвал дорад ва тамоми ашъори овардашуда аз Бедиланд.

Дар қисме аз варақҳои нусха расм ба мушоҳида мерасад. Дар варақҳои 15б, 81б ва 82а гулҳои зебо ва чанд моҳӣ бо ранги сурх тасвир шудаанд. Расми моҳиҳо бисёр зебо ва ба таври пурра тасвир шуда, ҳаҷман хурду калон мебошанд. Дар чанд ҷойи дигари нусха низ расмҳои гул дида мешавад. Махсусан, расми гул дар дохили гулдон, ки дар варақи 101б тасвир шудааст, бисёр зебо баромадааст. Расмҳои зебо ва мунаққаш нишондиҳандаи онанд, ки котиб рассоми чирадаст низ будааст. Аз он ҷой, ки Савдо аз ҳунари рассомӣ бархурдор буд, дар масъалаи қалами ӯ тааллуқ доштани ин нусха шубҳа боқӣ намемонад.

Дар вараќи 80аб наќшаҳо ё ҷадвалҳои астрологӣ ва дар вараќи 175а тимсоли зан тасвир шудааст.

20. **Мухри нусха**. Дар нусха мухрҳои зиёд, таќрибан беш аз 121 адад, дида мешавад. Мухрҳо таќрибан дар аксари вараќҳо гузошта шудаанд. Баъзе аз ин мухрҳо хира шуда, танҳо шаклашон ќобили мушоҳида аст. Аммо баъзе аз мухрҳои дигар равшан боќӣ мондаанд ва матни дохили онҳо ќобили хондан аст. Одатан, дар дохили мухрҳо номи шахси мухркунанда ё ягон ибораи адабию динӣ ҳак карда мешавад. Масалан, дар дохили мухрҳои нусха исмҳои Абдуғаффорхоҷа, Ќиличхоҷа, Арслонхоҷа, Ќозӣ Мирумархоҷа, Мулло Миралӣ, Ас-Сайид Муҳаммад Амин, Муҳаммадҳакимбӣ, Муҳаммадсиддиќ, Мирзоназруллоҳ, Эшонхон ва ғайраро дидан мумкин. Баъзе аз мухрҳо дар чандин ҷойи нусха такроран дида мешаванд. Ҳатто дар баъзе вараќҳо чанд мухр дида мешавад. Мухрҳои дар нусха ҳакшуда ҳаҷман ва шаклан гуногунанд. Дар нусха мухрҳои доирашакл, росткунҷа ва панҷкунҷаву ҳашткунҷа ҳак шудаанд. Гоҳо мухрҳое ба назар мерасад, ки ҳаҷман калонтаранд ва матни дохили онҳо ё зиёдтар аст, ё калон навишта шудааст. Мавҷудияти мухрҳои зиёд баёнгари он аст, ки нусха дар дасти ашхоси зиёд будааст. Шояд ин нусха ба муддатҳои муайяне дар китобхонаҳои шахсии он афрод нигаҳдорӣ мешудааст.

21. **Навъи тасҳеҳоти матн**. Дар нусха ҳолате дида мешавад, ки дар зикри шеърҳои худи Савдо таҳрир дида мешавад. Ба назар мерасад, ки Савдо баъд аз китобати шеърҳояш дубора ба онҳо руҷуъ карда ва ё дар вақти навиштан саҳв карда ва ё андешаи тозае ба сараш задааст, ки дар болои баъзе калимаҳо тасҳеҳот ворид кардааст.

22. **Номи гирдоварандаи нусха**. Дар бораи котиби нусха ќарори ќатъӣ баровардан кори душворест. Зеро дар поёни нусха анҷома (колофон) вуҷуд надорад. Хатти нусха низ бо дастхатҳои мутафовит навишта шудааст. Дар чанд ќисмати нусха шакли навишт тағйир ёфтааст. Дар бадраќаи нусха навиштаҷоте вуҷуд дорад, ки Абдулќодирхоҷаи Савдоро котиби нусха медонад.

Г. Галимова дар маќолаи “Дафтари мусаввадаи Савдо” нусхаро дастнависи Савдо ќаламдод кардааст. Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо” аз нусхае ёдовар

шудааст, ки баёзе аз Савдо будааст. Ин нусха дар китобхонаи домоди Савдо нигаҳдорӣ мешуда, устод Айнӣ гоҳо аз он истифода мекардааст. Эҳтимол меравад, ки нусхаи зикрнамудаи Айнӣ нусхаи мавриди назар бошад. Дар дохили худи нусха низ ашъоре аз Савдо оварда шудаанд, ки пеш аз шуруи онҳо "лӣ муҳаррируҳу" навишта шудааст. Ба тарви мисол, дар вараҳи 44а чунин навишта шудааст:

"Лӣ муҳаррируҳу:

Дардо, ки фалак маро зи нодонон сохт,
Ҷуз ман ҳама ҷоҳилони олам бинвохт.
Дар навбати ман сипеҳри нодонпарвар
Ин шеваи хештан ба як сӯ андохт" [Савдо 279, 44а].

Баъд аз ин рубоӣ бо овардани таркиби "ва лаҳу" боз чанд рубоии дигар зикр гардидааст, ба мисли намунаҳои зерин:

"Ва лаҳу:

Ҳаргиз фалакам ба ғайри давлат нанавохт,
Ин сифлагию аҳмақиамро нашинохт.
Гар донистӣ, ки ман чунонам аҳмақ,
Албатта, ки ӯ маро чу Қорун месохт" [Савдо 279, 44а].

Ва лаҳу:

"Ин дам, ки маро фалак ба давлат бинвохт,
Гардид яқинам, ки маро аҳмақ сохт.
Ё ин ки ман аҳмақ будам аз рӯзи нахуст,
Лекин фалак аҳволи ман имрӯз шинохт" [Савдо 279, 44а].

Ва лаҳу:

"Эй чарх, маро ту чанд бечора кунӣ,
Бечора дилам зи ғусса садпора кунӣ.
Ман сифлаалу умедворам, к-имрӯз
Ҳолам донӣ, ба ҳоли ман чора кунӣ" [Савдо 279, 44а].

Ва лаҳу:

"Гардун тани ман зи оташи ғам кура сохт,

Дар кураи тан дилам чу симоб гудохт.

Ҳаргиз ба муроди ман фалак сайр накард,

Ҳаргиз ба мароми ман фалак Рахш натохт" [Савдо 279, 44а].

Ин рубоиҳо дар байни ашъори мунташиргардидаи Савдо дида намешаванд. Аз рӯйи сабк ва мазмун муайян кардан мумкин аст, ки онҳо ба Савдо тааллуқ доранд. Инчунин, дар варақи 42а пеш аз абёти бо забони ӯзбекӣ навиштаи Савдо "Лӣ муҳаррируҳу Савдо" оварда шудааст, ки иддаои болоро таъйид мекунад. Аз он ҷо ки пеш аз оғози китобати ин абёт "Лӣ муҳаррируҳу" ва "Лӣ муҳарриpуҳу Савдо" навишта шудааст ва "муҳаррир" маънои китобаткунандаро дорад, метавон яқин кард, ки дастхатти Савдо дар нусха вуҷуд дорад.

Азбаски хатти нусха якнавохт нест ва аз тарафи чанд котиб навишта шудааст, наметавон гуфт, ки ҳамаи нусхаро Савдо китобат кардааст. Ин гуфтаҳо замоне равшантар мегарданд, ки ба сароғози баъзе аз шеърҳои нусха диққат карда шавад. Масалан, дар варақи 75а ва 98б "Лирроқим Исо", дар варақи 102б ва 103а "Лӣ муҳаррир Возеҳ" мушоҳида мешавад. Ҳамчунин Садриддин Айнӣ дар "Ёддоштҳо" ба котиб будани домоди Савдо, ки ин нусха дар дасти ӯ будааст, ишорае дорад. Бо ин вуҷуд, хулоса кардан мумкин аст, ки нусха аз тарафи чанд котиб китобат шуда, дар он дастхатти Савдо низ вуҷуд дорад. Бинобар он ки қисмати зиёди нусхаро дастхатти Абдулқодирхоҷаи Савдо ташкил медиҳад ва ибтикори сохтани маҷмуа ба ӯ бармегардад, ин дастнавис ҳамчун "Баёз"-и Савдо шинохта мешавад.

23. **Комил ё нокомил будани нусха**. Аз он ҷо, ки нусха баёз аст ва варақи охири он пурра аст, онро метавон нусхаи комил ҳисобид. Аз ҷониби дигар, мисли дигар нусхаҳои хаттӣ дар ин баёз колофон дида намешавад, ки ин ҷиҳат дар бештари баёзҳои дастрас низ хос мебошад.

Ҳамин тавр, ҳолати умумии нусхаи хаттии "Баёз"-и Савдо хуб буда, то замони мо беосеб омада расидааст. Замони навиштани нусхаро аз рӯйи замони зиндагии баъзе шахсияти котибон ва навиштаҷоти дохили муҳрҳои сершумор нимаи дуюми асри XIX муайян кардан мумкин аст. Макони навиштани нусха

шаҳри Бухорои шариф аст. Нусха аз 191 варақ иборат буда, дар он асосан намунаҳои шеърӣ ва хеле кам намунаи ҳикоятҳо ва бахши кучак ва ё гулчине аз асарҳои мансури калонҳаҷм аз эҷодиёти адибони классику муосири соҳиби баёз ҷамъ оварда шудааст. Аз ҷумла, аз классикони адабиёти форсии тоҷикӣ намунаи ашъори Умари Хайём, Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Шавкати Бухороӣ, Калими Кошонӣ, Ғании Кашмирӣ ва аз муосирони Савдо, ғайр аз худаш, аз эҷодиёти Возеҳ, Сомӣ, Исо ва дигарон дар нусха дида мешавад. Дар байни ин шоирон намунаи ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо нисбат ба ашъори то кунун чопшудаи шоир намунаи бештар дорад. Ҳамчунин, таъкиди ин нукта ҳам муҳим ба назар мерасад, ки дар ин нусха ашъори Савдо нисбат ба дигар сарчашмаҳо бештар дарҷ шудааст.

Намунаи ашъори шоирони дигар, ки муайян кардани номи онҳо кори душвор буда, ба вазифаҳои ба уҳда гирифтаи мо шомил намешавад, дар дастнавис бидуни ягон тартибу низоми махсусе китобат шудааст. Таъйини номи шоирони дигар як таҳқиқи алоҳида меҳоҳад.

Нусха ҷой-ҷой тасвирҳо дорад, ки дар атрофаш шеърҳо навишта шудаанд. Аз тасвири умумии дастнавис ва сафҳаҳои тасвирдор маълум мешавад, ки аввал расмҳо кашида шудаанду баъд аз он матн китобат шудааст.

## 2.2. Сохт ва таркиби баёз

Баёз маҷмуа ё дафтарест, ки дар он матлабҳои гуногун, аз ҷумла, назму наср гирдоварӣ мешавад. Муҳимтарин хусусияти баёз ҳамчун маҷмуаи ашъор аз он иборат аст, ки дар баёз ва маҷмуаҳои монанд ба он, ба мисли ҷунг, сафина, кашкӯл беҳтарин намунаҳои шеърҳо, хубтарин ҳикояҳо, суханони ҳикматнок ва матлабҳои дигари ҷолиб гирд оварда мешаванд. Анъанаи сохтани баёз ба таври дақиқ маълум нест, аммо агар намунаҳои аввалини “баёз”-ро ҳамчун дафтари қайдҳо ба ҳисоб гирем, пас оғози онро асрҳои XIII-XIV, замони таълифи китобҳое, амсоли “Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор” тахмин

кардан мумкин аст [Ҷоҷармӣ 1337]. Дар ин гуна китобҳо ашъори маснуъ ҳам фароҳам оварда мешудааст. Ба ин вежагии чунин китобҳо адабиётшинос М. Нарзиқул чунин ибрози назар намудааст, ки ба баёз наздикӣ доштани матолиби онҳоро тасдиқ мекунад: "Дар миёни шоирони давраи мавриди назар (манзур асрҳои XIII-XIV аст – С. М.) сохтани ашъори маснуъ роиҷ будааст, чунонки аз ин гуна ашъор мунтахаботе дар баёзу ҷунгҳо ва маҷмуаҳои ашъор зикр шудаанд. Аз ҷумла, дар "Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор" ашъори маснуъи Сироҷии Сагзӣ, Бадри Ҷоҷармӣ, Фариди Аҳвал, Саид Ҳиравӣ ва чанде дигар зикр шудааст" [Нарзиқул 1998, с. 32].

Марҳалаи авҷи баёзнависӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр ба охири асри XVIII-асри нуздаҳ ва нимаи якуми асри XX рост меояд. Махсусан, аз миёни дуюми ин давра дар Мовароуннаҳр баёзҳои зиёде ба миён омадаанд, ки дар онҳо ашъори баргузидаи шоирон ҷамъ оварда шудаанд [Мирзоюнус 2023, с. 4-5]. Баъд аз ба вуҷуд омадани санъати чоп низ то дер замоне анъанаи баёзсозӣ идома пайдо кардааст [Обидӣ 1357].

Аз чоряки дуюми асри гузашта то имрӯз дар Тоҷикистон анъанаи чопи китобҳои фарогири намунаҳои ашъори чанд шоир, фароҳам овардани ашъори навқаламон дар як ҷилд, китобҳое, амсоли "Гулшани адаб" ва "Дурдонаҳои наср", ки дар онҳо намунаҳои назму насри классикӣ ҷамъ оварда шудаанд, мунтахаботи эҷодиёти чанд адиб ва монанд ба инҳо расм шудааст, ки ба навъе идомаи суннати баёзсозии гузашта мебошад. "Баёз"-и Абдулқодирхоҷаи Савдо дар батни ҳамин анъанаи роиҷ дар замони шоир мураттаб шудааст.

**Сохти зоҳирии нусха**. Чигунагии сохтори зоҳирии маҷмуаҳои баёз ба завқи соҳиби баёз ва ҳусни хатти котиб ё маҷмуи китобаткунандагони дастнавис алоқаманд аст.

Ҳаҷми "Баёз"-и Савдо аз 191 варақ ё барга иборат аст. Бахши зиёди матн дар ҳар варақ, дар 2-3 қатори пай дар ҳам (акси дар идомаи мисраъ ва дар чанд сатр навиштани матн) ба таври возеҳ китобат шуда, аммо дар қисмҳои дигари дастнавис бенизомӣ дар китобат мушоҳида мешавад.

Ба ғайр аз варақҳои 8а-23б, 175а, 180б боқӣ дар саросари дастнавис матн бидуни ҷадвал навишта шудааст.

Байни варақҳои 93-94 фосила дида намешавад.

Варақҳои 41а, 46б, 47аб, 94б, 100а, 101а,109б, 123б, 124аб, 125аб, нисфи варақҳои 40,б 98а, 103а, 106а, 110а, 114б, 115а, 120а, 122 б, 123а баъзе ҷойҳои вараqи 121а холӣ мондаанд. Ҳар се ҳолати мазкур дар варақҳои дигари дастнавис ҳам дида мешаванд.

Дар баъзе варақҳо, ба мисли 144б, 145а ва ғайра рангзадагию сиёҳӣ дида мешавад, ки нусхаро бадхон кардааст.

Аз варақи 2а бевосита матни баёз оғоз меёбад. Ин варақ ва варақи баъдина ба шакли номуназзам ва пароканда китобат шудаанд. Дар идома низ то охири дастнавис номураттабӣ аз муназзамӣ бартарӣ дорад. Аммо бо диққати тамом идомаи матнро пайдо кардан мумкин аст.

Дар баъзе варақҳо як низоми хоссе ҳам ба чашм мехурад. Барои мисол матни дохили як варақро аз назари сохтори ҷойгиршавии матн таҳлил мекунем. Ҳамчун намуна варақи 94-ро интихоб мекунем, ки навиштаи ҳар ду рӯяи варақ аз назари сохтори китобат миёни ҳам фарқ доранд. Бинобар он ки дар рӯяи дуюм навиштаҳо бонизомтаранд, баррасиро аз варақи 94б сар мекунем:

а) Дар гӯшаи самти рост номи Бедил навишта шуда, баъд аз он ба гунҷоиши мисроъҳои ғазал, навишта дар ҳамон гӯшаи самти рост то поёни сафҳа идома меёбад. Ин сутун шаш байтро дар бар мегирад.

б) Навиштаи амудӣ ба андозаи ҳуруфи матн, ки аз поёни сафҳа то ба боло идома меёбад. Дар ин хат чаҳор байт навишта шудааст.

в) Баъд аз хатти амудӣ сутуни дуюм меояд, ки тарзи навишташ ба монанди сутуни якум аст. Дар ин сутун чор байти идома ҳамон ғазали якум меояд ва дар умум, ғазали якум аз чаҳордаҳ байт иборат аст. Баъд аз лафзи “Ва лаҳу”, ки ба маънии боз ҳам нақл шудани ғазали ҳамон шоир аст, се байти ғазали дуюм дар ҳамин сутун китобат мешавад.

г) Навиштаи амудии дуюм, ки низ ба андозаи ҳуруфи матн буда, аз поёни сафҳа то ба боло идома меёбад. Дар ин хат се байт навишта шудааст.

ғ) Баъд аз хатти амудии дуюм сутуни сеюм меояд, ки тарзи навишташ ба монанди ду сутуни қаблӣ аст. Дар ин сутун панҷ байти идома ғазали дуюм меояд ва дар умум, ғазали дуюм аз ёздаҳ байт иборат аст.

Охири сутуни сеюм ба андозаи як байт холигӣ дорад, идомаи матни дастхат дар варақи дигар идома меёбад, ки боз ҳам ғазале дигар аз Бедил китобат шудааст.

Чунонки дида мешавад, матни як рӯяи варақ, ки ҳамчун як сафҳа эътибор дорад, аз се сутун ва ду хатти рости амудии миёнаи сутунҳо иборат аст. Дар маҳдудаи ин ҳаҷм ду ғазал китобат шудааст, ки ба тартиб аз чаҳордаҳ ва ёздаҳ байт иборатанд.

Агар ин тартибро ба рӯяи якуми варақ муқоиса кунем, дар варақи 94а чунин сохтор ба чашм мехурад:

а) Аввал ду сутун меояд, ки нисбат ба рӯяи дигар фарқ дорад. Дар сутуни якум ҳафт байт навишта шудааст, ки дар тавҳид аст. Сутуни дуюм бо лафзи “Бедил” оғоз шуда, шаш байт ва як мисроъро дар бар мегирад.

б) Навиштаи амудӣ, ки дар он як мисроъ ва як байт китобат шудааст.

в) Як сутун меояд, ки аз шаш байт иборат аст.

г) Ду хатти амудӣ, ки ҳар ду аз ду байт таркиб ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, дар ин рӯяи варақ бисту панҷ байт китобат шудааст.

Аз ин муқоиса бармеояд, ки хатти рӯяи аввали варақ аз рӯяи дуюм фарқ дорад: варақи 94а дар муқоиса ба варақи 24а бадхон ва номуназзамтар аст. Ба назар меояд, ки матни мавриди назар аз ҷониби ду нафар китобат шудааст.

Дар дастнависи “Баёз”-и Савдо нақши муҳрҳои зиёде ба чашм мерасад. Г. Галимова бар он аст, ки баъзе аз муҳрҳо ба котибони шеърҳо тааллуқ дорад. Онҳо баъд аз бо ҳусни хатти худашон китобат кардани ашъорашон, шеърҳои Савдо ё аз эҷодиёти шоирони дигар ҳамчун хотира муҳри худро задаанд [Галимова 1957, с. 21].

Ҷойи пахши муҳрҳо дақиқ маълум нест, чунки дар гузоштани онҳо як тартиби хоссе риоят нашудааст. Соҳибони муҳрҳо шахсоне мебошанд, ки ба хонаи Савдо рафтуомад дошта, аз ҷумлаи дӯстонаш ба ҳисоб меомадаанд.

Онҳо, аз як тараф, бо хоҳиши Савдо ва аз тарафи дигар, бинобар расми маъмули як навъи баёзсозӣ дар он замон, табаррукан ё аз тариқи ёдоварӣ намунаи ашъори худ ва дигаронро дар баёзи бозшуда менавиштаанд. Ин навъи баёзсозӣ дар он рӯзгор як падидаи нави адабӣ ба ҳисоб меомад.

Дар хусуси тарзи навини баёзсозӣ дар он замон устод Садриддин Айнӣ дар фасли "Шиносоиям бо Ҳайрат"-и китоби ёддоштҳои худ чунин маълумоти равшанкунандаи масъаларо баён кардааст:

"Дар соли охирине, ки дар мадрасаи Бадалбек будам (соли 1896), бо тахаллуси "Айнӣ" шеър гуфтанамро баъзе дӯстони ба ман бисёр наздик фаҳмида буданд. Ман дар он солҳо барои худ баёзе тартиб дода, дар ҳошияи он ҷумлаи "санаи ифтитоҳ (сар шудан) 1895-1312"-ро бо хатти худ навишта монда будам. Дар он баёз шеърҳои классикҳо ва шоирони замониро асосан бо хатти худ менавиштам ва баъзе хушнависони қадрдон вохуранд, беъзе шеърҳоро ба тарзи ёдгорӣ ба онҳо нависонда мегирифтам. Аз ин ҷумла чанд шеъри Ҷомиро ба Мирсолеҳ, ки шарикдарси бародарам ва ҳомии ман дар мадрасаи Олимҷон буд, нависонда гирифта будам. Аввалин бор шоирии маро ӯ ҳис кард ва хоҳиш кард, ки шеърамро бинад..." [Айнӣ 1950, с. 270; Айнӣ 209, с. 405-406].

Аз ин қавли устод Айнӣ бори дигар маълум ва таъйид мешавад, ки "Баёз"-и Савдо тибқи расми маъмули дар рӯзгори шоир роиҷи баёзсозӣ мураттаб гардида, соҳиби аслӣ ва ҳаққу ҳалоли он худи ӯ мебошад. Онро дигар на ҳамчун "Дафтари мусаввадаи Савдо", чунонки Г. Галимова пешниҳод кардааст [Галимова 1957, с. 29], балки бояд ба сифати "Баёз"-и мустақили Савдо шиносему барои аҳли таҳқиқ ва алоқамандони дигар муаррифӣ кунем.

Намунаҳои ашъори шоирон дар ин баёз бидуни ягон тартиб ё қарордоде муайян дарҷ шудаанд, ки замони китобаташон ҳам давраҳои номуайян аст, таърихи китобат навишта намешавад. Теъдоди аз ҳама зиёдро дар миёни шоироне, ки дар баёз аз эҷодиёти онҳо шеър нақл шудааст, Бедил ва Савдо ташкил медиҳанд. Ашъори ин ду шоир бо хатти соҳиби баёз китобат шудаанд.

Дар бораи ҳусни хатти нусха пештар сухан рафта буд, он чи ба зоҳири нусха тааллуқ дорад он аст, ки бештари матни дастнавис равшан китобат шуда, дар умум, нусха барои мутахассисон қобили истифода мебошад.

**Сохтори муҳтавоии нусха**. Баёзҳоро аз назари сохтори муҳтавоӣ ба навъҳои маҷмуаҳои фарогири намунаи назм, наср, суханони ҳикматнок, панду андарз, баёзи тиб, баёзи дуо, баёзи навҳаву марсия, баёзи таъзия ҷудо мекунанд, ки дар он миён аз назари таърихи адабӣ, махсусан, баёзи навъҳои якуму дуюм бештар аҳаммият доранд.

“Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо аз назари муҳтаво ба қатори баёзҳои фарогири ашъор ва намунаи наср дохил мешавад. Ин навъи сохтани баёз, ки бештар дар он намунаи ашъор дарҷ шуда бошад, чунонки дар оғози фасл ёд шуд, хосси минтақаи Мовароуннаҳр мебошад. Бухоро, ки аз шаҳрҳо ва марказҳои адабии муҳимми минтақа буд, дар ин ҷо анъанаи сохтани баёз бисёр роиҷ будааст.

Дар “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо шеърҳо асосан аз эҷодиёти шоирони гузаштаву муосири мусанниф ҷамъ оварда шуда бошанд ҳам, навиштаҷоте ба забонҳои арабӣ ва ӯзбекӣ ҳам дучор мешаванд. Намунаи ҳикоят ва бахшҳое аз асарҳои мансур ҳам дар матн ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, матнҳои насрии зерин аз ҷониби Г. Галимова муайян карда шудаанд:

1) намуна аз “Нукот”-и Мирзо Абдулқодири Бедил– варақи 67б;

2) ҳикояте аз Абдулқодирхоҷаи Савдо – варақи 93а;

3) порчае аз “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ – варақи 148б;

4) намунаҳои хурд ва порча аз ҳикояҳо – варақҳои 33б, 34а, 38б, 138б, 139а-б, 111б, 160б ва ғайра [Галимова 1957, с. 21].

Дар варақи 1а нусхаи хаттӣ танҳо дар панҷ сатр дастхатте ба маънии ба Савдо тааллуқ доштани баёз дарҷ шудааст, ки мо онро қаблан иқтибос карда будем. Варақи 1б ҳамчун бадрақа холӣ ва дар он чизе сабт нашудааст. Дар варақи 2а-б, шуруъ аз кунҷи болоии тарафи рости сафҳа шеър дарҷ шудааст.

Аввалин шеъре, ки дар нусха сабт шудааст, ғазале аз Мунсиф ном шоир аст, ки бо матлаи зерин шуруъ мешавад:

“Чашму мижаву холу хати рӯйи ту ҳар панҷ

Аз соянишинони ду абрӯйи ту ҳар панҷ” [Савдо 279, с. 2а].

Дар байти мақтаи ин ғазал номи шоир оварда шудааст:

“Шамшоди ниҳоли алифи Тубии Мунсиф,

Гардида фидои қадди дилҷӯйи ту ҳар панҷ” [Савдо 279, с. 2а].

Дар охири ин ду варақ шеъри зерин дарҷ шудааст, ки аз равзаи шашум (Дар мутойиба)-и “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аст, аммо дар матн номи Ҷомӣ ва асари ӯ қайд нашудааст:

Он шунидастӣ, ки турке васфи ҷаннатро шунид,

Гуфт бо воиз, ки он ҷо ғорату тороҷ ҳаст?

Гуфт: Не! Гуфто: Батар бошад зи дӯзах он биҳишт,

К-андар ӯ кӯтаҳ бувад аз ғорату тороҷ даст.

Дар матнҳои чопии “Баҳористон” бештар ба ивази таркиби “ҷаннатро шунид” лафзи “ҷаннат чун шунид” ва мисраи сеюм ба шакли “Гуфт: Не! Гуфто: Зи дӯзах ҳам батар бошад биҳишт,” меояд, ки аз назари вазн ва маънӣ дуруст аст.

Дар варақи 3а оёте аз Қуръони карим ва дуоҳо бо забони арабӣ дида мешавад. Дар идома то варақи 7б шеърҳо пароканда, номуназзам, бештар моилшакл навишта шудаанд.

Ашъори аз аввали дастнавис то варақи 8а овардашударо дар ҷадвали №2.1 чунин метавон нишон дод:

Ҷадвали №2.1

| **Мисраи аввали шеър** | **Миқдори абёт** | **Навъи шеърӣ** | **Шоир** | **Варақ** |
|---|---|---|---|---|
| Чашму мижаву холу хати рӯйи ту пурпеч | 7 | Ғазал | Мунсиф | 2 |
| Дили мутаҳҳари ӯ ҳамдами калому улум | 3 | Ғазал | | 2 |
| Кӣ кард кори карам мардвор дар олам? | 5 | Қасида | Ватвот | 2 |
| Илоҳӣ, абдука-л-осӣ атокан | 2 | рубоӣ | | 2 |
| Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз | 1 | фард | Саъдӣ | 2 |
| Моили хуни дилам гашта хами абруи ёр | 9 | Ғазал (муаммо) | | 3 |
| Он шунидастӣ, ки турке васфи ҷаннатро шунид? | 2 | қитъа | Ҷомӣ | 3 |
| Талхӣ аз лаъли шаккаррез надидаст касе | 5 | ғазал | Ориф | 3 |
| Дишаб зи сари сидқу сафои дили ман | 2 | рубоӣ | Пуриёи Валӣ | 4 |
| Диҳам дил дар камоли ... | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Ҳар кӣ дар дил васваса овард тамаъ | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Дар даҳр, ки маҳсули ҳавас кам дорад | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Ҳар силсила тарҳи турраи ӯ дорад | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Илмҳо маҳв дар атвори русум | 1 | | | 4 |
| Ҳамро дарси сулук изҳор | 1 | | | 4 |
| Тан зан ба ғазаб, ба тахти шафқат бинишин | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |

Идомаи ҷадвали №2.1

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Не тахтнишин пушзанияш бинӣ | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Эй дил, тани ту ба зери бор аст ҳанӯз | 2 | рубоӣ | Бедил | 4 |
| Эй ҷомагаҳи сабзи фалак бар дӯшат | 2 | рубоӣ | | 5 |
| То шамъи рухат шуълафазо шуд, чӣ ба ҷо шуд!? | 2 | | | 5 |
| Кӯли ашкам ба фироқи ту намоён гардид | 2 | | | 5 |
| Чун алиф урёнам, эй соҳибасос | 1 | | | 5 |
| Дастори ҳарир чун қумоши шеърам | | | | 5 |
| Зоҳир кунӣ аз баҳри карам қатраи намро | 10 | ғазал | | 5 |
| Бад кардаму эътизор бадтар зи гуноҳ | 2 | рубоӣ | Абдулвафо | 5 |
| Аз мушти ғуборе чӣ таманнои расидан, бо домани афлок?! | 7 | мустазод (ғазал) | | 6 |
| Ба зеби ҳусни ту наққоши сунъ рӯзи азал | 12 | ғазал | | 6 |
| Ҳасратободи ҷаҳонро ҳамчу ман ноком кам | 9 | ғазал | | 6 |
| То насибам шуд аз он соқии нофарҷом ҷом | 7 | ғазал | Савдо | 7 |
| Надонам теғи кадомин кард гулгунам | 10 | ғазал | | 7 |
| Офтоб аз хиҷлати рӯйи ту омад дар ҳиҷоб | 5 | | | 7 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз омори ин ҷадвал [Ҷадвали №2.1] бармеояд, ки қисмати аввали нусхаи мазкур ҳамчун бадрақа холӣ буда, аз тарафи котиб ба таври пароканда порчаҳои шеърӣ китобат шудааст.

Аз вараќи 8а дар нусха ҷадвал дида мешавад. Ҷадвал аз се бахш иборат буда, матни дохили он ба шакли моил китобат шудааст. Дар ин саҳифаҳо низ номуназзамӣ дида мешавад, зеро дар ҳошияи он ба таври пароканда байтҳои алоҳида китобат шудаанд. Ҳамин тавр, то вараќи 23б ҷадвал дорад ва тамоми ашъори овардашуда аз Абдулқори Бедиланд. Чунин ба назар мерасад, ки котиб ҳангоми китобати нусха ба мавҷудияти ҷадвал аҳаммияти чандон надодааст. Бисёре аз ғазалҳо дар дохили ҷадвал шуруъ шуда, қисмати поёнии онҳо дар ҳошия оварда шудааст. Баъд аз вараќи 23б то охири нусха ҷадвал надорад. Аз он ҷо, ки аввали нусха ҷадвал дорад ва дар ин қисмати нусха танҳо намунаи ашъори Абдулқодири Бедил оварда шудааст, тахмин кардан мумкин аст, ки нусха барои китобати девони Бедил омода гардида, баъдан бо сабаби номаълум идома наёфта, ба баёз табдил ёфтааст.

Намунаи ашъори Бедилро, ки дар ин қисмат дарҷ гардидааст, дар ҷадвал чунин нишон додан мумкин аст [Ҷадвали №2.2]:

Ҷадвали №2.2

| Мисраи аввали шеър | Миқдори байтҳо | Навъи шеърӣ | Варақ |
|---|---|---|---|
| Эй чида нақши пойи ту дӯкони офтоб | 11 | ғазал | 8 |
| Ба хоки роҳ, ки кардед қатразан маҳтоб | 10 | ғазал | 9 |
| Ҳар чӣ аз муддати ҳаст буд аст | 10 | ғазал | 9 |
| Метавон дар кулбаи мо ҳам шаберо рӯз кард | 1 | | 9 |
| ...Дандон шикастаӣ ту фишондан ба он лабат | 8 | ғазал | 9 |
| Бедил, ки ба сар нашъаи озодагӣ дошт | 1 | | 10 |
| Дил хоки сари кӯйи вафо шуд, чӣ ба ҷо шуд!? | 11 | ғазал | 10 |
| Субҳ шуд, дар арсаи гардун машав чандон сафед | 8 | ғазал | 10 |
| Зи зулфу рӯйи ту то дидаам сиёҳу сафед | 5 | ғазал | 11 |
| Файзи ваҳшат бизад субҳ ба гесӯи сафед | 5 | ғазал | 11 |
| Эй асарҳои хироми чашми ҳайрон дар камин | 8 | ғазал | 11 |
| Он, ки набурда шавқе, ороиши ҳавас дошт | 5 | | 11 |
| ...Дар шаб он ранги паризод шикастест | 7 | ғазал | 11 |
| Рафтани умр зи рафтори нақшҳо пайдост | 2 | | 11 |
| Об, к-аз ёқут мерезад, такаллум карданаш | 12 | ғазал | 11 |
| Эй баҳори боғи иқболи фалак, миқдори хеш | 7 | ғазал | 11-12 |
| Ману он фитнаболое, ки олам зери даст асташ | 8 | ғазал | 12-13 |

Идомаи ҷадвали №2.2

| | | | |
|---|---|---|---|
| Эй зи лаълат сухан гулобфурӯш | 7 | ғазал | 13 |
| Доғам аз кайфияти огоҳию авҳом ҳам | 12 | ғазал | 13-14 |
| ... Ба чашми мо маяфшон домани ҳусн | 9 | ғазал | 14 |
| Баски бе лаъли ту рафт аз базму айши мо намак | 6 | ғазал | 14 |
| Захми теғе зи ту бардоштаам ҳамчу ҳилол | 7 | ғазал | 15 |
| ... Ки хубонро тағофул гӯш мебошад, забон абрӯ | 9 | ғазал | 15 |
| Бе факр ибтикор нагардад иёри мард | 8 | ғазал | 15 |
| Зи истиғно нагаштӣ моили фарёди қурбонӣ | 8 | ғазал | 16 |
| Баски дорад сӯхтан чун миҷмарам андар мақом | 15 | ғазал | 19 |
| Гар гадо дасти тамаъ дуздад ба ҳам дар остин | 10 | ғазал | 19 |
| Эй ниҳоли боғи иқболи фалак миқдори хеш | 12 | ғазал | 19-20 |
| Ҳар гоҳ равам аз хеш ба савдои хаёлаш | 3 | ғазал | 20 |
| Адаб на касби ибодат, на саъйи ҳақталабист | 7 | ғазал | 20 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Дар идома низ ашъори Бедил дида мешавад, аммо аз шоирони дигар низ намуна зиёд аст. Номи шоиронеро, ки баъд аз ин ҷойи баёз то бист вараќи охири дастнавис дарҷ шудаанд, ҳангоми баррасии масъалаи аҳаммияти “Баёз”-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ муайян мекунем.

Бист вараќи охири дастнавис маҷмуаи ашъори дар моддаи таърих сурударо дар бар мегирад. Моддаҳои таърих гуногун буда, гӯяндаи онҳо маълум нест. Дар баъзе аз онҳо таърихи воќеаҳои гуногун, таърихи зодрӯз ва марги шахсиятҳои машҳур оварда шудааст.

Дар умум, “Баёз”-и Абдулќодирхоҷаи Савдо дар асоси анъанаи баёзсозии замони худи ӯ ва ба пайравӣ аз суннати роиҷи классикӣ танзим гардида, ба гурӯҳи баёзҳои фарогири маҷмуаи ашъори шоирон дохил мешавад. Чанд намунаи асарҳои насрӣ, ки дар он ҷой дода шудаанд, хеле кутоҳ буда, ҳаҷми зиёдеро дар бар намегиранд.

## 2.3. Аҳаммияти “Баёз”-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ

Баёзҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва фарогирии осори манзум яке аз сарчашмаҳои муҳимму муътабар ба ҳисоб мераванд. Дар китобхонаҳои ҷаҳон баёзҳои зиёде нигоҳ дошта мешаванд. Нусахи хаттӣ, ки зотан ҳар кадом мунҳасир ба фарданд, арзиши ба худ хос доранд. Ин навъи китобҳо барои омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм, алалхусус, адабиёт ҳамчун сарчашмаи асосӣ наќши бориз доранд. Барои тасҳеҳ ва омодасозии осори гузаштагон нусхаҳои хаттӣ сарчашмаи муътабар ба шумор мераванд. Ҳангоми омӯзиши эҷодиёти шоирону нависандагони гузашта ҳатман ба дастнавиштаҳо мурочиат мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо баёзҳо ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти сарчашмавии “Баёз”-и Савдо, пеш аз ҳама, дар фарогирии намунаҳои ашъори шоирони гузаштаву ҳамзамони Савдо ва ќисмати хурде аз ҳикоёту дигар осори мансур мушаххас мешавад. Дар таркиби “Баёз”-и Савдо бо намунаи ашъори адибоне дучор мешавем, ки онҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун донишмандон машҳур ҳастанд. Масалан, яке аз чунин адибон Насириддини

Тӯсӣ мебошад. Бештар, вақте ки аз шоирии Насириддини Тӯсӣ сухан ба миён меояд, муҳаққиқони аҳвол ва осори адиб асосан ашъори арабӣ сурудани ӯро таъкид мекунанд. Аммо дар ин баёз бо ашъори порсии ин донишманд дучор мешавем. Варақи 106б бо рубоии зерини Насириддини Тӯсӣ сар мешавад:

"Мизон сари эътидол чун май дорад,
Ақраб хабар аз омадани дай дорад.
Ғофил манишин з-омадани сардии Қавс,
К-ин сахткамон ду ҳила дар пай дорад" [Савдо 279, с. 106б].

Номи гӯяндаи ин шеър пеш аз матн омада ва баъд аз нақли матни рубоӣ ба зикри исми Бедил дар идома ғазали ӯ меояд.

Аз ҷумлаи шоироне, ки ба шеъри ӯ бештар таваҷҷуҳ шудаву намунаҳои зиёд нақл шудааст, Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад. Аз эҷодиёти ин шоир беш аз ҳаштод шеър зикр шудааст. Бо намунаи ашъори дарҷшудаи Бедил дар ин баёз дар фасли пешин сухан рафта ва аз тариқи ҷадвал бахше аз онҳо нишон дода шудааст. Аз он ҷо чунин манзара пеши назар меояд, ки Савдо ба Бедил ва шеърҳои ӯ иртиботу алоқаи махсус доштааст.

Ба ғазали Бедил беш аз дигар шоирон таваҷҷуҳ кардани Савдо ду сабаб метавонад дошта бошад. Сабаби якум машҳур будани тарзи сухани Бедил дар замони зиндагии шоир ва дар ду асри охир аз ҳама зиёд мавриди таваҷҷуҳ, пайравӣ ва тақлид қарор гирифтани шеъри ӯ мебошад. Ҳеҷ шоире ба монанди Бедил ва шеъри ӯ дар қаламрави Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, тарафдору мухлис надоштааст. Ҳатто то ибтидои асри бист, оғози дигаргуниҳои замони ҷадид Бедил дар мисоли Туғрали Аҳрорӣ ва Зуфархон Ҷавҳарӣ пайравони соҳибном дошт. Савдо низ дар пайравии Бедил шеърҳо сурудааст, ки намунаҳои онҳоро Г. Галимова дар мақолааш нишон додааст [Галимова 1975, с. 22-23]. Мо ба такрори намунаҳои овардаи Г. Галимова намепардозем. Барои мисол ду намуна зикр мекунем, ки аз назари тарзи пайравӣ нисбат ба дигар назираҳо тафовут дошта, қаблан аз онҳо касе ёд накардааст:

Намунаи аввал:

Байти аввали ғазали Бедил:

“Толиам зулфи ёрро монад,

Вазъи ман рӯзгорро монад” [Савдо 279, с. 24б].

Байти мақтаи ин ғазал чунин аст, ки байти чордаҳум аст:

“Ҳар чӣ аз ҷинси нақши по пайдост,

Бедили Хоксорро монад” [Савдо 279, с. 24б].

Байти аввали ғазали ҷавобии Савдо:

“Буте, ки қадди дарозаш чинорро монад,

Сурини ӯ қулали кӯҳсорро монад” [Савдо 279, с. 135а].

Байти матлаи ин ғазал:

“Ту киса пур куну аз кори халқ даст бидор,

Бигӯ, ки Бепули мо қарздорро монад” [Савдо 279, с. 135а].

Ғазали Савдо аз дувоздаҳ байт иборат буда, оҳанги танз дар он бештар намудор мегардад.

Ду ғазали мазкур яктарафа ҳамтарҳ ҳастанд. Аз назари вазн Бедил сурати мусаддаси баҳри хафиф, вазни хафифи мусаддаси махбуни аслам: фоъилотун мафоъилун фаълун (- v - - / v - v - / - -) [Нарзиқул 2021, с. 67], Савдо қолаби мусаммани баҳри муҷтас, вазни муҷтасси мусаммани махбуни аслам: мафоъилун, фаъилотун мафоъилун фаълун (v - v - / v v - - / v - v - / - -) [Нарзиқул 2021, с. 69]-ро баргузидааст. Савдо вазни ғазали Бедилро риоят накарда, бо такя ба оҳанги каломи Бедил ҳарфҳои ба ҳам монанди қофияро дар таркиби калимаҳои дигар такрор карда, радифи “монад”-ро айнан риоят кардааст.

Намунаи дуюм – байти аввали ғазали Бедил:

“Ошёне дар саводи сояи гул бастаам,

Ҷузве аз дил дораму шерозаи гул бастаам” [Савдо 279, с. 35а]

Байти мақтаи ин ғазал чунин аст, ки байти ҳаштум аст:

“Авҷи иззат нест, Бедил, дилнишини ҳимматам,

Партави хуршедам, эҳроми таназзул бастаам” [Савдо 279, с. 35а]

Зимнан, ин ғазал дар чопҳои ашъори Бедил аз понздаҳ байт иборат буда, ҳам аз нигоҳи теъдоди байт ва ҳам аз назари пасу пеш омадани байтҳову мисроъҳо фарқ дорад. Ин ҷиҳати матни дастнавис таҳқиқи қиёсиро мехоҳад, ки аз доираи вазифаҳои мо хориҷ аст.

Байти аввали ғазали ҷавобии Савдо чунин аст:

> "Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам,
>
> Ҳуҷҷате дар сурати даври тасалсул бастаам" [Савдо 279, с. 93б].

Байти мақтаи ин ғазал чунин аст, ки байти нуҳум аст:

> "Дил нашуд, Савдо, ҳарифи поси номуси шиккеб,
>
> Бори ин туҳмат ба ҷони бетаҳаммул бастаам" [Савдо 279, с. 35а].

Баръакси намунаи боло дар ин ду шеър ҳам вазни ягона: рамали мусаммани маҳзуф – фоъилотун фоъилотун фоъилотун фоъилун (- v - - / - v - - / - v - - / - v -), ҳам радифи муштарак – "бастаам" ва аз ҷиҳати фикрӣ мухтассоти монанд ба ҳамдигар мушоҳида мешавад.

Сабаби дуюм алоқаи бевоситаи худи Савдо ба шеъри Бедил аст, ки аз ҳамин намунаҳои дар боло овардаамон ҳам маълум буда, ба тавзеҳи зиёдатӣ ниёзе боқӣ намемонад.

Дуюмин шоир аз назари зикри миқдори шеърҳо дар дастнависи мавриди баррасӣ худи Абдулқодирхоҷаи Савдо мебошад, ки тибқи ҳисоби Г. Галимова, ҳафтоду чор шеъри ӯ дар "Баёз" ҷой дода шудааст. Дастхатти мавриди назар барои ҷамъоварии ашъори Савдо сарчашмаи асосӣ ҳисобида мешавад, зеро дар ин дастнавис дар муқоиса ба дигар сарчашмаву манбаъҳо шеърҳои Савдо зиёд оварда шудаанд. Аз наваду се шеъри муайян кардаи Г. Галимова, дар ин нусхаи хаттӣ ҳафтоду чаҳортои он ҷой дода шудааст. Фақат нуздаҳ шеъри Савдо вориди "Баёз"-и ӯ нашудааст. Г. Галимова мисраи аввали панҷоҳу ду шеъри Савдоро бо табақабандии зерин дар мақолааш овардааст, ки ин омор барои дастёбӣ ба матни шеърҳо аҳаммияти амалӣ дорад: 1) ғазал – 26-то; 2) қасида – 3; 3) мухаммас – 2; 4) тарҷеъбанд – 1; 5) қитъа – 2; 6) рубоӣ – 6; 7) фард – 8; 8) таърих – 1; 9) маснавӣ – 3 [Галимова 1957, с. 23-24]. Г. Галимова дар натиҷаи омӯзиши "Баёз"-и Савдо ба чунин натиҷа расидааст, ки ин дастнавис "барои

панҷоху чаҳор шеъри Савдо сарчашмаи ягона мебошад” ва аксари шеърҳо аз ҷониби худи шоир китобат шудаанд” [Галимова 1957, с. 29]. Савдо ҳангоми китобат ва ё бознигарии дубора дар болои калимаҳои ҷудогонаи баъзе шеърҳо вариантҳои дигарро овардааст, ки аз таҳрир шудани матни шеърҳо бармеояд.

“Баёз”-и Савдо аз назари дарбаргирии ашъори Савдо аз он ҷиҳат ҳам аҳаммият дорад, ки дар ин дастнавис шеърҳои шоир нисбат ба дигар манбаъҳо ба сурати мукаммалтар зикр шудаанд. Г. Галимова дар мисоли ҳафт шеър ва муқоисаи зикри онҳо дар ду баёзи дигар ба чунин натиҷа расидааст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо теъдоди байтҳои дар баёзи рақами 279 омада аз ду баёзи дигар, ки бо рақамҳои 1918 ва 3396 ёд шудаанд, зиёдтар аст [Галимова 1957, с. 27-28]. Фарқи абёти шеърҳо дар ин омор ба тартиб аз 1, 1, 3, 8, 4, 4, 24 байт иборат аст.

Аммо мо омори пешниҳодкардаи ин муҳаққиқро ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ қабул кардан наметавонем. Чунки дар натиҷаи омӯзиши ин баёз ба мо маълум гардид, ки ҳанӯз дар он шеърҳои дигари Савдо мавҷуданд, ки аз назари Г. Галимова дур мондаанд. Ба ин масъала дар вақташ Р. Ҳодизода ишора намуда ва таъкид карда буд, ки дар баёзи мавриди назар “чандин шеърҳои Савдо ба назар расид, ки бо вуҷуди тахаллус доштанашон (ва бинобар ин дар мансубияти онҳо ба савдо шаке нест) ба Г. Галимова номаълум мондаанд” [Ҳодизода 1968, с. 149]. Илова бар ин, чунонки аз натиҷагириҳои мо дар зерфасли дуюми фасли дуюми боби аввали диссертатсия ҳангоми таҳқиқи масъалаи асарҳои манзуми Савдо аз назари теъдод маълум шуд, омори ҳосилкардаи мо, ки дар натиҷаи таҳқиқи сохтори таркибии “Баёз”-и Савдо ба даст омадаанд, бо хулосаҳои Г. Галимова ва дигар муҳаққиқон оид ба теъдоди мавҷуди асарҳои манзуми шоир фарқ мекунад.

Дар дараҷаи сеюм ашъори шоироне дар “Баёз”-и Савдо сабт шудаанд, ки ба тартиби зикрашон дар маҷмуа номи онҳоро, то ҷое, ки тавонистем, чунин муайян кардем: Мунсиф (ғазал), Рашидаддини Ватвот (Бадриддин) – қасида, Саъдӣ (фард, ғазал (муаммо)), Ҷомӣ (қитъа), Ориф (ғазал), Пурёи Валӣ (Мавлоно) – рубоӣ, Бедил (7 рубоӣ), Абдулвафо (рубоӣ), Фотима (фард), Бедил (2 фард), Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (наср), Бедил (ғазал), Камол (ғазал), Бедил (3

ғазал), Заҳирӣ (қасида), Бедил (17 ғазал), Ҷомӣ (ғазал), Бедил (17 ғазал), Ғанимати Каҷоҳӣ (ғазал), Бедил (2 рубоӣ), Бедил (13 ғазал), Калим (ғазал, фард), Хайём (рубоӣ), Калим (2 ғазал), Бедил (ғазал), Ҷомӣ (2 ғазал), Бедил (25 ғазал), Мирохур (фард (муаммо)), Ҷалолиддини Балхӣ (маснавӣ), Ғании Кашмирӣ (фард), Бедил (фард), Аминӣ (фард), Ҷалолиддини Балхӣ (маснавӣ (дар маънии ҳадиси “Ман ҷаъала ҳаммаҳу ҳамман воҳидан...”), Бедил (2 фард), Хайём (рубоӣ), Навоӣ (1 ғазал), Соиб (қитъа), Меҳсатии Ганҷавӣ (ғазал), Бедил (6 ғазал), Мавлоно Муъин (ғазал), Бедил (2 ғазал), Абдусалом Биноӣ (ғазал), Абдулазим Ҳоҷӣ (ғазал), Саъдӣ (наср), Саъдӣ (фард, қитъа), Амир Хусрави Деҳлавӣ (2 қитъа), Бедил (2 ғазал), Қудсӣ (фард), Исо (4 ғазал), Бедил (қитъа), Бедил (ғазал), Бедил (2 фард), Бедил (2 ғазал), Лутфӣ (шеъри ӯзбекӣ), Калим (ғазал, фард, ғазал, қитъа), Биноӣ (ғазал), Бедил (2 фард, маснавӣ) Камоли Хуҷандӣ (фард). Ғании Кашмирӣ (фард), Бедил (ғазал, 4 фард), Нақӣ (2 ғазал), Лутфӣ (шеърҳои ӯзбекӣ), Навоӣ (шеъри ӯзбекӣ), “Гулистон” (порчаи насрӣ, қитъа), Абдулазими Сомӣ (фард), Бедил (ғазал), Шоҳӣ (ғазал), Бедил (3 ғазал), Исо (ғазал), Бедил (ғазал), Шавкат (5 ғазал), Ҳаким Руҳонӣ (қитъа), Фариди Котиб (ғазал), Возеҳ (3 ғазал)... Дар ин номгӯй баъзе исмҳое зикр шудаанд, ки дар дигар сарчашмаҳо дучор намешаванд. Зоҳиран, адибоне, амсоли Мунсиф, Фотима, Ғанимати Каҷоҳӣ, Мирохур, Аминӣ, Мавлоно Муъин ва дигарон аз шумори шоирони чандон ноошно ҳастанд.

Шиносоии шоирони ноошно кори таҳқиқии алоҳидаест, ки ҷустори амиқро меҳоҳад. Масалан, ҷустуҷӯи мо дар мавриди шоире бо номи Мирохур чунин натиҷа дод, ки ӯ шоир ва хаттоти ҳамзамони Савдо буда, номи пурраааш Мирзо Шамсиддин Мирохур ибни Мир Ҷалолиддини Бухороӣ мебошад. Аз ҷумлаи адибони замони амир Музаффархон буда, соли таваллуд маълум нест, аммо соли вафоташ 1866 мебошад, ки дар Бухоро иттифоқ афтодааст. Шоири соҳибдевон буда, бо тахаллуси Доъӣ шеър мегуфтааст [Раҳмонов 1988, с. 422].

Дар миёни номҳои шоирони дар боло зикршуда исми чанд шоир, ба монанди Қорӣ Раҳматуллоҳ Возеҳи Бухороӣ, Абдулазими Сомӣ, Исо, Доъӣ ва намунаи ашъорашон дучор мешавад, ки онҳо аз ҷумлаи ҳамзамонони Савдо

ҳастанд. Аз ҷумла, яке аз намояндагони доираи адабии нимаи дуюми асри XIX, ки ашъори вай дар “Баёз”-и Савдо китобат шудааст, Қорӣ Раҳматуллоҳ Возеҳи Бухороӣ (1817-1894) мебошад. Ашъори Возеҳ дар варақҳои гуногун навишта шудааст, аз ҷумла, дар вараќи 102б ду ғазали шоир китобат шудааст, ки дар зер байтҳои аввали онҳоро меорем.

Ғазали якум:

“То кашид аз баҳри қатлам он ситамгар теғро,

Бар гулӯ донам зи оби Хизр хуштар теғро” [Савдо 279, с. 102б].

Дар радифи ин ғазал, ки “теғро” аст, Савдо ғазале дорад, ки аз 15 байт иборат аст [Савдо 1958, с. 64-65].

Ғазали дуюм:

“Ман, ки аз ташвиши даврон хотирам зери ғам аст,

Рӯзи идам дар назар монанди шоми мотам аст” [Савдо 279, с. 102б].

Аз лафзи “Ли муҳарририҳи Возеҳ”, ки дар оғози сафҳа навишта шудааст, чунин бармеояд, ки ҳарду ғазали Возеҳ ба хатти худи ӯ китобат шудаанд. Эҳтимол дорад, ки шеъри дигар шоирони ҳамрӯзгори Савдо низ ба хатти худи онҳо китобат шудаанд. Дар ин хусус дар фасли пешин сухан рафта буд.

Яке аз масъалаҳои муҳимму ҳалталаб дар таъйини аҳаммияти сарчашмавии “Баёз”-и Савдо муайян кардани асолати шеърҳое мебошад, ки дар он ҷо забт шудаанд. Мутолиаи ин баёз саволҳо ва таъйиноти зиёдеро пешорӯ мегузорад: муаллифи шеърҳоеро, ки дар онҳо номи гӯянда наомадааст, чӣ тавр муайян бояд кард? Ҳудуди шеърҳо аксар номуайян аст, онҳоро чӣ тавр мушаххас бояд кард? Матни шеърҳо на ҳамеша ба таври комил сабт шудаанд, оё онҳоро аз дигар манбаъҳо пайдо кардан мумкин аст? Муаллифи баъзе шеърҳо маълум бошанд ҳам, боз ҳамон ашъор дар дигар сарчашмаҳо ба номи дигар шоирон сабт шудаанд. Барои посух ба ин пурсишҳо дар заминаи матншиносӣ як таҳқиқи комили дигар мебояд анҷом дод. Барои намуна ба чанд сурати мисол ишора мекунем.

Вараќи 3а бо сарлавҳаи “Рубоии Мавлоно Лутфуллоҳ” сар мешавад ва баъд аз он ин рубоӣ сабт шудааст:

“Дишаб зи сари сидқу сафои дили ман

Дар майкада он рӯҳфазои дили ман

Ҷоме ба ман овард, ки бистону бинӯш,

Гуфтам нахӯрам, гуфт барои дили ман” [Савдо 279, с. 3а].

Ин рубоӣ бо каме тағйирот дар дигар сарчашма ва ба номи дигар шоир ҳам ба назар мерасад. Чунончи, Ризоқулихони Ҳидоят дар равзаи аввали тазкираи “Риёз-ул-орифин”, ки “дар нигориши аҳволи машоиху орифин” махсус аст, ҳамин рубоиро бо каме дигаргунӣ дар баъзе алфоз ба Қаттолии Хоразмӣ машҳур ба Пурёи Валӣ нисбат додааст. Ҳидоят исми шарифи ин шоирро Паҳлавон Маҳмуд зикр карда, бо ин ривоят рубоии мавриди назарро нақл кардааст: “Гӯянд, дар шабе, ки вафот ёфт, ин рубоиро гуфт ва алассабоҳ бар саҷодааш ёфтанд:

*Имшаб* зи сари сидқу сафои дили ман

Дар майкада он *ҳушрабои* дили ман

Ҷоме *ба кафам дод*, ки бистону бинӯш,

Гуфтам нахӯрам, гуфт барои дили ман” [Ҳидоят 1385, с. 146].

Тағйироти ин матн бо матни боло бо хатти моил мушаххас шудааст.

Ё худ, вараќи 8а бо матни зерин сар мешавад, ки бо як нусхаи дигари ҳамин матн фарқиятҳои назаррас дорад:

“Рӯзгор ошуфтатар ё зулфи ту, ё кори ман?

Зарра камтар ё даҳонат, ё дили афгори ман?

Шаб сияҳтар ё хатат, ё ҳоли ман, ё холи ту?

Шаҳд хуштар ё лабат, ё шеъри гавҳарбори ман?

Назми Парвин хубтар ё он дур(р)и дандони ту?

Қомати ту росттар ё сарв, ё гуфтори ман?

Фазли ту дилҷӯйтар ё шеърҳои нағзи ман?

Ҳаҷри ту дилсӯзтар ё нолаҳои зори ман?

Меҳру маҳ рахшандатар ё ройи ман, ё рӯйи ту?

Осмон гардандатар ё хӯи ту, ё кори ман?

Чашми ту хунрезтар ё чарх, ё шамшери шоҳ,

Ғамзаи ту тезтар ё теғ, ё бозори ман?” [Савдо 279, с. 8а].

Дар баёз номи шоир наомадааст, аммо бо тафовутҳое, ки баъд аз овардани матн зикр мешавад, ин ғазал ба номи Ашҳарии Нишобурӣ низ омадааст:

“Рӯзгор ошуфтатар ё зулфи ту, ё кори ман?
Зарра камтар ё даҳонат, ё дили *ғамхори* ман?
Шаб сияҳ ё *турраат*, ё ҳоли ман, ё холи ту?
Шаҳд хуштар ё лабат, ё *лафзи* гавҳарбори ман?
Назми Парвин хубтар ё *дур(р)и дандонҳои* ту?
Қомати ту росттар ё сарв, ё гуфтори ман?
*Васфи* ту дилҷӯйтар ё шеърҳои нағзи ман?
Ҳаҷри ту дилсӯзтар ё нолаҳои зори ман?
Меҳру маҳ рахшандатар ё ройи ман, ё рӯйи ту?
Осмон гардандатар ё хӯи ту, ё кори ман?
Сабри ман кам ё вафои некувон, ё шарми ту?
Хубии ту бештар ё андуҳу тимори ман?
Ваъдаи ту кӯж ё пушти ман, ё абруят?
Қавли ту беаслтар ё бод, ё пиндори ман?
Чашми ту хунрезтар ё чарх, ё шамшери шоҳ,
Ғамзаи ту тезтар ё теғ, ё бозори ман?” [Савдо 279, с. 8а].

Фарқиятҳо дар вожаву таркибҳо ба хатти моил ишора шудаанд. Илова бар ин, дар ин матн ду байти илова ба назар мерасад, ки пеш аз байти мақтаъ омадаанд.

Аз ин намунаҳо масъалаи муқоисаи шеърҳои таркиби “Баёз”-и Савдо бо сарчашмаҳои дигар, махсусан девони шоирон ва муайян кардани шахсияти гӯяндаи шеърҳо, ба мисли Мавлоно Лутфулло ва Қаттолии Хоразмӣ пеш меояд, ки аз доираи вазифаи мо дар ин диссертатсия берун аст. Масалан, мувофиқи қавли Ризоқулихони Ҳидоят Қаттолии Хоразмӣ (ваф. 720 ҳ. / 1320 м.) дар асри XIV даргузаштааст, Мавлоно Лутфуллоҳ дар кадом аср зистааст? Ин масъала бояд ҳамчун мавзуи алоҳида дар оянда таҳқиқ шавад.

Ҳамин тавр, баёз ҳамчун маҷмуаи ашъор қимати бузурги илмию адабӣ дорад. Дар баёзҳо баъзан ашъор ва осоре фароҳам омадаанд, ки дар ҳеҷ сарчашма ва ё манбаи дигаре дучор намешавад. Аз ин ҷиҳат китоби баёз ҳамчун сарчашмаи дараҷаи аввал эътибор пайдо мекунад.

“Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ба ду хусусияти зикршуда мутобиқати пурра дошта, илова бар ин, аз назари фарогирии гулчини ашъори шоирони гуногун, намунаи асарҳои мансур, шеърҳои худи соҳиби баёз ва муосиронаш аҳаммияти бузурги сарчашмавӣ дорад. Дар ин баёз намунаи ашъори шоирони гузашта ва муосири Савдо, намунаи насри адибони гузашта ва худи Савдо дарҷ шудаанд.

Нусхаи хаттии “Баёз”-и Савдо дар ҳолати хуб қарор дошта, ҳамчун сарчашмаи адабӣ барои ҷамъоварии ашъори баъзе шоирон, омӯхтани вазъи адабии замон, муносибати шоирон ба масъалаи татаббуъ ва пайравӣ дорои аҳаммият мебошад.

# БОБИ III
# МАЗМУН ВА ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО

## 3.1. Мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир

Осори маҳфузмондаи Савдо аз назари мазмун ва мундариҷа пурғановат ва аз ҷиҳати шеваи эҷод ғолибан ҳунармандона аст. Падидаи мазкурро ҳамаи муҳаққиқон таъкид кардаанд. “Мероси адабии то ба замони мо расидаи Савдо, – менависад Гулсум Галимова, – аз ҷиҳати ҳаҷм ва миқдор он қадар зиёд нест, вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, инчунин, хеле қобили диққат мебошад” [Савдо 1958, с. 18-19].

Муҳаққиқони дигаре, ки доир ба осори адабии манзуми Абдулқодирхоҷаи Савдо баҳс ба миён оварда, перомуни мазмуну мундариҷаи ашъори шоир ибрози андеша кардаанд, осори манзуми шоирро аз назари муҳтаво ба ду қисмат ҷудо кардаанд: лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ. Масалан, Р. Ҳодизода менависад, ки “тамоми мероси манзуми Савдоро ба ду қисм: ба лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳаҷвию мутоиба ҷудо кардан мумкин аст” [Ҳодизода 1968, с. 152]. Н. Сайфиев низ айнан чунин андешаро ҷонибдор аст, вале бидуни зикри манобеъ. Ба ин маънӣ ӯ менависад: “Мероси манзуми Савдоро бо мазмуну мундариҷаи худ ба ду қисм тақсим кардан мумкин сат: 1) лирикаи ишқӣ ва 2) ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ” [Сайфиев 2019, с. 112].

Чунин тақсимбандии ашъори Абдулқодирхоҷа Савдо ҳатто дар Аврупо низ сурат гирифтааст. Фаразан, донишманди чех Ян Рипка маҳз бо манзури падидаи мазкур чунин арзи мақсад мекунад: “Савдо, пеш аз ҳама, шоири лирик ва ҳиҷогӯ мебошад” [Рипка 1970, с. 368]. Муҳим он аст, ки ин донишманд Савдоро шоири соҳибистеъдод медонад ва таълифоти ин шоирро қиёсан аз муосиронаш риҷҳон медиҳад ва ба ин маънӣ менависад: “Дигар аз нависандагони бузурги садаи XIX Абдулқодирхоҷа Савдо аст, ки ӯ яке аз шоирони соҳибистеъдоди замони хеш ба шумор меравад” [Рипка 1970, с. 368].

Албатта, Г. Галимова, ки дар мураттабсозии ҷараёни зиндагии Савдо ва гирдоварии осори адабии ӯ саҳми бештаре дорад, оид ба муҳтавои осори адиб баҳс ба миён оварда, чунин менависад: “Дар баробари ғазалҳои лирикии Савдо як қатор шеърҳои ба мавзуи “бепулӣ ва қарз” бахшидашуда низ дорад” [Савдо 1958, с. 20]. Қазовати мазкур низ маъниҳои фармудаи муҳаққиқони фавқуззикрро, ки баъд аз Г. Галимова муҳокимарониҳо кардаанд, хотиррасон месозад ва ҳамфикр будани аҳли таҳқиқро дар ин ҷода ёдрас менамояд.

Назари муҳаққиқон дар ин масъала, бегумон, аз ишораҳои баъзе тазкиранигорон сарчашма мегирад. Муаллифони баъзе тазкираҳо дар нақли намунаҳои ашъори Савдо аввал шеърҳои суннатии шоирро нақл карда, дар охир бо ишора ба ашъори ҳаҷвия доштани Савдо ва дар ин навъ шеърҳо “Бепул” тахаллус кардани ӯ, ба таври ҷудогона ашъори ҳаҷвию ҳазлияро зикр кардаанд. Барои мисол, бахши охири фасли ба Савдо дахлдори тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ чунин оғоз мешавад: “Аз ашъори ҳаҷвияи мумиилайҳ, ки дар он Бепул тахаллус мекунад, чанде ҷиҳати инбисоти хотири улилабсор марқум мегардад” [Шаръӣ 2015, с. 42]. Садри Зиё низ овардааст, ки “дар ашъори расмӣ “Савдо” ва дар абёти ҳазлиёт “Бепул” тахаллус менамояд” [Садри Зиё 1380, с. 307]. Ҳамин қавл дар ҳамаи сарчашмаҳои дигар ва манбаъҳои илмӣ бидуни тағйир нақл мешавад, ки комилан саҳеҳ мебошад. Қазовати муҳаққиқони фавқуззикр ва ишораҳои ҷузъии олимони минбаъда дар заминаи муҳокима ва натиҷагириҳои устод С. Айнӣ ва А. Мирзоев қобили зуҳур шудаанд.

Адабиёти нимаи дуюми садаи XIX аз назари муҳтаво як тозакории бунёдӣ дорад, ки қиёсан бо каломи ҳунарии мавзун нодир, ё худ ҳамчун дарунмояи комилан ноб шинохта мешавад. Ин дарунмояи каломи ҳунарӣ, ки бо номи “равшангарӣ” ва ё “маорифпарварӣ” ёд мешавад, аз осори Аҳмад Махдуми Дониш маншаъ мегирад. Дар баррасиҳои илмии адабиёти ин давра маъмулан афкори Аҳмади Донишро таҳи мафҳуми “маорифпарварӣ” ёд мекунанд, вале ахиран адабиётшинос С. Амирзода “адабиёти мутараққии нимаи дувуми асри XIX тоҷикро ба сифати адабиёти равшангароии эҳёӣ (ренессансӣ), яъне

адабиёти қабл аз замони маорифпарварӣ” [Маликзод 2022, с. 62-63] таҳқиқ ва муаррифӣ кардааст, ки назаре тоза мебошад. Савдо муосир ва пайрави муваффақи Аҳмади Дониш буда, дар шеъраш оҳангҳои озодандешӣ ва равшангароӣ мавқеи намоён дорад.

Аз мухтассоти ҷараёни равшангарӣ ду бахш ё ақсоми он: интиқоди золимон ва дифову ҳимояи табақаи заҳматкаши ҷомеа дар осори Савдо хеле хуб ба мушоҳида мерасанд, ки яке аз рисолатҳои таърихии баҷоовардаи адиб дар замони худ мебошад.

Дар идома мавзуъҳои асосии ашъори Савдо, ки аз ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол ва мавзуъҳои иҷтимоӣ иборатанд, ҷудогона баррасӣ мешаванд.

### 3.1.1. Тараннуми ишқ дар ашъори Савдо

Жанри ғазал дар ашъори Савдо дар ҷойи аввал қарор гирифта, мавзуи меҳвариаш ишқу исёнҳои қалбии инсон дониста мешавад. Ғазал пас аз Саъдӣ (пас аз асри XIII) ҷойи худро дар таърихи адабиёт сахт устувор карда, то аҳди Шуравӣ – 700 сол ҷояшро ба жанри дигаре надодааст. Чунин падида марбут ба ҷанбаҳои иҷтимоии рӯзгори халқи тоҷик буда, баёнгари авзои замон, тарзи зиндагӣ, ҳолоти руҳию равонӣ, ҷаҳонбинӣ, таманно ва орзуҳову хосторҳои миллӣ низ дониста мешавад. Таҳаввули лирикаи ишқӣ дар эҷодиёти Савдо нишон медиҳад, ки ошиқу маҳбуба симоҳои сирф иҷтимоӣ шудаанд.

Аз ашъори лирикии Савдо то кунун 59 ғазал шинохта шудааст, ки дар эҷоди онҳо шоир ду тахаллуси адабӣ дорад: “Савдо” ва “Бепул”. Аз ин теъдод 9 ғазал бо тахаллуси “Бепул”, 34 ғазал бо тахаллуси “Савдо” ва 16 ғазал бидуни зикри исми адабӣ омада расидааст. Савдо дар арсаи эҷод ҳамчун пайрави Бедил ворид шуд. Ин раванд дар ашъори адиб ба мушоҳида мерасад, зеро ҳазлу ҳиҷо аз мухтассоти сабки Бедил нест. Муҳим он аст, ки Савдо дар ин ҷода тозакориҳо кард. Ӯ шаклро пазируфт, вале дарунмояро билкул таҷдиди назар карда, дар таҷдиди дарунмояи ашъори лирикӣ муваффақ ҳам шудааст.

Дар ҳақиқат, дар рӯзгори Савдо доираи адабии Бухоро зери нуфузи ашъори Бедил қарор дошт. Ба ин маънӣ, муҳаққиқ Г. Галимова чунин таъкид

мекунад: “Эҷодиёти Бедил ба баъзе шоирони пешқадами нимаи дуввуми асри XIX, аз ҷумла, ба Савдо низ таъсир накарда натавонист. Савдо як миқдор шеърҳо дорад, ки дар пайравии Бедил навишта шудаанд” [Савдо 1958, с. 19].

Ҳақ ба ҷониби профессор Р. Ҳодизода аст, ки мегӯяд: “Ибтидои эҷодиёти Савдо айнан дар ҳамин давраи “ҳукмронии сабки бедилӣ” рост омада буд. Аз ин сабаб, мо дар лирикаи ӯ нақши намоёни назми “бедилпарастонаи” ҳамон даврро равшан мебинем. Ин таъсири назми “бедилӣ” дар тақлиди зоҳирӣ ва гоҳо дар пайравии мазмунҳои суфиёна ифода меёфт [Ҳодизода 1968, с. 153].

Барои зуҳури сабки ҳиндӣ ҳанӯз заминаҳои он дар ашъори шуарои қаламрави Мовароуннаҳр ба назар мерасид. Ҳолати мазкур дар ашъори шуарое, аз қабили Мавлавӣ Шарифи Бухороӣ, Киромии Бухороӣ, Мутрибии Бухороӣ, Бобо Раҳим Машраби Бухороӣ, Қозӣ Лутфуллоҳ Шокири Бухороӣ, Муъмини Самарқандӣ, Киромии Бухороӣ, Роқими Самарқандӣ, Субҳонқулихон Волии Бухороӣ, Имлои Бухороӣ, Носири Бухороӣ, Саййидои Насафӣ, Шавкати Бухороӣ ва бисёр дигарон ба хубӣ ба мушоҳида мерасад. Аз тарафи дигар, чунин тамоюли сабки байнобайн дар ашъори шуарои қаламрави Мовароуннаҳр ва махсусан, дар ашъори онҳое, ки то рӯзгори Бедил эҷод кардаанд, бештар манзур мегардад. Қазовати фавқ дар баҳси С. Нафисӣ низ дар шакли басо ҷолиб таъкид мешавад, ки гуфтааст: “Дар қарни даҳум дар Ҳиндустон асоси сабки махсус дар шеър гузошта шуд, ки ба номи сабки ҳиндӣ маъруф шудааст ва ин сабк аз равиши хоси шоирони символизми қарни XIV, махсусан Камоли Хуҷандӣ, Фахриддини Ироқӣ, Ҳофизи Шерозӣ берун омадаву шоирон дар истеъмоли киноёту истиорот ва маонии дақиқ ва нозукбаёнӣ ва ишора ба мисол ва истилоҳоти хос беш аз андоза рӯй кардаанд” [Нафисӣ 1344, с. 110].

Як нуктаро бояд хотиррасон кард, ки бо зуҳури Бедил дар таърихи каломи бадеъ марҳалаи нави эҷод оғоз шудааст. Ин раванд дар кӯтоҳтарин муддат сабки умумии даврро зери нуфуз қарор дода, тадриҷан бо пирӯзии сабки фардӣ роиҷ гардид ва ибораи сабки бедилӣ мавриди коргирӣ қарор гирифт. Савдо низ дар оғоз ба намояндагӣ аз ин мактаби адабӣ, ба фаъолияти эҷодӣ оғоз бахшида, ашъори лирикии худро дар пайравӣ ба ҳамин мактаб эҷод кардааст. Ин

пайванди адабӣ-эҷодӣ ҳатто аз ғазали аввали девони Бедил, ки Савдо онро манбаи илҳоми хеш қарор додааст, маншаъ гирифтааст. Мо дар ин бора ҳангоми баррасии мавқеи ғазал дар эҷодиёти шоир баҳс карда будем.

Дар лирикаи ишқии Савдо ва умуман, дар ашъори шоир оҳангҳои яъсу навмедӣ, шикастадилӣ, ғаму андуҳ, дилмондагӣ, ҳиҷрону фироқ, дурию ҷудоӣ, хастаҳолию парешонӣ ва ғайра хеле зиёданд. Ин оҳангҳо, ба назари мо, дар ашъори Савдо ҷанбаи басо қавии такондиҳӣ доранд. Дар замири ӯ неруи тозаи қиёсу руҷҳон мебахшанд ва ин аст, ки Савдо садои дилро баландтар месозад:

“Чанд девона чунин лофу газофат бинам?
Шӯрише кун, ки ҷунунҳои масофат бинам...
Пуду тори суханам канд зи девонагиат,
Худ ба ҳарф о, даҳани муҳмалабофат бинам.
Риш бар бод мадеҳ, то накунам сози ҷунун,
Вазъи девонагиатро ҳама офат бинам.
Ману шоир, туву девона маҳол аст, маҳол,
З-ихтилоти ту ба кавнайн шарофат бинам.
Асари суҳбати девона чӣ гӯям, Савдо,
Магар аз саҳву хато низ муофат бинам” [Савдо 1958, с. 44].

Аҷобати кор он аст, ки маъшуқа фармоннопазир, гапнодаро, назарбаланд, беэътино, гапнодаро, панднопазир, ҳатто ҷунунфеъл аст. Ошиқ ин ҳамаро на танҳо медонад, балки мебинад, вале ноилоҷ аст. Аз ин рӯ, батамомӣ маъшуқаро афв мекунад ва мехоҳад қаробат пайдо кунад. Ҳолати мазкур аз оғоз то анҷоми ғазал ба тасвир омадааст. Ин ҳолат танҳо хосси адабиёти мо набуда, дар адабиёти халқҳо ва миллатҳои дигар низ манзур мегардад. Тибқи қазовати Кадканӣ, “Эйхенбаум дар бораи қаҳрамони лирикии шеъри Лермонтов мегӯяд: “Бар ин замин ғарибе танҳост, ки эҳсос мекунад, мутааллиқ ба ҷаҳоне дигар аст ва ҳамеша эҳсоси ҷудоӣ аз ҷаҳони беҳтар дорад”. Чунин талаққӣ мояи ҷудошудагии “ман”-и шоиронаи ӯ шудааст. Дар ин хусус, ба гуфтаи Эйхенбаум, шеъри ғиноӣ табдил ба навъе эътирофи ранҷовар мешавад, яъне офаридани як “ман”-и махсус, ки бар саросари ҷаҳон аз диди сарнавишти худ

менигарад ва ин сарнавиштро масъалаи ҳамаи ҷаҳон мебинад” [Кадканӣ 2023, с. 157].

Ҳамин муҳаққиқ дар идомаи баҳси хеш боз ҳам шохистар баҳс ба миён оварда, менависад: “Ба ҳамин далел Трубетской муътақид аст, ки дар шеъри Лермонтов интихоби темҳо, мутифҳо, калимот, истиораҳо, ташбеҳот ва асолиби таркиб ва ҳатто подоҳанги шеъри ғиноии ӯ (иқоъ, мелодия ва мусиқорагӣ) ҳама тобеъ аст аз вазъияти равонӣ ва печидаи ӯ. То он ҷо, ки ин печидагӣ аз “ман”-и шоиронаи ӯ нашъат мегирад, омили барҷаста ба шумор меравад ва ғайри қобили инкор аст” [Кадканӣ 2023, с. 157].

Агар аз ин диди пурвусъат ба ашъори ин адиб чашм андозем, мебинем, ки Савдо дар зиндагӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ шахсияти нисбатан тангдаст ва нодор аст, вале чоплусу тамаллуққор ва хушомадгӯю пастназар ҳеҷ гоҳ нест. Ин аст, ки ӯ мегӯяд:

“Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? – Не.
В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? – Не.
Умрҳо дар талаби ёр давидӣ, охир,
Ғайри ӯ ҳеч ба олам дигаре дидӣ? – Не” [Савдо 1958, с. 38].

Бо вуҷуди ин ҳама нобарориҳо, Савдо дар зиндагӣ комилан навмед нест. Сарфи назар аз он ки ӯ татбиқи таманно надорад ва мазраи умедаш бесамар аст ва ҳатто мардум ӯро девона гуфтаанд, вале Савдо шахсони риёиро хуш надорад ва бо золимону ноодилон муросо намекунад. Ин аст, ки чунин мегӯяд:

“Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо,
Чун панди ту нест судмандо” [Савдо 1958, с. 40].

Савдо бо онҳое муносибат надорад, ки муносиб нестанд. Дар ғазали фавқ Савдо худро аз нигоҳи зоҳид девона меномад. Амали ӯ чӣ сабаб дорад? Ба андешаи мо, сабаби ин рафтори адиб ҳамоно низои шахс ва муҳит, эътироз ба беадолатиҳои замона, дурӣ ҷустан аз нотавонбинон, канораҷӯӣ аз золимон ва бехирадон аст. Ӯ бо мардуми заҳматқарину ҳақгӯ, одилу адолатпеша, ҳалолкору ҳақбин, ҳақиқатҷӯю ростқавл ҳеч гоҳ дурӣ намеҷӯяд. Зиёда аз ин, Савдо барои ҷоннок сохтани оҳангҳои иҷтимоӣ, барои дифои адолату ҳақиқат,

дифои ҳамидахисолӣ ва маънавиёти ҷомеа рисолати сирф таърихӣ ба ҷо овардааст. Бино бар ин, ӯ бо зоҳиди риёӣ созиш намекунад, зеро мардум ба ӯ – ба зоҳид назари дигар доранд. Савдо барои фош кардани ин симо ҷаҳди сидқӣ дорад.

Яке аз навовариҳои Савдо дар баёни мавзуи ишқ аз он иборат аст, ки ӯ оҳангҳои марбут ба мазамммати зуҳду риё ва таассубу ҷаҳолатро низ дар қолаби ғазал дар заминаи баёни эҳсосу отифаи ошиқона баён кардааст. Намунаи ин равиш ғазалест, ки бо чунин байтҳо сар мешавад:

“Эй сабо, хобгаҳи ёри маро дидӣ? – Не,
Сунбули турраи дилдори маро дидӣ? – Не.
Носиҳо, холу хати ёри маро дидӣ? – Не,
Ҷилваи қомати дилдори маро дидӣ? – Не” [Савдо 1958, с. 57].

Байтҳои зерин муддаои шоирро дар баробари зоҳид барҷастатар ифода мекунад:

“Зоҳид, аз маъракаи ишқ карон гир, карон!
Оҳи сарду дили афгори маро дидӣ? – Не.
Бехабар лоф мазан пеши ҳарифону магӯ,
Файзи ришу фашу дастори маро дидӣ? – Не.
Рӯзу шаб дар талабаш нолакунон, наъразанон,
Чеҳраи зарду тани зори маро дидӣ? – Не.
Пайкарам сӯхту нашуд кам зи сарам савдоям,
Марҳабо, гармии бозори маро дидӣ? – Не” [Савдо 1958, с. 57].

Дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX шеваи пешгирифтаи ҳунарии Абдулқодирхоҷаи Савдо фардӣ-индивидуалӣ бошад ҳам, тибқи қазовати ҳамаи тазкиранигорони садаи мазкур, ӯ шоири навовар, хуштабъ, соҳибистеъдод, мушоҳидакор буда, идеали эстетикии Савдо иртифои маънавиёти ҷомеа ва баёни норизоии шахси эҷодкор аз муҳити носолим аст.

Аз ин рӯ, Савдо барои таскини дил ва оромиши ҳол мегӯяд:

“Аз ғами турраи ошуфтаат ошуфта шудам,
Ҷамъ гардон ба мурувват дили зорам, бинишин” [Савдо 1958, с. 68].

“Ман”-и Савдо нақши ошиқи бевафо, ростқавл, пурсабр, содиқ, дурандеш, фурӯтан, шикастанафс, ниҳоят хоксор ва муҳимтар аз ҳама – меҳнаткарину рӯзгорӣ аст. Вале маҳбуба алорағми симои ошиқ аст. Ӯ золим, маккор, ҷафопеша, мағрур, бадаҳд, бемеҳр, танноз, айёр буда, ислоҳнашаванда аст. Аз ин ҷиҳат, ошиқ орому қарор надорад ва пайваста таваллову зорӣ мекунад. Ҷӯёи суботу васл ва рафоқату дӯстӣ мебошад. Ин аст, ки ӯ хешро қиёснопазир медонад:

“Сухан кӯтаҳ, ки, Савдо, доғам аз яъс,
Набошад ҳеч кас монанди ман доғ” [Савдо 1958, с. 39].

Ин ҷо воқеияти замон ҳам дар назар дошта мешавад. “Оҳангҳои яъсу навмедӣ ва шикоятҳои талхе, ки дар бисёр ғазалиёт ва манзумаҳои ӯ дида намешавад, – менависад Р. Ҳодизода, – натиҷаи ҳамин муҳити фоҷиаангез ва пурталотуми он давр, тасвири шароити вазнини шахсони фазилатпарвар ва доништалабе буд, ки дар доираи фишоровари қабоҳати дарбор худро дар вазъияти ниҳоят тангу бедармон ҳис мекарданд. Дар ғазалиёти Савдо ифода ёфтани чунин оҳангу мазмунҳои навмедонаро аз ин сабаб танҳо изҳори шикваҳои шахсӣ пиндоштан норавост. Чунин оҳангҳои навмедона одатан дар ғазалҳои шоир бо эҳсоси ғаму андуҳ аз фироқи ёр ва ҷудоӣ аз васли дӯсти маҳраму ҳамдам ифода ёфтааст” [Ҳодизода 1968, с. 155].

Ба сурати умум, аз баррасиҳои боло маълум мешавад, ки тасвири мавзуи ишқ ва эҳсосоту отифаи ошиқонаро Савдо бештар дар қолаби жанри ғазал ҷой додааст. Аммо, чунонки дар се зерфасли баъдӣ матраҳ хоҳад шуд, ғазалиёти Савдо аз лиҳози муҳтаво фарогиртар буда, ғайр аз мавзуи ишқ, инчунин, дар онҳо мавзуъ ва мазмунҳои марбут ба ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол ва иҷтимоиёт низ матраҳ шудаанд.

### 3.1.2. Ҳаҷв ва мутоиба дар ашъори шоир

Яке аз вежагиҳои асосии тамоюлоти мавзуӣ дар эҷодиёти Савдо таваҷҷуҳи зиёди шоир ба ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ мебошад. Ҳаҷву мутоиба ҳам дар осори манзум ва ҳам асарҳои насрии адиб ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд.

Аксари тазкиранависон ва муҳаққиқони муосир, ки ба осори Савдо таваҷҷуҳ кардаанд, дар ҳаҷву мутоиба дасти тавоно доштани ӯро таъкиду таъйид кардаанд. Муҳаққиқон дарунмояи осори Савдоро баъд аз ба ду қисм: лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳиҷову истеҳзо қисмат кардан, инчунин, осори ҳиҷову фукоҳиёти ӯро муштамил бар се қисмат: 1. ҳиҷои малеҳ; 2. татаббуи ашъори Абуисҳоқи Атъима; 3. ҳиҷою интиқод донистаанд. Аммо, ба назари мо, ашъори ҳаҷвию мутоибавии Савдоро ба 4 бахш ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Савдо дар шеърҳои ҳаҷвию мутоибавӣ тахаллуси дигари худ – “Бепул”-ро истифода мекардааст. Садри Зиё дар ин хусус чунин таъкиде дорад:

> “Дар ашъори ширини борангу бӯ
> Тахаллус ба “Савдо” кунад некхӯ.
> Агар шӯхтабъӣ аз ӯ гул кунад,
> Тахаллус дар он шеър “Бепул” кунад” [Садри Зиё 1304, с. 146].

Ҳамин маънӣ дар “Шуарои мутааххирин”-и Садри Зиё низ таъкид шудааст [Садри Зиё 1304, с. 2193]. Аз муҳаққиқони муосир танҳо Р. Ҳодизода дар масъалаи мушаххассозии тахаллусҳои Савдо ба ашъори “ишқию лирикӣ” ва “ҳаҷвию ҳазломез” андешаи хилофи назари маъмул баён кардааст. Ба назари ин муҳаққиқ, Савдо “на фақат дар ғазалиёти ҳаҷвию ҳазломезаш, балки дар баъзе ашъори лирикиаш низ “Бепул” тахаллус мекардааст” [Ҳодизода 1968, с. 162].

Ба ҳар сурат, як нукта раднашаванда боқӣ мемонад, ки Савдо дар қисми аз ҳама зиёди ашъори лирикиаш аз тахаллуси аввал ва дар ашъори ҳаҷвию мутоибавиаш аз тахаллуси дуюм истифода кардааст.

Шеърҳои дар мавзуи ҳаҷву мутоиба эҷодкардаи Савдо аз он дарак медиҳанд, ки шоир ба воқеиятҳои рӯзгори худ бо назари интиқодӣ менигарист. То як андоза рӯ овардани Абдулқодирхоҷаи Савдо ба ашъори мутоибавӣ шояд ба ҳамин назари интиқодӣ доштани шоир иртибот дошта бошад. Дар масъалаи иртиботи Савдо ба дарбор гуфта будем, ки ҳузури шоир дар рикоби амир аз ночорӣ ва аксар муросо будааст. Бо вуҷуди ин ҳама созишҳои зоҳирӣ, адиб сирри дилу арзи ҳоли худро тавассути фарзандони маънавии хеш арз кардааст. Масалан, Абдулқодирхоҷа Савдо дар як ғазали сирф иҷтимоии худ огоҳ месозад, ки инсон дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат зиракию ҳушёриро бояд аз

даст надиҳад ва дар кадомин маконе қарор дошта бошад, бояд эҳтиёткорию зиракиро фаромӯш накунад. Ба ин маънӣ мегӯяд:

“...Аз мувосоҳои софитинатон эмин мабош,
Фитнаҳо дар табъи ҳамвор аст музман теғро.
Фитначӯёни замонро тарбият кардан хатост,
Чарх аз моҳи нав охир хурд бар сар теғро.
Аз фусуни тарбиятҳои замон эмин мабош,
Рӯй бар санг аст аз дасти фасонгар теғро.
Табъи Савдо пур зи истеҳсони дунон тира аст,
Санги нохуш аз фасон созад мукаддар теғро!” [Возеҳ 2020, с. 116].

Байти дуввуми шеъри равон ҳолати дарбору муносибати зимомдорон нисбат ба дигаронро ифода мекунад, ки хеле мӯшикофона гуфта шудааст. Дар байти интиҳоӣ моҳияти масъала боз ҳам возеҳтар аст, зеро ҳадаф дар ин байт бидуни пардапӯшӣ баён шудааст.

Истифодаи вожаи “дунон” худ ифшогари ҳадди ниҳоии тоқати ҳолати пешомада буда, муносибати ошкорои адибро гувоҳ аст. Ин аст, ки адиб ҳамчун намояндаи дарбор бештар ба ҷойҳои махуф бо ҳар баҳона фиристода мешавад, ки ин амал як навъи хоҳиш надоштани ходим маърифат карда мешавад. Ин ҳам мусаллам аст, ки Амир Музаффархон басо шахсияти сиёсии камҳавсала, айёш ва дар корҳои давлатӣ бепарво будааст ва ин хислати ӯ, ки Савдо аз наздик ва хуб омӯхта буд, ба адиб низ чандон хуш намеомадааст. Чуноне ки қаблан ишора шуд, Савдо зоҳиран, яке аз наздикони Амир Музаффархон будааст. Боре Амир Музаффархон Савдоро ба супорише ба самти Балҷувони Хатлон мефиристод. Ӯ барои иҷрои супориши амир роҳи ин мулкро пеш мегирад ва то ба Норак омада, дар назди макони мазкур, ки дарёи Вахш аз он ҷо мегузарад, ҳангоми убури дарё ғарқ мешавад.

Як бахши муҳимми ашъори ҳаҷвию мутоибавии Савдоро ашъори ҳазломез ва мутоиботие ташкил медиҳанд, ки ба сабки шӯхӣ ва зарофат навишта шудаанд. Ҳузури чунин ашъор дар саросари эҷодиёти шоир хосияти куллӣ дошта, дар ҳамаи анвои шеърҳои сурудаи ӯ мушоҳида шуданаш мумкин аст. Ба

мушоҳидаи саҳеҳи Р. Ҳодизода, “оҳанги шӯху зарофатдор ҳатто ба лирикаи “ҷиддии” ошиқонаи Савдо низ хос буд” [Ҳодизода 1968, с. 163]. Лирикаи ошиқонаи Савдо, чунонки то ба ин ҷо маълум шуд, бахши асосию муҳимми эҷодиёти шоирро ташкил медиҳад.

Вежагии аслии ашъори лирикии ҳазломез ва мутоиботии Савдо аз назари тарзи баён бо вуҷуди лаҳни зарофат, мутоиботи хосси сабки баёни худи шоир, базлагӯию ҳозирҷавобӣ, оҳангҳои ҳазломез ва аз ҷиҳати мухтассоти забонӣ бо истифодаи калимаҳои хосси гуфтугӯӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ мушаххас мешавад. Аксари мушаххасоти номбаршударо дар ғазали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

“Он ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Пораи ноне ба пеши қониъон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон ҷоми мул аст.
Он чи ранге дорад аз чашми ғизолон, наргис аст
В-он чи бӯе медиҳад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Хоҳ қониъ бош дар дунёи дун, хоҳӣ ҳарис,
Нафсро то вақти реҳлат бар сари хон ғулғул аст.
Бонги чуғд андар сарои мо навои барбат аст,
Қар-қари лаклак ба боми мо садои булбул аст.
Он ки дорад молу зар, асбобу сомоне ба даст,
Гарчи нодон аст, назди мардумон ақли кул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махур аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст” [Айнӣ 2010, с. 226].

Чунонки аз муҳтаво ва тарзи баёни шоир бармеояд, ин ғазал ишқӣ буда, дар сабки умумии ғазалиёти суннатӣ гуфта шудааст. Аммо отифаи ишқ дар ин ғазал омехта бо зарофату шӯхӣ ва мутоибаи хосси шоир баён шудааст. Дар натиҷаи хондани байти якум образи “гул”-у “булбул” анъанавӣ ба назар меояд, вале шуруъ аз байти дуюм лутфи сухан тағйир меёбад, андеша ба ҳолате гиреҳ мехурад, ки моҳиятан ба вазъи руҳию иҷтимоии ошиқу маъшуқ алоқаманд аст.

Дар байти чорум танзи малеҳе ба назар меояд, ки дар ду байти баъдӣ ба оҳанги сахти иҷтимоӣ ва танқиди пиндори ҷомеашинохтии мардум табдил меёбад. Мисраи охири ғазал – “Ғам махур аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст” дар миёни мардум чун масали роиҷ шуҳрат дораду паҳн шудааст.

Ғазали дигари ишқии Савдо, ки мисли як силсила ғазалиёти дигари ӯ “ба тариқи тақлиди ҳазломез (пародия) навишта шуда” [Ҳодизода 1968, с. 163] ва дар он руҳияи зарофат ғолибият дорад, бо байти зерин сар мешавад:

“Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фирокро,
Чун накунӣ, чико кунам ваъдаи хушку қоқро?” [Айнӣ 2010, с. 226].

Ин ғазал аз назари истифода калимаву мафҳумҳо ва тиккакаломҳои хосси гуфтугӯии миёни мардум, ба мисли чунин намунаҳо шуҳрати зиёд дорад: “...чико кунам ваъдаи хушку қоқро?”, “туғрӣ агар кашӣ буҷул” (истилоҳи хосси буҷулбозон), “ҳисоби пулро гум накардан”, “пичир-пичир кардан”, “гӯлахиён”, “Муфт чӣ гуна бигзарам даъвии нони қоқро?”, “чаккаву паккаи буҷул”, “қучоқро нася додани ёр”, “қуроқ”, “халтачаи қуроқро гарав ниҳодан” ва ғ.

Бахши дигари ашъори ҳаҷвию мутоибавии Савдоро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки онҳоро шоир дар пайравии ашъори атъимаи Абуисҳоқи Атъимаи Шерозӣ сурудааст. Таҳти мафҳуми “ашъори атъима” шеърҳое дар назар дошта мешаванд, ки мавзуи аслии онҳоро хӯрокҳо ташкил дода, дар васфи хӯрокҳои гуногун ва баъзе хӯрданиҳо суруда шудаанд. Чунин ашъорро дар таърихи адабиёти тоҷик бори аввал яке аз шоирони маъруфи асри XV Абуисҳоқи Атъимаи Шерозӣ (ваф.: 1434) эҷод кардааст. Дар пайравии ин шоир эҷод кардани чунин шеърҳо ва мавзуи асосии онҳоро аз матни ғазали зерин дарёфтан мумкин аст:

“Қаноатпарвари шавқам, мапурс аз иштиҳои ман!
Биё бе ҳар чӣ хому пухта ҳозир кун барои ман.
Пайи хӯрдан агар чангол ороям, маозалло,
Фалакро раъша гирад аз шукуҳи луқмаҳои ман.
Зи асбоби ҷаҳон ҷуз хӯрданиҳоям намебояд,
Касе бар ҷо наёрад ҳаққи неъматро барои ман.

Зи таърихи палав бо баррабирён монд кор, охир,
Аз ин тифли сағир охир чӣ хоҳад шуд ғизои ман?
Чунон саргарми ҳалвои тари қандинам, эй кочӣ!
Дуоят мекунам, бар холабибӣ гӯ дуои ман.
Зи ишқи мурғи бирён мешудам овораи саҳро,
Намебудӣ агар занҷири угро банди пойи ман.
Ба гипо рози дил ногуфта монд, эй иштиҳо, сабро!
Забони калла хоҳад шарҳ кардан муддаои ман.
Башоратҳост, Савдо, ҳар замон аз рӯҳи Исҳоқам,
Чалавмастист, ё Раб, фикрати маънирасои ман” [Савдо 1958, с. 80].

Чунонки мебинем, дар мақтаи ғазал исми Исҳоқ зикр шудааст. Дар поварақии саҳифаи “Мунтахабот”, ки ҳамин ғазал дарҷ шудааст, Г. Галимова исми мазкурро чунин тавзеҳ додааст: “Дар ин ҷо Савдо Абу Исҳоқ (Абуисҳоқи – С. М.) Атъимаро дар назар дорад. Абӯ Исҳоқ – яке аз шоирони машҳури асри XV” форс-тоҷик мебошад, ки аввалин дафъа дар таърихи адабиёт хӯрокҳоро мавзуи асосии ашъори худ қарор додааст. Ҳамон навъе ки аз ишораи дар шеъри боло оварда маълум мегардад, Савдо яке аз пайравони асосии Абӯ Исҳоқ будааст” [Савдо 1958, с. 80].

Дар ашъори атъимаи Савдо, аз ҷумла, дар мисоли шеъри боло, номгӯи чунин таомҳо ва дигар хӯрданию ширинихо зикр шудаанд, ки ҳанӯз ҳам дар миёни мардуми тоҷик маъмул ҳастанд: палав, баррабирён, ҳалвои тар, кочӣ, мурғи бирён, угро, забони калла (аз каллапоча). Инчунин, зикри истилоҳоти хосси ин мавзуъ низ, ба мисли “иштиҳо”, “хому пухта”, “чангол”, “луқма”, “ғизо”, “иштиҳо” ҷолиб ҳастанд. Ибораи “занҷири угро” ҳам шоирона аст.

Паҳлуи дигари ҳаҷву мутоибаҳои Савдо ба назари интиқодии шоир нисбат ба падидаҳои рӯзгораш алоқаманд аст. Бинобар ин, дар баррасии низоми мавзуии ашъори Савдо яке аз масъалаҳои асосӣ назари интиқодии шоир нисбат ба воқеияти замони зиндагӣ, муҳити одамони гуногун, муносибаташ ба таомулоти одамон дар баробари неъматҳои моддию маънавӣ мебошад. Ба ин ҷиҳати эҷодиёти шоир А. Ҳабибов назар афканда, чунин андеша пешниҳод

намудааст: “Аксари шеърҳои Савдо ба васфи неъматҳои моддӣ, таомҳо бахшида шудаанд, ки худи ҳамин ҷиҳати эҷодиёти шоир бар алайҳи шоирони маддоҳ, муқаллид ва сӯфимизоҷ як навъ эътироз буд” [Ҳабибов 1960, с. 151].

Дар ин иқтибос таркиби “аксари шеърҳои Савдо” андаке муболиға мебошад, чунки аз назари басомад вазъ чунин нест. Вале чунин ашъор дар коргоҳи эҷодии Савдо як хатти алоҳидаро ташкил медиҳад. Чунонки дар баҳсҳои пешин зикр карда будем, Савдо дар чунин ашъори худ, ки устод Айни онҳоро таҳти мафҳуми “ашъори хандаовари муфлисона” ёд кардаанд, “Бепул” тахаллус мекард.

Намунаи баргузидаи ашъори хандаовари муфлисонаи Савдо, аз назари устод Айнӣ шеъре мебошад, ки дар он ғазали якуми “Девон”-и Бедилро “танзиму иқтибос карда, доди суханварӣ додааст:

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи хасосат харҷи беҷо барнамедорад,
Чу ҳамён сар ба муҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.
Зи тарзи машраби имсок сайри бенавоӣ кун,
Ки бебокона натвон харҷ кардан парри коҳ он ҷо.
Кунам қарзе ба афсуни дили бемуддао, Бепул,
Аз он мумсик, ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ он ҷо

[Айнӣ 2010, с. 151].

Аз ин ғазал мо қаблан ҳам ёдовар шуда будем, бинобар ин, аз такрор чора нест, чунки дар ҳамин мавзуъ аз ёдоварии қавли устод Айнӣ ногузир ҳастем.

Ба сурати маҷмуъ, аз баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки ашъори ҳаҷвию мутоибавии Савдо шомили чаҳор бахш ҳастанд: а) танқиди воқеиятҳои рӯзгор, ки дар натиҷаи бо назари интиқодӣ нигаристани шоир ба миён омадаанд; б) шеърҳое, ки ба тарзи шӯхӣ ва зарофат эҷод шудаанд; в) шеърҳои атъима, ки дар пайравии Абуисҳоқ Атъимаи Шерозӣ гуфта шудаанд; г) ҳаҷвияҳое, ки дар онҳо норасоиҳои марбут ба вазъи иҷтимоии замон ифода шудаанд.

### 3.1.3. Ҳасби ҳол дар ашъори Савдо

Рӯзгори Абдулқодирхоҷаи Савдои Бухороӣ ба даврони хеле нобасомону нооромм ва пурташвишу пурмоҷарои таърихи миллати тоҷик рост омадааст. Ин нобасомониҳо авомили дохилӣ ва хориҷӣ доштанд. “Лирикаи Савдо, – менависад Р. Ҳодизода, – ба андозаи муайяне инъикоси муҳити давраи худаш буд ва ин муҳитро ба роҳу равиши махсуси худ акс кунонидааст” [Ҳодизода 1968, с. 152].

Савдо ба муҳит назаре интиқодӣ бо ҳазлу ҳиҷои нисбатан малеҳ дорад. Падидаи мазкур мухтассоти фардӣ дошта, танҳо хосси осори адабии Савдо аст. Маҳз ҳамин ҷиҳат нигоҳи тоза ва фарқкунандаи каломи адабӣ-бадеии Савдо аст, ки эҷодиёти ӯ ва иштиҳори ҳунарии адибро миёни ҳампешагон руҷҳон медиҳад. Фаразан, ғазали аввали девони Абулмаонӣ, ки комилан ирфонист, мароҳили камолоту дарёфти аҳдоф дар он ифода шудааст, Савдо таҷдиди назар ба дарунмояи он дорад. Дар ин хусус ҳангоми баррасии мавзуъҳои иҷтимоӣ баҳс хоҳем кард. Ин ҷо фақат таъкид мекунем, ки ба ғазали мазкур Савдо таҷдиди назар намуда, дарунмояи онро дунявӣ-иҷтимоии сирф сохтааст, ки хеле нозук ва ҳунармандона аст.

Ё худ, Бедил ғазале дорад, ки он ишқӣ буда, бо матлаи зерин оғоз мешавад:

“Биё, эй гарди роҳат хирмани ҳусн,
Ба чашми мо бияфшон домани ҳусн” [Деҳлавӣ 1380, с. 1108].

Абдулқодирхоҷа Савдо ба ғазали мазкур ҷавобияи зеринро эҷод мекунад, ки муҳтавои ҳасбиҳолӣ дорад ва сирф тангии маишии аҳволи адибро фарогир аст. Дар мақтаи он пул асоси ҳастӣ таъбир карда мешавад:

“Биё, эй ҳури ҷаннат, хирмани пул,
Ба пеши мо бияфшон домани пул.
Саҳар парвардаи пул арзи шом аст,
Ҳазар кун аз варақ гардондани пул.
Ба чашм аз бепулӣ олам сиёҳ аст,
Қиёмат дошт гарди рафтани пул.
Зи тамдиди тараб ғофил мабошед,

Шикасти танга дорад хирмани пул.

Наӣ хаффош, бо меҳрат чӣ кин аст,

Ба ҷуз кӯрӣ чӣ дорад душмани пул.

Раги пул маркази умр аст, Бепул,

Назар кун, хуни ман дар гардани пул” [Савдо 1958, с. 33].

Ҳолоти фавқи қаҳрамони лирикӣ басо ҷолиб ва ниҳоят аҷоиб аст, ки дар таърихи таҳаввулоти ғазал пеш омадааст.

Дар ашъори Савдо зиндагии шахсии адиб бо муҳити фақиронаи макони зист, авзои хароби тангии рӯзгори ӯ, муносибати адиб бо табақаҳои ҷомеаи онрӯза ва хосса, бо мардумони доро тасвир шуда, дар сатҳи умумии лирикаи ишқии ашъор бунёди мавзуни онро таъмин мекунад. Дар мантиқи одии ифода, ҳасби ҳол ва авзои руҳии шоир дар ашъори ӯ мундариҷ аст. “Ман”-и лирикии Савдо, аз як тараф, ифодагари аҳволи зиндагии шахсии худи ӯ бошад ҳам, ғолибан он баёнгари ҳолоти фард нест, балки ҳасби ҳоли вай шарҳи зиндагиномаи пурпечутоби мардуми бекораву заҳматқарин аст. Аз ин рӯ, Савдо бо ин тоифа ҳаммарому қарин ва муқаррабу ҳамдард аст. Чунин тарзи дарунмоясозӣ дар лирикаи ишқӣ то Савдо мутлақо манзур намегардад. Албатта, дар ибтидои асри XIV дар осори манзуму мансури Убайди Зоконӣ ва баъди ҷамъбасти марҳалаи классикии рушд дар ашъори Саййидои Насафӣ ин ҳолат андаке манзур гардад ҳам, муносибати Савдо мутлақо мутафарриқ аст.

Адиб “ман”-и худро баъзан дар маҳдуда ҷой кунонда, шарҳу тафсиле беҳтару бештар эҳдо мекунад ва бо исми адабии хеш тавъам ҳукм мекунад. Чунончи, мегӯяд:

“Зиҳӣ висоли ту сомони ду ҷаҳонии Савдо,

Биё, ки бе ту муҳол аст зиндагонии Савдо.

Ба ҷабҳаат хати чин аз ҳилол то ки бихонад,

Саводи сурма кунад машқи ҳамзабонии Савдо.

Ту фаҳми маънии ӯ куну назди ғайри ту набувад

Аён ҳақиқати мавҳуми бенишонии Савдо.

Ба хотири ту малол аст, ӯ ҳанӯз намурда,

Ба ҳайратам ман аз ин навъ сахтҷонии Савдо.

Дурушттхӯй мапиндорияш, ки назди тааммул

Мубарҳан аст, зи ҳар сактае равонии Савдо.

Ғами туаш ба ҷавонӣ чу пир кард, тавонӣ

Табассуме, ки шавад тоза з-он ҷавонии Савдо.

Саре ниҳода ба хоки ниёз бо дили пурхун,

Биё, ки дар қадами туст ҷонфишонии Савдо!" [Савдо 1958, с. 51].

Дар ғазали боло "бе ту" маҳол будани зиндагӣ, "ҳақиқати мавҳум", "дар ҷавонӣ пир шудан", "хоки ниёз", "дили пурхун" ва ғайра таъбиру ифодаҳоеанд, ки ҳасби ҳол ва авзои рӯзгори эҷодкорро дар замир дорад, вале ҳадафи шоир танҳо ҳолати фардии хеш набуда, ифодагари авзои замон ва ҳолати мавҷударо фош кардан аст. Аз ин рӯ, ҳақ ба ҷониби профессор С. Саъдиев аст, ки мегӯяд: "Зиддияту ихтилофоти афкори шоири лирик тағйироту дигаргуниҳои реалии эҳсосот ва авзои руҳии ӯро нишон медиҳад... орзую ҳавас, нокомию бебарорӣ, пушаймонию навмедиҳо дар зиндагӣ авзои руҳии инсонро дигаргун карда меистанд" [Саъдиев 1985, с. 186].

Мавзуи ҳасби ҳол ва ифодаи ғаму дарду ранҷ дар таърихи шеъру шоирӣ ба забони порсии дарӣ то замони Абдулқодирхоҷаи Савдо деринаи ғании таърихӣ дорад. Аммо дар шеъри Савдо мавзуи ҳасби ҳол аз назари муҳтаво ва тарзи ифода фарқ дошта, гузашта аз шарҳи ҳоли воқеии як шахс, бештар ба тасвири вазъи ҷомеа ва ҳолати равонии мардумони замон тааллуқ мегирад. Чунин мазмунҳо бештар дар шеърҳое ифода шудаанд, ки бо тахаллуси "Бепул" эҷод шудаанд.

Ин нукта ҳам мусаллам аст, ки шоир муҳтавои ашъори худро саропо ғусса медонад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ҷанбаҳои маърифатии каломи бадеии Савдо муассирии бештар касб кардааст, ки мегӯяд:

"Савдо ту саропо дили бо ғусса дучорӣ,

Оҳе шавӣ ҳар ҷо, ки сар аз ҷайб барорӣ" [Савдо 279, с. 77б].

Аз ин байт бармеояд, ки худи эҷодкор, пеш аз ҳама, муассирии каломи ҳунарии худро аз назари фарогирии ғаму ғусса ҳис кардааст.

Муҳаққиқ Р. Ҳодизода вақте ки оид ба муҳтавои ашъори бо тахаллуси “Бепул” навиштаи Савдо таваҷҷуҳ мекунад, дар қатори баъзе вежагиҳои дигар ба чунин махсусият ишора мекунад: “Савдо дар ашъоре, ки бо тахаллуси Бепул зоҳиран дар шикояти бепулию бечораҳолӣ навиштааст, дар асл вазъияти бенавоёнаи аз ҳирсу ҳаромхорӣ покро ба сарвату давлати аз зулму ҷавр гирдомадаи гурӯҳи мазлумон муқобил мегузорад. Дар ин хел шеърҳои пурзарофат ва ба мутоиба моили шоир ифтихоре аз шарафи меҳнати ҳалол ва заҳмати дасти меҳнаткаши мардуми ҳунарвару барзгар ҳис карда мешавад” [Ҳодизода 1968, с. 89].

Андешаи муҳаққиқ дар ғазали зерин бармало намудор аст:

“Он, ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Он ки бораш мегузорию савораш мешавӣ,
Ӯ хар асту он чи бар пушташ биандозӣ, ҷул аст.
Пораи ноне ба пеши қонеон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон ҷоми мул аст.
Он ки дорад кафш дар по, ҷома бар дӯш, зар ба ҷайб,
Гарчи беақл аст, мегӯяд ӯ ақли кул аст.
Хоҳ қонеъ бош дар дунёи дун, хоҳӣ ҳарис,
Нафсро то вақти мурдан бар сари нон ғул-ғул аст.
Бонги чуғзе дар сарои мо навои барбат аст,
Лиқ-лиқи деге ба базми мо садои қул-қул аст.
Он ки дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад
В-он ки аз тезӣ ба хашм ояд, зи аҳли Кобул аст.
Он ки ранге дорад аз чашми ғизолон, наргис аст
В-он ки бӯе медиҳад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махур аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст” [Савдо 1958, с. 31].

Ҳамин тавр, Савдо ба воситаи тасвири ҳолатҳои марбут ба ҳасби ҳол, аз як тараф, ҷузъиёти мураккаби рӯзгор, печидагиҳои зиндагӣ ва тангии маишии

хешро мавриди тасвир қарор дода бошад, аз тарафи дигар, ӯ харобии мамлакат, ноуҳдабароии амирони манғит, тоқатфарсоии ҳолоти халқ, беадолативу болоравии зулму истибдод, қашшоқии мардум, истисмори бераҳмонаи мазлумон, нодорию тангдастии табақаҳои меҳнаткаш, бераҳмии соҳибсарватон ва ғайраро зимни ҳасби ҳолати хеш ба намоиш гузоштааст, ки яке аз ҷиддитарин рисолати таърихи баҷоовардаи адиб542 дониста мешавад. Зиёда аз ин, тавассути лирикаи ишқӣ ба намоиш гузоштани воқеияти ҳаёт ва зиндагонии омма аз ҷиддитарин тозакориҳои Савдо дониста мешавад. Нуктаи дигар ин аст, ки ҳасби ҳоли дар ашъори Савдо матраҳшуда моҳиятан махсуси як фард, масалан, ҳолат ва андуҳи худи шоир нест, балки паҳнои васеъ дошта, фарогири вазъи иҷтимоӣ ва ҳолати равонии мардум дар давраи муайяни таърихӣ аст. Сухани Савдо дар ин мавзуъ, ки бештар дар ашъори бо тахаллуси “Бепул” эҷод кардааш матраҳ шудааст, хусусияти типпӣ касб мекунад.

### 3.1.4. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо

Дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо мавзуъҳои иҷтимоӣ ва инъикоси ҳаёти воқеии замон яке аз мухтассоти асосии сабки сухани шоирро аз лиҳози фикрӣ муайян менамояд. Ин ҷиҳати эҷодиёти шоирро А. Ҳабибов ба мушоҳида гирифта, дар замина чунин гуфтааст: “Ашъори ӯ (Савдо – С. М.), пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат мароқангез аст, ки ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва инъикоси ҳаёти замони худ нигаронида шудааст. Мо аз ашъори ӯ хору зор будани аҳли фазл, беэътибории олимону шоирон ва ҳаёти қашшоқонаи онҳоро равшан дида метавонем. Ин шоири равшанфикр дар шеърҳояш аҳволи вазнини табақаҳои поёни ҷамъиятро низ акс кунонидааст. Аз ин ҷост, ки эҷодиёти Савдо ҳам аз ҷиҳати мавзую мундариҷа, ҳам аз ҷиҳати шакл ба халқ хеле наздик аст...” [Ҳабибов 1960, с. 151].

Дар гуфтаҳои А. Ҳабибов бахши аввали қавлаш дуруст буда, дар қисамати дуюми муболиға ҷой дорад. Ҳамин гуна мулоҳизаи умумиро дар мавриди дигар муосирони Савдо ҳам баён кардан мумкин аст. Аммо манзури мо ҷойгоҳи

мавзуъҳои иҷтимоӣ дар консепсияи мундариҷавии ашъори шоир аст, ки дар эҷодиёти ӯ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимму асосӣ мебошад.

Аз баррасии маҷмуи шеърҳое, ки дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ қавӣ ҳастанд, чунин ба назар мерасад, ки Савдо ба падидаҳои иҷтимоӣ бетараф набуда, ҳамеша дар иртибот бо ҷомеа қарор дошта, дар баробари ноадолатиҳои рӯзгор дар андеша будааст. Ба назари ӯ, яке аз барҳамзанандагони таодулу рафоҳ дар ҷомеа фитнаҷӯёнанд, ки тарбияти онҳо имконпазир нест:

“Фитнаҷӯёни замонро тарбият кардан хатост,
Чарх аз моҳи нав охир хӯрд бар сар теғро.
Табъи Савдо пур зи истеҳсони дунон тира аст,
Санги нохуш аз фасон созад мукаддар теғро”.

[Ҳашмати Бухороӣ 2021, с. 213]

Бардошти шахсии адиб моҳиятан хосияти умумӣ дошта, фитна ва фитнаангезӣ яке аз унсурҳои хатарнок дар ҷомеа мебошад. Тасвири ин ҳолат аз назари иҷтимоӣ басо ҷолиб ва аз ҷиҳати диди ҷомеашинохтии адиб ниҳоят аҷоиб аст. Чунин тарзи тасвир дар таърихи таҳаввули ғазал ва фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ дар қолаби ғазал ҷадид ба ҳисоб меравад: “Аз доираи лирикаи сирф ишқӣ берун баромада, масъалаҳои зиндагӣ ва ҷомеаро фаро гирифтани ғазал, – менависад донишманди тоҷик С. Саъдиев, – муҳимтарин хусусияти сайри такомули ин жанр дар давраҳои пас аз Ҳофиз аст. Бо таъсири ғазалиёти Ҳофиз дар ғазалиёти бисёр шоирони давраҳои сонӣ қаҳрамони лирикӣ аз шахси ошиқ ба инсони рӯзгорӣ ва фарди ҷомеа табдил ёфта, на танҳо аз муносибати ошиқонаи худ ба маҳбуба, балки аз оламу одам, давру замон, муҳиту ҷомеа ва ҳоказо, масъалаҳои ғайриишқӣ низ сухан мерондагӣ шуд. Вай руҳи иҷтимоӣ пайдо намуда, дарду алами худро чун инсони рӯзгорӣ баён мекард” [Саъдиев 1985, с. 174].

Воқеан, С. Саъдиев басо мӯшикофона дарк ва мушоҳидаҳои ҷолиб кардааст, ки падидаи ноб дар таърихи ғазалсароӣ ва сухани тоза дар шинохти қаҳрамони лирикии ин жанри латиф маърифат мешавад.

Савдо чи дар ашъори ишқӣ ва ғайриишқӣ бо табақаҳои иҷтимоии замон муносибати баробар дорад. Вай ба табақаи ҳокимону соҳибмансабон назари нек надорад. Дар кадом лаҳзае, ки ноадолатӣ, зулм, бераҳмӣ, макру ҳиялро мушоҳида кунад, ғолибан соҳибмансабон ва аҳли ҳокимро интиқоду ҳиҷо мекунад. Ин худ гувоҳи муносибати адиб ба ҳақиқату воқеият дониста мешавад. Осори маҳфузмондаи Савдо шаҳодат аз он ҳам медиҳад, ки ӯ аз соҳибмансабон шахси сазоворе пайдо накардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар, ки ба вусъати назари иҷтимоии Савдо далолат мекунад, омезиши мазмунҳои гуногун дар қолаби як шеър мебошад. Барои намоёнидани ин ҷиҳати эҷодиёти Савдо матни як ғазалро асос қарор дода, атрофи он мулоҳизаҳоямонро баён мекунем. Манзури мо ҷавобияи ба ғазали якуми "Девон"-и Бедил сурудаи Савдо мебошад.

Ғазали ҷавобияи Савдо комилан дарунмояи иҷтимоӣ дорад, дар сурате, ки ғазали Бедил аз назари муҳтаво ирфонӣ аст. Ин худ гувоҳи он аст, ки Савдо танҳо ба зоҳири ғазали Бедил пайравӣ карда, аз назари дарунмоя бо ворид кардани мазмунҳои иҷтимоӣ навигарӣ кардааст. Чунончи:

"Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи хасосат харҷи беҷо барнамедорад,
Чу ҳамён сар ба муҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.
Зи тарзи машраби имсок сайри бенавоӣ кун,
Ки бебокона натвон харҷ кардан парри коҳ он ҷо.
Кунам қарзе ба афсуни дили бемуддао, Бедил,
Аз он мумсик, ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ он ҷо"

[Савдо 1958, с. 29].

Аҷобати кор ва муҳиммии гуфтор он аст, ки Савдо бо иваз кардани вожаҳои калидӣ дарунмояи ғазалро комилан заминӣ, мувофиқ ба тақозои рӯзгор ва иҷтимоӣ месозад, ки он натиҷаи эҷодии хосси ӯст.

Оид ба қиёси ғазалҳои фавқуззикри ҳарду шоир Р. Ҳодизода менависад: "Ҳоҷати исбот кардан нест, ки Савдо дар ин шеър ба чӣ зарофат ва оҳанги шӯху

ҳазломез ба ғазали Бедил бо маҳорати том тақлид кардааст. Аммо ин тақлиди маҳз набуд, балки бо мазмуни ҳазлиёт ва ҳаҷвиёти Савдо сахт марбут буд" [Ҳодизода 1958, с. 178].

Дар ашъори Савдо ғазалҳои мазҳабӣ, тасаввуфӣ-ирфонӣ низ ба назар мерасанд. Бештари онҳо дар пайравии Ҳофиз ва Бедил гуфта шудаанд, аммо теъдоди шеърҳое, ки ба тақлиди Бедил таълиф шудаанд, зиёдтар мебошад. Аввалан, ин падида марбут ба ҷойгоҳи Бедил дар таърихи адабиёти тоҷик бошад, сониян, сабаби дигар низ дорад. Оид ба мақоми Бедил ва сабки умумии даврро тасхир кардани ин симои адабӣ профессор С. Амирзода чунин менависад: "Намояндаи машҳуртарини сабки ҳиндӣ Мирзо Абдулқодири Бедил бо эҷодиёт ва услуби сеҳрангезаш диққати шоирони Осиёи Миёнаро аз ҳама бештар ба тарафи худ кашид ва барои онҳо мактаби эҷодӣ гардид" [Амирзода 2023, с. 63].

Воқеан, қазовати мазкур саҳеҳ аст ва ин симои адабӣ ҳатто сабки умумиро тобеи сабки фардӣ сохт ва яке аз сабабҳои иштиҳори ин шахсияти эҷодӣ дар қаламрави ҳамзабонон шуд. Доир ба самти дигари эҷодии Бедил Н. Сайфиев чунин таъкид менамояд: "Таъсири назми бедилӣ дар эҷодиёти ӯ гоҳо дар тақлиди зоҳирӣ ва гоҳо дар пайравии мазмунҳои суфиёна сурат мегирифт. Ин гуна тақлидҳои суфиёна бештар дар байтҳои ҷудогона зуҳур менамуд" [Сайфиев 2009, с. 435].Муҳаққиқ барои исботи фикри худ ғазалеро ҳамчун намуна зикр кардааст, ки бо мисраи "Дар ҳарими дил ҷафои кист раҳбар теғро" сар мешавад [Сайфиев 2009, с. 436].

Дар идомаи баҳси хеш Н. Сайфиев навиштааст: "Ин гуна оҳангҳои суфиёна дар ғазалиёти ба равияи ғазалиёти Ҳофиз таълифкардаи Савдо низ гоҳо ба назар мерасад" [Сайфиев 2009, с. 436]. Ҳамин муҳаққиқ барои шохистар сохтани баҳси худ, ғазали зерини Савдоро чун намуна зикр мекунад:

"Мутриб, биёву замзамае чанд соз кун,
Оҳанг аз "Ироқ" ба сӯйи "Ҳиҷоз" кун.
Асбоби дунявӣ ба ниёзат агар диҳанд,
Зан пушти пову рӯй бигардону ноз кун.

То кай сабо ҳиҷоби рухи баднамо шавад,
Ин парда дур афкану ифшои роз кун.
Аз рӯйи хуб сунъи илоҳӣ назора соз,
Ойинаи ҷамоли Ҳақиқат маҷоз кун” [Сайфиев 2009, с. 436].

Ғазали мазкур дар “Мунтахабот”-и шоир муштамил бар 10 байт буда, муҳаққиқ чаҳор байти онро суфиёна ном мебарад ва ҳадафи хешро чунин шарҳ медиҳад: “Дар байтҳои боло сарфи назар кардан аз тааллуқоти дунё, ба ҷамоли нури илоҳӣ маҳв гаштан ва зиндагонии дарвешона бурдан тарғиб шудааст. Бале, мо Савдоро дар давраи аввали фаъолияти эҷодиаш шоири тасаввуф мегӯем. Ин гуна мазмунҳо, пеш аз ҳама, таъсири назми он давра бошад, сониян, тақлид ва пайравиҳои Савдо ба назми пешгузаштагон (аз он ҷумла, Бедил ва Ҳофиз) мебошад” [Сайфиев 2009, с. 436].

Дар қазовати фавқуззикр шакли яклухту бечунучарои мушоҳидаҳои Р. Ҳодизодаро мебинем, ки ҳанӯз соли 1968 баён карда буд: “Ҳамон мазмуни аз тааллуқоти дунё” сарфи назар, маҳви “ҷамоли нури илоҳӣ” гаштан ва зиндагии хоксоронаи дарвешона ба сар бурдан тарғиб карда шудааст... Ин мазмун ва оҳангҳои тасаввуф агар, аз як тараф, таъсири назми он давр бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи тақлид ва пайравиҳои Савдо ба назми гузаштагон (махсусан, ба Бедил ва Ҳофиз) буд, ки ин ҳам бештар дар авввали эҷодиёти ӯ ҷой дошт” [Ҳодизода 1968, с. 154].

Р. Ҳодизода ба ин натиҷа пас аз омӯхтани ахбори сарчашмаҳо ва қиёси ин ахбор бо муҳтавои ашъори худи эҷодкор расидааст. Ба ин восита метавон гуфт, ки дар лирикаи Савдо мавзуъҳои иҷтимоӣ бо ҳазлу ҷид омехта, дар ду паҳлуи як тарозу ба ҳам омадаанд. Ҳатто тақлиди ӯ аз ашъори гузаштагон, аз ҷумла, Бедил низ суннатӣ нест. Савдо дар ҷузъиёти тасвир тозакориҳои нодир дорад, ки танҳо хосси ӯ буда, чунин нодирагуфториҳои Савдоро то ӯ ва баъд аз ӯ наметавон пайдо кард.

Дарду ғами Савдо, ки ғолибан дар симои маҳбуба манзур мегардад, зоҳири масоили матраҳшаванда аст. Амалан муносибати адиб бо ҷомеа, муҳит, бо аҳли ҷоҳ, махсусан, бо соҳибсарватон мебошад.

“Шаҳна аст он ки хароботи харобод кунад,

Дар харӣ хубтар аз шаҳна харе дидӣ? – Не.

Ҷуз ҳарими дари арбоби муҳаббат, Савдо,

Асари файзу каромат зи даре дидӣ? – Не” [Савдо 1958, с. 38].

Маҳз ба ҳамин сабабҳо Савдо, зоҳиран, ба маҳбуба муроҷиат кунад ҳам, доираи мухотаби ӯ пурвусъат ва сертавсия мебошад. Аз ин ҷост, ки зоҳири сухани шоир то андозае баъзан нармтар аст, вале маънои таҳтонии он дар ғояти сахтӣ рӯйи кор омадааст:

“Бош девона, ки Савдо ғазале пардозад,

Зи ҷунунҳои туаш қофия танг омадааст” [Савдо 1958, с. 45].

Савдо аслан қасоиди мадҳӣ нагуфтааст. Агар қасоиди мадҳӣ нисбати амиру вазир медошт, ақалан абёти ҷудогона аз онҳо боқӣ мемонд. Савдо дар ғояти устодӣ ва бо тарзи ба худ хос ба мавзуъҳои суннатии ғазал низ бори ситоишу мадҳу саноро ворид сохтааст, ки ҷиддитарин тозакориҳои ӯ дар эҷоди ин навъи адабии ҳариру нозук аст. Савдо дар он ғазали сирф иҷтимоии хеш султонро чунин ёд мекунад ва гумон меравад, ки ғазали мазкур ба ибтидои шоирии Савдо рост меояд:

Зи ҷӯши чойҷӯшам ин нидо дар гӯш меояд,

Ки чойи талх равшан мекунад табъи сухандонро.

Ба ҳар ноқобиле сад қобилӣ бахшанд ҳар рӯзе,

Ба софиҳои дил бояд дуоҳо кард султонро.

Байти мақтаи ғазали фавқ шаритаи қасоиди мадҳиро ба ёд меорад, вале шоир шаритаро раво дида бошад ҳам, талабро раво намебинад ва ин боз як тозакории навбатии Савдо дар эҷоди ғазал бо муҳтавои иҷтимоӣ аст.

Аз мутолиаи ғазалиёти Савдо ва баррасии онҳо аз назари муҳтаво метавон чунин натиҷа гирифт, ки ӯ дар замони худ эҷодкори кашшоф аст ва тозакориҳои ӯ, хосса дар дарунмоясозии ғазал, пайроҳаи комилан тоза аст. Ин қазоват ҳамин маъниро дорад, ки Савдо шоирест, ки ба воситаи шикваю ҳазл, мутоиботу интиқод ва норизоию эътироз ғазалро ба лирикаи иҷтимоию эътирозӣ бадал кард. Ин яке аз рисолатҳои сирф таърихии баҷоовардаи Савдо

дар таърихи адабиёти тоҷик дар марҳалаи нави таърихӣ маърифат мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб дороии моддӣ дар тасвирҳои лирикии шоир андаке моҳияти таманнои касб мекунад, ки яке аз ҷиддитарин мухтассоти лирикаи ишқии ин шоир дониста мешавад.

Ҳамин тавр, дар ашъори Савдо баъд аз мавзуи ҷовидонаи таърихи адабиёт – ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳолу ғам, мавзуъҳои иҷтимоӣ мавзуъ ва мазмунҳои марбут ба эҳтиёҷ, ниёзҳои зиндагӣ, мушкилоти рӯзгор, масрафи ҳаррӯзаи хонаводагӣ меистад, ки ҳамагӣ дар заминаи заруриёти зиндагӣ дар ҳаёти инсон зуҳур ёфтаанд.

Доираи мазмунсозии Савдо, ба таври куллӣ, дар заминаи мавзуъҳои меҳварӣ хеле фарох аст. Дар ашъори адиб баъзан оҳангҳои шиква аз қадршиносии аҳли илму эҷод, ки дар сатҳи зарурӣ нест, бевафоии дунё, интиқоди хуруфоту ҷаҳолати мардуми нодону гумроҳ, баёни оҳангҳои яъсу навмедӣ, руҳафтодагӣ, шикастадилӣ, интиқоди зоҳидони риёӣ, хосса онҳое, ки зоҳирбинанд, интиқоди раммолу фолбинҳо, ҷодугарону сеҳргарон, қаллобону авомфиребон ва ғайра, ки Савдо бо ин тоифа ҳеҷ созиш надорад, низ матраҳ мешаванд. Муҳим он аст, ки интиқоди ин ҳамаро Савдо ғолибан дар ғазал ҷой додааст, зеро дар ашъори шоир ғазал мақоми меҳварӣ дорад. Ин худ гувоҳи он аст, ки Савдо тавассути ашъори хеш ба ҳаёти омма ба ҷомеаи онрӯза равобити мунтазаму мустаҳкам дорад.

## 3.2. Хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар заминаи мактабҳои адабӣ-ҳунарии суннатӣ ба воя расида, аз ҳунари эҷодии саромадони адабиёт огоҳии комил доштааст. Ҳамин падида сабаби навҷӯиҳои ӯ шудаанд. Зеро навҷӯӣ дар каломи ҳунарӣ танҳо дар заминаи маърифати суннатҳои устувори адабӣ ба эҷодкор даст медиҳад ва бидуни он роҳи дигаре вуҷуд надорад.

Бо истисноИ муаллифони ду тазкира, ҳамаи тазкиранигорони садаи XIX ва ибтидои асри XX ба истеъдоди фитрӣ, донишу ҷаҳонбинӣ, маҳорату ҳунари

эҷодии Савдо назари нек доранд. Аз як тараф, итифоқи назари онҳо гувоҳи шохиси истеъдод ва шахсияти адабӣ-эҷодӣ ва ҳунарии шоир бошад, аз тарафи дигар, гувоҳи истеъдод ва донишу ҳунари эҷодии Савдо маърифат мешавад. Ҳатто дар ҳамин замина рӯ овардани Савдо ба ҷузъиёти навҷӯиҳои ҳунарӣ аз шахсияти эҷодии ӯ башорат медиҳад.

Мулоҳизаҳои муаллифони сарчашмаҳо дар бораи ҳунари шоирии Абдулқодирхоҷа Савдо аз он шаҳодат медиҳад, ки тазкиранигорон ба ашъори Савдо таваҷҷуҳи қобили диққат доранд. Ин ҳолатро ба таври мушаххас аз қазовати тазкиранигорони садаи XIX ва муносибати ҳамаи онҳо ба Савдо ва ашъори ӯ пай бурдан мумкин аст. Ягон тазкиранигор ба ашъори Савдо назари манфӣ надорад ва нуқсонеро, ки қабоҳатро доро бошад, ошкор накардааст. Чунин ҳолат як гуфтаи Эллиотро хотиррасон месозад, ки гуфта буд: “Шеъри хуб шеърест, ки ҳар кас онро бихонад, бигӯяд, ҳаминро мегуфтам, аммо аз уҳдаи он барнамеомадам” [Кадканӣ 2023, с. 153].

Воқеан, падидаи мазкур “саҳли мумтанеъ” ном дорад, ки ба дидан осон, вале ба гуфтан, ба эҷод номумкин аст. Ин ҳам мусалам аст, ки аз як гуфтаи каломи мавзун гузаштан ба эҷоди дигари он ба ҳолати қаҳрамони лирикӣ, ба “ман”-и эҷодкор тавъам аст ва он агар ғавр карда шавад, ошкор мегардад. Ин ҳамин маъниро дорад, ки “ман”-и эҷодкор ширкати ӯ дар эҷод аст. Воқеан, “зиддияту ихтилофоти афкори шоири лирик, тағйироту дигаргуниҳои реалии эҳсосот ва авзои руҳии ӯро нишон медиҳад... Андешаву тафаккури шоир аз он сабаб дар тағйироту табаддулот аст, ки ба динамикаи руҳи инсони рӯзгори ӯ такя дорад. Вай аз таҷрибаи ҳаёти инсони рӯзгори худ сарчашма мегирад ва бевосита, ба таассуроти реалӣ вобаста мебошад. Чунин тағйирпазирии орову андеша ва динамикаи руҳӣ бештар ба шоироне хос аст, ки эҷодиёташон бо зиндагӣ ва воқеияти реалӣ сахт алоқаманд аст” [Саъдиев 1985, с. 187].

### 3.2.1. Забон ва сабки баён

Забон на танҳо воситаи муомилот аст, беш аз он маънавиёти соҳибзабонон ва сабаби воқеӣ гардидани тафаккуру ҷаҳонбинӣ буда, дар мантиқи одии

ифода, шиносномаи симо, шахсият, чеҳра низ ҳаст. Савдо аз улуми адабӣ ва ҷузъиёти муқарраби он: улуми маонӣ, баён ва бадеъ, хосса ба балоғат, шиносоии вофир дошта, аз асосҳои улуми фавқуззикр ба хубӣ дар эҷодиёташ истифода кардааст. Шафеии Кадканӣ бо манзури нақши балоғат дар эҷоди бадеъ, хосса дар осори манзум, чунин менависад: “Балоғат илмест, ки дар асоси он роҳҳои мутобиқати калом бо муқтазои ҳол (яъне, таъсир бахшидан ба мухотаб) баррасӣ мешавад. Бегумон, як ҷо хулоса ва кӯтоҳ сухан гуфтан муассир аст ва ҷойи дигар батафсилу тӯлонӣ... Ҷое содагӣ зарур аст ва ҷое мусиқой кардани калом ва бозӣ бо калимаҳо. Риояти ин масоил аст, ки дар назари қудамо ҳавзаи аслии мабоҳиси балоғатро ташкил медиҳад” [Кадканӣ 2023, с. 261].

Агар касе андаке ба ашъори Абдулқодирхоҷа Савдо ғавр карда бошад, гумон мекунад, ки Шафеии Кадканӣ маҳз бо манзури мухтассоти ашъори Савдо ба чунин натиҷагириҳо расидааст. Маҳз ҷанбаҳои забонӣ ва фикрии сабки сухани Савдо дар ҳамин замина қобили сурат шудаанд. Барои намуна ба як ғазали шоир рӯ оварда, мебинем, ки дар он вожаҳои “хокидам, “асаридӣ” комилан нав буда, сабки сухани адибро рангин сохтаанд. Лафзи “хокидам”, ки ду маъниро доро буда, аз назари балоғӣ ба ҳукми таҷнис аст, аз як ҷиҳат ба маънои хок шудан – вафот кардан ва аз ҷиҳати дигар ишора ба фурӯтанӣ, шикастанафсӣ аст, ки ҳайбатро коҳонида аст.

“Дар фикри ниҳон сохтани дарди худастам,
Дармондаи тадбири рухи зарди худастам.
Хокидаму аз қайди ҳаводис нараҳидам,
Бар боди фано рафта ман аз гарди худастам.
Нолидани ман дар дили хоро асаридӣ,
Ҳайрони дили дилбари номарди худастам.
Гоҳе гила аз ёр кунам, гоҳ зи ағёр,
Не, не, ки хиҷил аз нафаси сарди худастам” [Савдо 1958, с. 48].

Вожаи дигар дар ин шеър “асаридӣ” аст, ки ба маънии тасхирсозӣ, мусаххар кардан аст. Санги хоро агарчи сахттарин навъи санг асту таъсирпазир

нест, назди истиғнои дилбар ҳеҷ аст. Чунин вожаҳои худсоз, ки сохтаи худи адибанд, на танҳо сабаби муҳассаноти тасвиру дилнишинии баён шудаанд, беш аз он сабки фардии адибро шохис сохта, падидаи ҳунарӣ шудаанд.

Ё худ, ҳамин мухтассоти сабкӣ дар ғазали зерин боз ҳам тақвияти бештаре касб кардаанд. Чунончи:

“Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно, фиребидӣ,
Напурсидӣ ба дарди интизорам, чун шикебидӣ.
Ба доғи ҳаҷри ӯ сад соли дигар мешикебидам,
Агар як шаб висолашро қазо бар ман насибидӣ.
Ба поят сар ниҳодам, гиря кардам, илтиҷоидам,
Нараҳмидӣ ба ҳолам, балки хашмидӣ, итобидӣ.
Бишавқидӣ дили ман, қумриидӣ, андалебидӣ,
Ниёзи мову нози ёр бо ҳам сахт зебидӣ.
Қадат сарвидию рӯят гулидӣ дар гулистонҳо,
Гаҳе мастона сӯйи кулбаи Савдо хиромидӣ” [Савдо 1958, с. 58 ]

Ғазали мазкур аз назари мухтассоти сабкӣ ҷолиб аст. Вожаҳо ғолибан исманд, вале аз исмҳо адиб феълҳо сохтааст, ки дар таърихи адабиёт бесобиқа аст. Шохисан, вожаҳои “фиребидӣ” (фиреб додӣ), “шикебидӣ” (сабр кардӣ), “мешикебидам” (сабр мекардам), “насибидӣ” (насиб мекард), “илтиҷоидам” (илтиҷо кардам), “итобидӣ” (итоб кардӣ), “бишавқидӣ” (шавқ кардӣ), “қумриидӣ” (қумривор шудӣ), “андалебидӣ” (булбулвор шудӣ), “зебидӣ” (зебо шудӣ), “сарвидӣ” (сарвосо шудӣ), “гулидӣ” (чун гул шудӣ), “хиромидӣ” (хиромон роҳ паймудӣ) ва монанди инҳо, ки дар ин ғазал танҳо ду вожа: “зебидӣ” ва “хиромидӣ” урфӣ буда, дигар ҳамаи ёздаҳ калимаи овардашуда вожаҳои мухтареи Савдо ҳастанд.

Навҷӯии дигари Савдо дар сабки сухан аз он иборат аст, ки ӯ ба тамоми мавзуъҳо ҷанбаи ҳазлу ҳиҷоро ворид сохтааст. Қаҳрамони лирикӣ ба фош гардидани рози хеш розӣ нест, вале дареғо, ки роҳи раҳоиро намедонад. Ӯ пайваста дар саъю такопӯст, вале роҳи наҷот ҳанӯз барояш шохис нест. Фаразан, ғазали фавқ сирф ошиқона аст, вале тамоми ҳазлу шӯхиҳои шоир дар

офариниши симои қаҳрамони лирикӣ – маҳбуба ба мушоҳида мерасад. Ба ҳамин тартиб, "як силсила ғазалиёти Савдо ба ҳамин оҳангу мазмун, яъне ба зарофат ва мутоибаи шӯхи ҳазломез навишта шудааст. Чунин намунаи ашъори лирикиро мо пеш аз Савдо намедидем. Ин ба ҳаёт наздик кардани мазмуни лирикӣ буд" [Сайфиев 2009, с. 164].

Ҷузъиёти сабкии шеваи эҷоди Савдо танҳо хосси худи шоир аст. Мухтассоти сабкии шоир дар шакл марбут ба сохтори калимаҳо, ибора, таркиб ва ҷумлаҳо мушоҳида карда шаванд ҳам, дар умум хусусияти фардӣ-индивидуалӣ дошта, хосси худи шоир аст. Дар ҳамин замина ҷанбаи мавзуии ашъори Савдо ва ҳунари дарунмоясозии адиб низ махсуси сабки баёни худи ӯст, ки ҷузъиёти тозакориҳои адиб буда, "чунин тарзи мутоибаву зарофат дар лирика дар назми шоирони минбаъда таъсири калоне дошт ва ин махсусан, дар эҷодиёти Шоҳин ва Ҳайрат бо муваффақияти том идома ёфт" [Сайфиев 2009, с. 164].

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар интихоби калима, ибора ва таркибҳои адабӣ маҳорати хос дорад. Калимоту вожагони худсоз танҳо хосси ҳамин адиби хушзавқ буда, нишонаи возеҳи бо ҳунари том навҷӯӣ кардани адиб аст. Савдо ба ин восита ба сабки умумии давр ҳамчун шоири нововар ворид шудааст. Шеваи эҷоди ӯ вобаста ба сабки умумии давр комилан нововарона буда, ба ӯ дар ин ҷода касе пайравӣ накардааст, зеро аз уҳдаи чунин назокати вожасозӣ баромада натавонистаанд.

"Аз манзари масоили сабкшиносӣ, – менависад Шафеии Кадканӣ, – дар адвори мухталифи шеър мо бо зуҳури ваҷҳи ғолибҳои гуногуне рӯ ба рӯ мешавем, ки вақте вориди саҳна мешаванд, завқи ҷомеа ва завқи шоирони асрро таҳти таъсири худ қарор медиҳанд ва табдил ба меъёри як давра ва унсури давронсози як аср мешаванд" [Кадканӣ 2023, с. 101].

Дар умум, Савдо тавассути захираи луғавие, ки дар эҷодиёти худ офаридааст ва тарзи баён дар адабиёти давр нақши нотакрор гузошта, комилан ҳамчун шоири нововар эътироф шудааст.

Баъзан ҳолатҳои пешомада дар зиндагиро, ки шоир дар қолаби каломи манзум ба риштаи тасвир кашидааст, оҳангҳои шӯху ҳазломез, ки хосси шеваи баёни Савдо аст, боз ҳам марғубу дилкаш месозанд, вале тангии маишӣ пайваста садди роҳ аст:

“Дил гум шуду ман ба пеши раммол

Рафтам, ки барои ман бизан фол” [Савдо 1958, с. 53].

Дар ин ғазал, ки мавзуи суннатии ишқӣ дорад, маҳбубаи басо зебои ҷавон қалби ошиқро тамоман тасхир кардаву бепарво аст. Ҳолати ошиқ шабеҳи “мурда дар пеши шӯянда” аст, ки комилан ташбеҳи тозаву ноб аст, зеро аз дасти ошиқ чизе намеояд ва маҳбуба бо истифода аз ҳусн чӣ хоҳад мекунад. Дар шеваи забонии эҷод низ шоир тозакориҳои бунёдӣ дорад, ки аз қисмати исмии феълҳои сохтаву мураккаб месозад ва ин падидаи сабкии ҳунарӣ беқиёс аст. Фаразан, дар ғазали фавқ вожаҳои “*оҳид”* (оҳ кашидан), “*бисабрам”* (сабр кардан), “*менол”* (нола кардан), “*беилтифотанд”* (лутф кардан) кор гирифта шудаанд, ки тозакории хушоянд дар сухани балиғ ва ҳусни нав дар нафосати баён аст ва касе аз суханварон ба ин паҳлуи сухан таваҷҷуҳ накардаанд. Ин ҳолат гузашта аз он ки ба мундариҷаи шеърҳо ва сабки баён иртибот дорад, аз як тараф, ҷанбаи ҳазлу хушҳолӣ ва болидагии қалбҳоро таъмин созад, аз тарафи дигар, таркиби луғавии захираи зеҳнии эҷодкорро ба намоиш мегузорад ва зиёда аз он назокати забондонии адибро ба миён меорад. Хонандаро ба фурӯравии хаёлу андешаҳо водор месозад. “Як хусусияти намоёни лирикаи Савдо, – менависад Н. Сайфиев, – дар он зоҳир мегардад, ки дар ин гуна ашъори шоир оҳангҳои ҳаётӣ бештар ба назар мерасанд. Шоир ғазалиёти худро бештар ба зиндагӣ ва ба фаҳми хонанда наздиктар иншо намудааст” [Сайфиев 2009, с. 113-114].

Ҳунари Абдулқодирхоҷаи Савдоро дар истифодаи вожаҳо дар мавқеи қофия низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар ғазале, ки бо байти зерин оғоз мешавад, калимаҳои “началидо”, “качалидо”, “халидо”, “калидо”, “палидо”, “меамалидо”, бағалидо” ҳамчун қофия истифода шудаанд, ки аз ҷиҳати сохтор ва услуби истифода тозагие доранд:

“Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,

Пойи хирадам дар раҳи шавқат качалидо” [Савдо 1958, с. 61].

Ба ҳамин монанд дар ғазали дигар, ки бо байти зерин сар мешавад, калимаҳои “битанидем”, “ватанидем”, “кафанидем”, “суманидем”, “муридем”, “буридем”, “бирамидем”, “заґанидем”, “анҷуманидем”, “шиканидем”, “зақанидем”, “аланидем” дар ҷойи қофия нишастаанд:

“Дар зумраи ушшоқи ту худро битанидем,

Дар кӯи ту ҳамроҳи сагонат ватанидем” [Савдо 1958, с. 52].

Ё худ, дар ғазале, ки бо байти зерин ба охир мерасад, шоир дар маҳалли қофия аз калимаҳое, амсоли “пандо”, “судмандо”, “кандо”, “писандо”..., “нӯшхандо”, “намехарандо” ва ғ. истифода кардааст, ки ҳиссаи охири онҳо, ки аз як ҳарфи “о” иборат аст, хосси яке аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳам мебошад:

“Тарзи дигаре биёр, Савдо,

Чун тарзи туро намехарандо” [Савдо 1958, с. 40].

Манзур аз мисолҳои дар боло овардаамон “ҳарфи “о” – “алиф”-и нидоӣ мебошад, ки аз назари тарзи талаффуз ба нутқ оҳанги махсусе мебахшад. Ҳанӯз ҳам чунин лаҳни гӯйиш дар лаҳҷаи мардуми Ашти вилояти Суғд ва ноҳияи Шуғнони ВМКБ роиҷ аст” [Абдулазизова 2015, с. 193].

Дар баъзе шеърҳои Савдо аз унсурҳои забони лаҳҷа низ истифода шудааст, ки намунаҳои чунин шеърҳоро мо дар фаслҳои пешин оварда будем. Ин ҷо ниёз ба такрор боқӣ намемонад.

Масъалаи дигар истифодаи зарбулмасалу мақолҳо мебошад, ки дар таркиби байтҳои шеърҳои ҷудогонаи шоир хеле зиёд ба чашм мехуранд. Савдо барои ғанӣ гардидани сабки баёни худ ҳам аз зарбулмасалу мақолҳои роиҷ дар миёни халқ ва ҳам гунаҳои китобии онҳо истифода кардааст. Аз ҳарду гурӯҳ сетоӣ мисол меорем.

а) зарбулмасалу мақолҳои роиҷ дар миёни халқ:

“Чӣ хуш гуфт марди хирадмандзод:

Ба *анҷом ҷӯянда ёбанда бод*!” [Савдо 1958, с. 103].

Ва:

“Чӣ хуш гуфт донои омӯзгор,

Ки *пайдост соли накӯ аз баҳор*” [Савдо 1958, с. 105].

Ва ё:

“Ман он шаҳбози симурғэътиборам,

Мапурс аз *иштиҳои қозгирам*” [Савдо 1958, с. 77].

б) гунаҳои китобӣ:

“Гуфтам, бале чунин аст, лекин ба ҷаҳду кӯшиш,

*Нақше, ки бар ҷабин аст, натвон намуд зоил*” [Савдо 1958, с. 85].

Ва ё:

“*То шуъла ҳаст, дуд ба боло намеравад,*

Оҳе, ки сар кашад зи ҷигар барқ, боз кун!” [Савдо 1958, с. 47].

Мувофиқи феҳристе, ки мо дар ин замина ҳангоми таҳқиқ тартиб додаем, танҳо дар ғазалҳои шоир беш аз шаст зарбулмасалу мақол шинохта шудаанд.

### 3.2.2. Воситаҳои тасвири бадеӣ ва маҳорати шоирӣ

Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ ҷиҳати ҷанбаи ҳунарӣ пайдо кардани ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо барҷаста мебошад. Санъатҳои бадеӣ ба шеъри шоир, аз як тараф, дар лафзу маъно таъсир расонда бошанд, аз тарафи дигар, ба сухан зебоию тозагии махсус бахшидаанд.

Дар бораи ҳунари шоирии Савдо, аз ҷумла, истифодаи ӯ аз санъатҳои бадеӣ ба таври пароканда дар баъзе тазкираҳо ва бархе мақолаҳо, ки дар ҷараёни баррасӣ ба онҳо ишора мешавад, суханҳои муҳаққиқона ба чашм мехуранд, вале баҳси ба ҳам пайваставу фарогир то кунун анҷом нашудааст.

Аз тазкиранигорон Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ пеш аз нақли як қасидае, ки байти аввалаш

Шоҳе, ки аз ҷалолат дар фарши боргоҳаш

Бо хиштпорае нест курси қамар муодил.

аст, ҳузури “ташбиби бадеъ”, “саноеи лафзию маънавӣ” ва “латоифу ишорот”-ро дар ин қасида чунин муайян кардааст: “Ин қасидаи ғарро, ки муштамил бар ташбиби бадеъ ва муҳтавӣ бар саноеи лафзию маънавӣ ва саволу ҷавоб ва

нукоту талмеҳот ва латоифу ишорот аст, дар мадҳи ҳазрати ғуфронмаконӣ, тоба сароҳу, ба камоли зебоӣ адо намудааст” [Шаръӣ 2015, с. 40].

Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ бо манзури сеҳрофаринию муассирӣ ва афсунгарию тасхирсозии хомаи истеъдоди асили эҷодкор баҳс ба миён оварда, басо ҷолибу мӯшикофона қазовате дорад, ки мегӯяд: “Истиора ба эътибори истиора буданаш ҳеҷ аҳаммият надорад, аҳаммияти он дар таркиби ҳунарии кори шоиру адиб аст, ки онро зинда мекунаду ҷон мебахшад” [Кадканӣ 2023, 193].

Воқеан, қазовати сирф илмии фавқро мо дар доварихои шоирона низ дучор мешавем, ки дар перояи ҳунарии каломи мавзун рӯйи кор омадаву барангезанда аст, ки намунаи басо ҷолиби онро Афзалуддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ гуфтааст:

“Суварнигори ҳадисам, вале ҳар он сурат,
Ки ҷон дар ӯ натавонам намуд, нангорам”.

[Хоқонии Шарвонӣ 1373, с. 288]

Агар аз тақозои тамоюли мазкур ба ашъори Савдо ғавр намоем, мебинем, ки ҳунари шоир ғолибан дар дарунмоясозии каломи ҳунарии манзум ба мушоҳида мерасад. Ӯ ба суханронии маҳзи ҳунарӣ гироиш надорад. Албатта, ҳама гуна тасвир намоиши ҳунар аст, вале аҳдоф онро шохис месозад, ки эҷодкор чӣ таманно дорад. Падидаи мазкур баёнгари он аст, ки Савдо тамоми умр шоири дарбор буд, вале ин ҳам мусаллам аст, ки бо ин ҳама муносибати ӯ басо ҷиддӣ аст.

Шеваҳои ҳунарии калом дар ашъори Савдо, қабл аз ҳама, дар қолаби ғазал, ки дар коргоҳи эҷодии адиб мавқеи меҳварӣ дорад, қобили ташхис мебошад. Савдо дар гуфтани ғазал аввал пайрави Бедил аст. Баъдан ба руҳи ғолиб дар афкори пешқадами замон майл карда, бо пайравӣ аз афкору андешаи Аҳмади Дониш сарчашма мегирад.

Дар низоми сохтори балоғии каломи ҳунарии Савдо муносибат ба воситаҳои тасвири бадеӣ дар қиёс ба сатҳи балоғии сабки Бедил ва пайравони ӯ ду сатҳ дорад. Дар сатҳи якум Савдо аз низоми образофаринӣ ва воситаҳои

тасвири бадеии хосси сабки бедилӣ пайрави муваффақ аст. Барои намоёнидани ҷиҳати мазкур ғазали зеринро аввал нақл, сонӣ таҳлил мекунем:

“Буте, ки қадди дарозаш чанорро монад,
Сурини ӯ қулали кӯҳсорро монад.
Зи хомаам маталаб рамзи ошноиро,
Ки ҳарфи пуч кулоҳи ғуборро монад.
Гирифтааст муҳит обрӯи урёнӣ,
Вагарна гавҳари маънӣ канорро монад.
Тилисми ҳайрати авҳом мекашад эъроз,
Фиғон, ки ҷавҳари ҳастӣ ғуборро монад.
Шарар зи тангии оғӯши санг менолад,
Куҷо ҳадиси ниҳон ошкорро монад.
Шунидаем, ки дастори шайх пурбод аст,
Ҳубоб ҳам сари омосдорро монад.
Дили рамидаи мо ногузири ваҳшат нест,
Ки ошноии ваҳшишикорро монад.
Ба ихтиёр нафас мекашем, маҷбурем,
Надидаем, ки сабр ихтиёрро монад.
Дар ин чунункада ибратнишони сайди тилисм,
Ки яъс хотири уммедворро монад.
Якест шишаву дил, эътибори берангист,
Ҳикоятест, [ки] имсол порро монад.
Гирифтааст нафас туҳмати ҳазор диранг
Бад-он умед, ки рафтан виқорро монад.
Ту киса пур куну аз кори халқ даст бидор,
Бигӯ, ки Бепули мо қарздорро монад” [Савдо 1958, с. 37].

Дар ин ғазал вежагиҳое, амсоли “аз хома рамзи ошноӣ наталабидан”, “кулоҳи ғубор”, “обрӯи урёнӣ гирифтани муҳит”, “канор мондани гавҳари маънӣ”, “тилисми ҳайрати авҳом”, “ғуборро мондани ҷавҳари ҳастӣ”, “зи тангии оғӯши санг нолидани шарар”, “пурбод будани дастори шайх”,

“ҷунункада”, “ибратнишинони сайди таслим”, “эътибори берангӣ” ва ғайра ба чашм мехуранд, ки ба низоми образофаринии Бедил шабоҳати пурра доранд.

Дар сатҳи дуюм Савдо муқаллиди сабки Бедил нест, балки миёни образҳои офаридаи ӯ ва низоми образофаринии хосси шеъри сабки бедилӣ фарқиятҳои назаррас ҷой дорад. Савдо танҳо ба зоҳири лафз ва маънии шеъри Бедил назар дорад, вале моҳиятан мақсади эҷодии ин ду шоир аз ҳам фарқ дорад. Истифодаи Савдо аз образҳо, истилоҳоти суфиёнаву орифона ва фалсафие, ки дар шеъри Бедил маъмуланд, дар ин сатҳ эҷодкорона сурат гирифтааст. Мисоли ин сатҳи каломи ҳунарӣ намунаҳои фаровонест, ки ба муносибатҳои гуногун дар диссертатсия оварда шудаанд. Ба хотири дароз нашудани гуфтор аз иқтибоси намунаи дигар худдорӣ мешавад.

Ҳоло бевосита ҳунари фардии ин адибро дар эҷоди анвои адабӣ, хосса, дар таълифи ғазал баррасӣ хоҳем кард. Барои намуна ба чанд байти ғазали зерин рӯ меоварем, ки хеле ҳунармандонаву мухайял эҷод шудааст:

“Эй нигоҳат асари нашъаи сад ҷоми шароб,
Назари марҳамате ҷониби риндони хароб.
Бар лабат хубии гуфтор чу гавҳар дар мавҷ,
Бар қадат хубии рафтор чу мавҷ андар об.
Гаҳи рафтор чи мавзун бувад он сарви баланд,
Гаҳи гуфтор чи ширин бувад он лаъли музоб.
Рухи маҳ зард шуд он дам, ки муқобил карданд
Софии субҳи буногӯши туро бо маҳтоб...” [Савдо 1958, с. 62].

Ғазали мазкур ишқӣ буда, маҳбуба на яклухт, балки аҷзо-аҷзо васф карда мешавад. Ӯ аз тасвири нигоҳ – чашмони маҳбуба, ки сароғози ишқи заминист, сар карда, чашмони махбубаро аз сад ҷоми шароб руҷҳон медиҳад. Зеро қиёсан бо чашмони афсунгари маҳбуба неруи сад ҷуръа шароб ночиз аст. Пас нигоҳи маҳбуба – ташбеҳшаванда ва шароб – ташбеҳкунанда буда, ташбеҳшаванда тафзилист, зеро ташбеҳкунанда, ки ғулув дар замир дорад, ёрои қиёсу ҳампанҷагӣ надорад ва хеле хубу зебо ба тасвир омадааст. Хосса байти зерин боз ҳам шукӯҳи муҳташамтареро дорост:

“Хоҳам аз як тарафи зулфу рухат бӯсам, лек,

Оҳ, дуздӣ натавон кард шабони маҳтоб” [Савдо 1958, с. 62].

Дар байти боло: зулф – рух, бӯса – рух, шаб – моҳ, шаб – дуздӣ ва ғайра дар таносуби том қарор доранд. Аз тарафи дигар, дар ин байт истиораҳои басо ҷолиб ва рамзу кинояҳои ҳунармандона низ оварда шудаанд, ки аз истеъдоди адиб гувоҳӣ медиҳад. Ошиқ – дузд ва зулфу рӯйи маҳбуба – шаби моҳтобӣ гуфта шудааст, ки матлуб аст.

Савдо ғазалҳое ҳам дар пайравии Бедил гуфтааст, ки басо уҳдабароёна буда, қиёсан бо муосирони шоир, ки ба Бедил пайравӣ кардаанд, афзалият дорад. Чунончи:

“Буте, ки қадди дарозаш чанорро монад,

Сурини ӯ қулали кӯҳсорро монад.

Зи хомаам маталаб рамзи ошноиро,

Ки ҳарфи пуч кулоҳи ғуборро монад.

Гирифтааст муҳит обрӯи урёнӣ,

Вагарна гавҳари маънӣ канорро монад.

Тилисми ҳайрати авҳом мекашад эъроз,

Фиғон, ки ҷавҳари ҳастӣ ғуборро монад.

Шарар зи тангии оғӯши санг менолад,

Куҷо ҳадиси ниҳон ошкорро монад.

Шунидаам, ки дастори шайх пурбод аст,

Ҳубоб ҳам сари омосдорро монад.

Дили рамидаи моногузири ваҳшат нест,

Ки ошноии ваҳшишикорро монад.

Ба ихтиёр нафас мекашем, маҷбурем,

Надидаем, ки сабр ихтиёрро монад.

Дар ин ҷунункада ибратнишони сайди тилисм,

Ки яъс хотири умедворро монад.

Якест шишаву дил, эътибори берангист,

Ҳикоятест, [ки] имсол порро монад.

Гирифтааст нафас туҳмати ҳазор даранг,

Бад-он уммед, ки рафтан виқорро монад.

Ту кисса пур куну аз кори халқ даст бидор,

Бигӯ, ки Бепули мо қарздорро монад” [Савдо 1958, с. 37].

Ин ғазал шомили 12 байт буда, дар он санъатҳои бадеии таносуби сухан, истиора, киноя, маҷоз, тавсиф, муболиға, ташхис, тазодду муқобала, тансиқи сифот, иҳом, ирсоли масал ва ғайра ба кор гирифта шудаанд. Муҳим он аст, ки ташбеҳ бо баъзе анвояш то ба интиҳои ғазал давом мекунад, ки он тавассути радиф қобили вуқуъ шудааст.

Ин навъи ҳунарварӣ дар таърихи адабиёт бесобиқа буда, яке аз ҷиддитарин тозакориҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо дониста мешавад, ки ниҳоят нодир аст. Аз тарафи дигар, радиф – “монад” сездаҳ маротиба ба такрор омада, тавъам бо тақвияти ташбеҳот қавитарин бори ғоявӣ мекашад. Яъне, ҳадафи меҳварии шоирро ҳамаҷониба пурқувват месозад, ки онро метавон яке аз бозёфтҳои ҳунарии адиб дар дарунмоясозии ашъори лирикӣ унвон кард.

Савдо дар ғазали фавқ аз вожаҳо, таркибу ифодаҳои бедилона низ басо уҳдабароёна кор гирифтааст, ки то ба ин ҳад на ба ҳар шоире муяссар гардидааст. Чунончи: рамзи ошноиро, кулоҳи ғубор, обрӯи урёнӣ, тилисми ҳайрат, ҷавҳари ҳастӣ, ваҳшишикор, ҷунункада, сайди тилисм, эътибори берангӣ, ибратнишон ва ғайра, ки аз истеъдоди фитрии Савдо гувоҳӣ медиҳанд.

Оид ба баъзе падидаҳои нодири ҳунарии Абдулқодирхоҷаи Савдо Р. Ҳодизода баҳс ба миён оварда, хеле мӯшикофона тозакориҳои адибро таъкид намуда, дар замина чунин менависад: “Ин роҳу равиши Савдо дар назми он давр роҳи наве буд ва бо роҳи инкишофи минбаъдаи назми он давр таъсири калони мусбате гузошт” [Ҳодизода 1968, с. 176].

Барои шохис сохтани падидаҳои ҳунарии шоир ба баъзе намунаҳои дигар рӯ меоварем. Чунончи:

“Он хизрпаю масеҳанфос,

Он субҳнасими зиндагидам” [Савдо 1958, с. 41].

Дар ин байт манзури Савдо баҳор – ташбеҳшаванда буда, иқдоми он – хизрпай ва масеҳанфос ва субҳнасиму зиндагидам аст. Ташбеҳкунандаҳо навъи мутлақи ташбеҳ буда, хеле устодонаву муҷаррабона кор гирифта шудаанд.

Ё худ, байти зерин, ки шӯхиосост ва хеле боҳунарона гуфта шудааст:

“Биё, эй ҳурри ҷаннат, хирмани пул,
Ба пеши мо биафшон домани пул” [Савдо 1958, с. 33].

Дар ин байт санъатҳои шеърии таносуби калом: ҳуру ҷаннат, доману афшондан, биёву пеши мо ва санъати нидо: биё, эй, истиораҳои ҳурри ҷаннат – маҳбуба, хирмани пул, ки ин ҳам маҳбуба аст, ҳунармандона истифода шудаанд.

Пул ё хирмани пул низ истиора буда, киноя аз маҳбуба аст, зеро ҳузури ӯ ҳама чизи заруриро пеш меорад ва чунин ҳолат хосси пул низ ҳаст.

Савдо, бахусус, дар лирикаи ишқӣ метавон гуфт, ки яке аз хушқареҳатарин шоирони нимаи дуюми садаи XIX аст. Махсусан, дар эҷоди симои қаҳрамони лирикӣ – маҳбуба имтиёзи бештаре дорад. Ӯ дар ягон ғазали хеш ба симои маҳбуба баҳои яклухт намедиҳад. Савдо ба образи лирикии мазкур ҳангоми тасвир, ба ҷузъиёти симо ба масъулияти тамом менигарад.

Сарфи назар аз баёни қавитарин оҳангҳои иҷтимоӣ, Савдо дар тасвиру ситоиши симои маҳбуба басо ҳунару маҳорати ҷолиб дорад. Чунончи, байте аз як ғазали ӯ, ки дар он чеҳраи маҳбуба ба тасвир гирифта шудааст:

“Аз он чашму лабу абру аён аст
Итобу лутфу истиғнои ҳуснаш” [Савдо 1958, с. 43].

Дар байти фавқ, пеш аз ҳама, аз муроттунназир кор гирифта шудааст ва вожаи “ҳусн” бо бандакҷонишини соҳибии шахси сеюми танҳо – аш, ки манзур маҳбуба аст, вожаҳои мутаносиби дигар – чашмон, лабҳо, абрувонро меорад, ки аз зебоии чеҳраи маҳбуба гувоҳӣ медиҳад. Инчунин, Савдо дар ин байт асосан аз лаффу нашр кор мегирад, ки симои зоҳирии маҳбуба ба тамомӣ ошкоро мегардад, ки итоб – хосси чашмон, лутф – марбути лабҳо ва истиғно – мутааллиқ ба абрувон аст. Доир ба мухтассоти санъати мазкур профессор Х. Шарифзода хеле мӯшикофона муҳокимаронӣ мекунад, ки зикри он аз манфиат

барӣ нест. “Дар илми бадеъ, – менависад ӯ, – зикри чанд чиз ва баъд тафсили он чанд чизро мегӯянд, дахлею робитае дошта бошанд. Ин робита аз ҷиҳати сифат ё феълу хосият бошад, ки дар худи сухан ба кадоме аз онҳо нисбат доштанаш таъйин карда мешавад ва шунаванда онро бо фаҳму завқ муайян менамояд” [Шарифов 2002, с. 101].

Навҷӯиҳои Савдо дар соҳати ҳунарии калом, зимни офаридани образи ошиқу маъшуқ дар лирикаи ишқӣ, устувории шеваи эҷоди ӯро пеши назар ҷилва медиҳад. Ӯ тарзи тозаи нақши ошиқро вобаста ба сатҳи зиндагии хеш кашф месозад. Ин ҳам мусаллам аст, ки аз дарёфти ҳуруфи сомиту садонок, ҳиҷову ибора ва таркибу ифода ба тамомӣ таҷдиди назар шуда, шоир тозакории ҷолиберо дар перояи ҳарири каломи мавзун ба намоиш мегузорад ва пешниҳоди ӯ хонандаро ногузиран мутаваҷҷеҳ месозад ва хонанда комилан мафтун мешавад. Чунончи:

“Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,
Пойи хирадам дар раҳи шавқат качалидо.
Решид дилам, дар ҷигарам реша давонид,
Ҳар хор, ки дар пойи сагони ту халидо.
Гулзор шуд аз захми ҷафои ту дили мо,
Пайкони ту шуд бар дари ин боғ калидо.
Оташ набувад он ки бинангад зи тару хушк,
Дарё накунад ор зи ҳар поку палидо.
Дар хоб ҷамоли ту ба ошиқ бинамуданд,
Аз шавқи рухат рақскунон меялалидо.
Ту маст дар оғӯши вай аз ноз бихуфтӣ,
Ӯ ҳар чӣ ҳамехост дилаш, меамалидо.
Дар ишқи ту Савдо ба баду неки ҷаҳон сохт,
Охир ба муроди дили хешат бағалидо” [Савдо 1958, с. 61].

Мавзуи ин ғазал ишқ аст, вале образи ошиқ махсуси коргоҳи эҷодии худи Савдо мебошад. Амалу муносибати ошиқ як самт дорад, ки он садоқат, вафодории сидқӣ, устуворӣ ва аз ин хотир, ошиқ оташ аст, зеро тару хушкро як

меҳисобад. Ошиқ дарёст, ки поку палидро ҷудо намекунад. Вале маҳбуба беҳис, бемеҳру вафо, маккору бадаҳд, золиму бераҳм аст. Бо вуҷуди он хору пайкони маҳбуба барои ошиқ гул ва пайкон – калиди дари боғ аст, ки ин ҳама таҷдиди назари эҷодкор ба образҳои лирикии суннатӣ дар тасвир аст.

Ин хусусияти лирикаи Савдо ҳатто дар қасоиди ӯ низ ба хубӣ манзур мегардад ва ҷанбаи басо қавӣ касб кардани дидактикаи маҳз аст. Адиби ошиқ ҳатто аз намуди зоҳирии маҳбуба авзо ва ҳолати ногувори замонаи худро дармеёбад:

“Ман ҳаргиз инчунинат пурхашму кин надидам,

Хандону тозарӯ бош, хашму ғазаб фурӯ ҳил” [Савдо 1958, с. 84].

Чун тарбия беинтиҳост, аз ин рӯ, Савдо маҳз ба ҳамин хотир мегӯяд:

“То хешро ба як дам харҷи кафат расонад,

Умрест баста дарё бар дӯши абр маҳмил.

Дар роҳи мидҳати ту шуд солҳо, ки Савдо

Мепӯяду ҳанӯзаш пеш аст сад мароҳил” [Савдо 1958, с. 84].

Васфи табиат, манозири дарё, хосса ҷузъиёти фаслҳои сол ва махсусан, баҳор дар қасоиди Савдо хеле ҷолибу ҷаззоб, назаррабову хотирмон аст. Фаророрасии баҳор дар тасвири Савдо марҳалаи нишотовари умр таъбир мешавад, ки баҳор, пеш аз ҳама, барҳамзанандаи ғаму кулфатҳо, ҳузну ҳолоти нохуби равонӣ маърифат мешавад. Ӯ баҳорро фасли тарабхез, маҳзи хуррамӣ ва шодию нишот медонад.

Пас метавон аз чунин тарзи авсоф дар лирика меҳру муҳаббати сидқию содиқона, дӯстдории Ватан, обу ҳаво, хоку марзи онро маърифат намуд, ки як ҷиҳати хотирмони лирикаи пейзажии Савдои Бухороист.

Лирикаи пейзажии шоир дар анвои дигари лирикии ӯ низ ба мушоҳида мерасад, ки аз истеъдоди фитрӣ ва табъи салими фазли адиб гувоҳ аст.

Дар лирикаи ишқии Савдо маҳбуба олиҳаи ҳусни маҳз аст, ки тавассути қиёсу руҷҳон хулоса шудааст. Чунончи:

“Ҳино рангест аз гулҳои ҳуснаш,

Табассум мавҷе аз дарёи ҳуснаш.

Куҷо май бо лабаш гардад баробар,
Куҷо хуршед гирад ҷойи ҳуснаш.
Нам аз баҳри ҷамолаш қатрадоре,
Фалак гардест аз саҳрои ҳуснаш.
Мусаввир ранги як олам малоҳат,
Рақам кардаст бар туғрои ҳуснаш.
Ба ин шӯхӣ, ки дорад чашми масташ,
Дилам метарсад аз яғмои ҳуснаш.
Аз ӯ, эй табъи худсар, пурҳазар бош,
Ки бисёр аст афсунҳои ҳуснаш.
Ядуллоҳ дар азал бинмуд тахмир
Ба сунъи хештан аҷзои ҳуснаш.
Ҷаҳонеро ба Маҷнун ошно кард
Ба ин бегонагӣ Лайлои ҳуснаш.
Назокатҳои дигар дошт аз хат
Қумоши сабза бар дебои ҳуснаш.
Аз он чашму лабу абрӯ аён аст
Итобу лутфу истиғнои ҳуснаш.
Музайян сохт Савдо ин ғазалро
Ба номи гавҳари волои ҳуснаш” [Савдо 1958, с. 43].

Дар ин ғазал тасвири симои маҳбуба ҳадаф аст. Аз ин рӯ, адиб қиёсро мегузинад ва руҷҳон натоиҷи қиёс аст. Тасвири адиб қавитарин ҷанбаҳои эстетикӣ дорад. Ӯ дар тасвирҳои муқоисавӣ аз сода ба мураккаб меравад, ки риояи ҷузъиёти эстетикӣ ба тадриҷ сурат гирифтани он аст. Ин худ гувоҳи он аст, ки маърифати эстетикии тасвирҳои лирикӣ қавитарин оҳангҳои этикаи инсониро низ дар пай дорад.

Дар ҳунарсозаҳо ин падида як шохаи басо пурғановати ҳунари шоирии Савдо дар лирикаи ишқӣ буда, маърифати баланди эстетикӣ дошта, аз завқи воло ва истеъдоди фитрии шоир башорт медиҳад. Эстетикаи тасвирҳои лирикӣ ва сеҳри хомаи афсунгари адиб ҷанбаи қавии мусаххарсозӣ дорад ва маҳз аз

ҳамин сабаб барои муҷмалии тасвирҳои манзаравӣ Савдо ҳуснро, ки вожаи калидӣ дар ғазали фавқуззикр аст, онро ба ҳайси радиф кор мегирад. Вожаи мазкур дар шакли “ҳуснаш” оварда шудааст, ки ҳадаф маҳбуба аст, зеро бандакҷонишини соҳибии шахси сеюми танҳо “-аш” онро собит месозад. Ҳадафи эҷодкор дар коргирӣ аз радифи мазкур ду чиз аст: аввалан, аҷзо-аҷзо ҳамчун олиҳаи зебоию малоҳат ба тасвир кашидани образи лирикии меҳварӣ, ки асоси мақсад аст. Инчунин, бори қавитарини ғоявиро шоир бар дӯши радиф гузоштааст, то ин ки ҳам воқеияти тасвир, ҷузъиёти эстетикии он комил бошад ва ҳам мақсад бо манзури иҷрои пурра ба хонанда ошкор шавад. Радифи ҳусн дар ғазали зикршудаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ду вазифа дорад: ҳусни беқиёси маҳбуба, ки маҷмуи зоҳиру ботини ӯст ва ба назари ошиқ руҷҳон қиёснопазир дорад. Ҳамчунин бардошти бори ғоявӣ дар иҷрои ҳадафи эҷодкор қарор дорад.

Аз назари ҳунари шоирӣ, ба қавли Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, “сидқу кизбҳои ҳунарӣ аз ҷинси сидқу кизбҳои мантиқию иҷтимоӣ нест. Агар ҷониби ҷамоашиносии мавзуъ ва арзиши ҳунарии калом ба камол бошад, сидқ аст ва бар гӯянда ҳеҷ эътирозе раво нест” [Кадканӣ 2023, с. 158].

Қазовати фавқ айнияту тафовути ҳақоиқи таърихӣ ва ҳақиқати бадеист, ки дувумӣ бунёди ҳунарӣ дорад ва ин бунёди ҳунарӣ боиси тавлиди таманнои ғоявии эҷодкор дар эҷоди адабӣ-ҳунарӣ метавонад бошад. Маҳз ана ҳамин падида боис гардидаст, ки Савдо рӯ ба таҷдиди назар ба дарунмояи каломи адабӣ-ҳунарӣ биёварад, то ин ки шеваи тозае дар роҳи эҷод боз намояд. Воқеан, ӯ чунин ҳам кардааст, ки мегӯяд:

“Тарзи дигаре биёр, Савдо,
Чун тарзи туро намесарандо” [Савдо 1958, с. 40].

Қазовати мазкур шабеҳи фармудаи Калими Кошонӣ аст, ки роҳи тозаи эҷодро кашф карда, чунин гуфта буд:

Гар матои сухан имрӯз касод аст, Калим,
Тоза кун тарз, ки дар чашми харидор ояд.

Яке аз вежагиҳои муҳимми ашъори Савдо дар сатҳи ҳунарӣ аз он иборат аст, ки шоир аз ибора ва калимаҳои гуфтугӯии роиҷ дар миёни халқ ба гунае

ҳунармандона истифода кардааст, ки онҳо ҷойи санъатҳои бадеии анъанавии суннатиро ба хубӣ иваз кардаанд. Ин ҷиҳатро муҳаққиқон З. Абдулазизова ва С. Саидов чунин мушоҳида ва дар алоқамандӣ ба мавзуи ишқ баён кардаанд: “Савдо дар ғазал ишқи ҳақиқии инсониро, ишқеро, ки ба кас роҳату қуввати рӯҳӣ мебахшад, ки ҳатто ҳиҷрони он низ барои қалби инсон лаззати бениҳоят дорад, тараннум мекунад. Дар ғазалиёти ишқии шоир шахси ошиқ бо як лоқайдию бебокии шӯхона, ба як эҳсоси зиндаву некбинонаи муҳаббат зоҳир мегардад. Шоир ба ҷойи таъсир ва санъатҳои анъанавии классикӣ аз ибора ва калимоти гуфтугӯйии халқ, аз мақолу зарбулмасалҳо бамаврид истифода бурдааст. Чунин ашъори лирикӣ дар назми он замон пеш аз Савдо набуд. Гуфтан мумкин аст, ки дар тағйир додани мазмуну мавзуи ғазал ин яке аз роҳҳои нави вазъкардаи Савдо мебошад. Ин тарзро Шоҳин ва Ҳайрат дар эҷодиёташон пайравӣ кардаанд” [Абдулазизова 2015, с. 193].

Ҳамин тавр, каломи ҳунарӣ ва ё эҷоди бадеъ сухани муқаррарӣ набуда, сухани образнок аст, ки тавассути тахайюли бадеӣ воқеият пайдо мекунад. Аз ин хотир, онро сухани ғайримуқаррарӣ, сухани образнок, каломи мухайял гуфтаанд, ки сифати эҷоди он ба истеъдоди фитрӣ, донишу ҷаҳонбинӣ ва омӯзиши эҷодкор сахт вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар, истиқлоли эҷодӣ, фардияти сабкӣ, ҷузъиёти ҳунарии тасвир ҷанбаҳои мутафарриқи эҷоди ҳар як суханвар маърифат мешавад, ки дар ин миён Савдо низ мустасно нест.

Пайравии Савдо ба сабки Бедил дар марҳалаи аввали эҷодӣ ҳамин маъниро дорад, ки ӯ соҳибистеъдод аст, вале амалан то андозае ин сабки мураккабтаринро одӣ намудааст, ки мо қаблан дар ин бора баҳс ба миён овардаем.

### 3.2.3. Вазн ва ихтиёроти шоирӣ

Дар ин зерфасл аввал вазни ашъори шоир мувофиқи назарияи арузи суннатӣ ба таври куллӣ, баъд тибқи асосҳои арузи ҷадид аз тариқи басомад баррасӣ гардида, баъд аз он масъалаи ихтиёроти шоирӣ мувофиқи назарияи ҷадиди шинохти нозукиҳои авзони арузӣ таҳқиқ мешавад.

Шоирони гузаштаи мо, аз он ҷумла Абдулқодирхоҷаи Савдо, ҳамеша дар интихоби вазни муносиб диққати бисёр додаанд. Агар як маънӣ бо калимаҳои якхела дар ду вазни мухталиф баён шавад, таъсираш гуногун хоҳад буд. Вазнҳои тунду зарбӣ барои баёни шӯру шавқу ҳаяҷон мувофиқ аст, мисли вазни муфтаъилун, мафоъилун, муфтаъилун, мафоъилун (-vv-/v-v-/-vv-/v-v-). Савдо ҳамин хусусияти вазни раҷази мусаммани матвии махбунро ба эътибор гирифта, ғазалеро ба матлаъи зер эҷод кардааст:

“Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фироқро,

Чун накунӣ, чико кунам ваъдаи хушку қоқро” [Савдо 1958, с. 35].

Шоирони бузургу латифтабъи адабиёти классикии форс-тоҷик вазнҳои сақилу оромро бештар барои таъсиру баёни орзу ба кор бурдаанд. Вазни ҳазаҷи муссамани солим (мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун (v---/v---/v--/v---) ба ҳамин гурӯҳи вазнҳо дохил мешавад. Савдо ҳамин хусусияти вазни ҳазаҷи мусамани солимро ба эътибор гирифта, ғазалеро ба матлаи зер дар ҳамон вазн эҷод кардааст:

“Ба ишқи мо агар он шӯхи саркаш эътирофидӣ,

Баровардӣ зи хотир кинарою сина софидӣ” [Савдо 1958, с. 36].

Вазн ба мазмуну муҳтавои шеър иртиботи ногусастанӣ дорад. Ҳам баҳрҳои арузӣ ва ҳам омилҳои дигар, мисли сабукию вазнинӣ ва хитобу тунди авзон ва нағмаи ҳуруфу қофияву радиф ҳастанд, ки пайванди вазну муҳтавои шеърро ошкор месозанд. Ҳар яке аз авзони шеър лаҳну мусиқии хос дорад. Лаҳнҳое ҳастанд, ки ҳузноваранд ва лаҳнҳое вуҷуд доранд, ки далерӣ меоваранд. Барои ҳамин, ҳар шеъре вобаста ба муҳтаво ва ҳолати эҳсосотияш ба вазни хоссе муносиб аст. Яъне, вазн дар ихтиёри шоир аст ва ӯ аз миёни авзони зиёд ҳамон вазнеро интихоб мекунад, ки ба муҳтаво ва ҳолати таъсирнопазирии шеър ҳамоҳанг бошад. Дар бештари маврид ин интихоб огоҳона нест, зеро шоир дар аввал муҳтавои шеърро ба назар мегирад ва сипас вазнеро, ки ба шеъраш муносиб аст, интихоб мекунад. Дар ҳақиқат, ҳамон табиати мавзуъ аст, ки шоирро ба интихоби вазни муносиб равона месозад. Беҳуда нест, ки мегӯянд, вазн дар хуни шоир аст.

Мутолиаи арузии ғазалҳои дастраси Савдо нишон медиҳад, ки шоир дар гуфтани шеър дар жанри ғазал аз баҳрҳои арузии ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас истифода кардааст. Агар ин баҳрҳоро бо вазнҳояшон ва басомади онҳо нишон диҳем, чунин қолаби басомадӣ ба даст меояд:

Баҳри ҳазаҷ – бо 5 вазн аз назари басомад дар ҷойи якум қарор мегирад. Вазнҳои шомили низоми ин баҳр чунинанд:

1. Ҳазаҷи мусаммани солим – мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун (v---/v---/v---/v-- -) – 9 навъи вазн;

2. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу, фаъӯлун ё мафоъӣл (-v-/v--v/ v- - v/v-- ё v-~) – 6 навъи вазн;

3. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур – мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафъӯлун (мафоъӣл) (v---/v---/v--(v--) – 6 навъи вазн;

4. Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам – фоъилун, мафоъӣлу, фаъӯл (--v/v--v/v-- /ё v-~) – 4 навъи вазн.

5. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, мафоъилун, фаъӯлун ё мафоъӣл ( v/v-v-/v-- ё v-~) – 2 навъи вазн.

Барои нишон додани қолаби шеърии авзон намунаҳои зерин нақл мешаванд:

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаммани солим:

Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун
v---/ v---/ v---/v---

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур:

Дар фикри ниҳон сохтани дарди худастам,
Дармондаи тадбири рухи зарди худастам.
мафъӯлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу, фаъӯлун
- -v / v-v-/v--v/v-

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам (ибтидо – ахрам, ҳашви якуми мисраъи дуюм – аштар):

Боз аз ҳама хурданӣ палав хуштарак аст,

Нони гандум зи нони ҷав хуштарак аст.

мафъӯлу, мафоъилун, мафоъӣлу, фаъӯл

- -v / v-v-/v--v/v~

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби махбуни маҳзуф:

Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо?!

Чун панди ту нест судмандо.

мафоъӣлу, мафоъилун, фаъӯлун

- -v / v-v-/ v - -

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур:

Биё, эй ҳури ҷаннат, хирмани пул,

Ба пеши мо биафшон домани пул.

мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун

v---/v---/v- -

Мисоли баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Кадомин шӯх зад бар ҷони ман доғ,

Ки узвам рост ҷои пираҳан доғ.

мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣл

v---/v---/v-~

Ҳарду вазни охир миёни ҳам дар асл чандон тафовут надоранд, онҳоро метавон як вазн ҳисобид. Чунки мувофиқи назарияи суннатии арузи форсии тоҷикӣ, ҳиҷои охир агар дароз бошад, мисли ҳиҷои “пул” дар шеъри якум зиҳоф “маҳзуф” номида мешавад ва агар ҳиҷои охир аз навъи якунимҳиҷоӣ бошад, зиҳоф “мафоъӣл” номида мешавад. Бо ҳамин тафовути усулӣ ду вазни алоҳида ба вуҷуд меояд. Аммо дар арузи ҷадид ҳарду ҳиҷои ёдшуда як навъ ҳисобида мешаванд ва вазн ҳам якест. Тавзеҳи ин масъаларо аз таъкиди зерини адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби “Вазни шеъри тоҷикӣ” ба даст оварда метавонем, ки чунин аст: “Дар арузи суннатӣ ҳиҷои кашида дар

охири мисроъ бо нишонаи “~” ишора мешавад, вале дар арузи таълимӣ чунин нест, балки дар поёни мисроъ фақат як навъ ҳиҷо дорем, ки он ҳам дароз аст. Бо нишонаи “~” мушаххас кардани ҳиҷои кашида ба шеър ва табиати арузии он ҳеҷ тағйире ворид намекунад, ба ҷуз он ки номи рукн дигар мешавад ва он ҳам дорои ҳеч гуна нуктаи арузӣ ва балоғӣ нест” [Нарзиқул 2021, с. 18].

Андешаҳои дар ин иқтибос зикршуда аз назарияи арузи ҷадид сарчашма мегиранд, ки дар мутолиаоти арузии муосир бештар ба ҳамон такя карда мешавад.

Баҳри рамал – бо 4 вазн дар ҷойи дуюм қарор мегирад ва низоми басомадии авзон дар ин баҳр чунин аст:

1. Рамали мусаммани маҳзуф – фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун (-v--/-v--/-v--/-v--/) – 7 навъи вазн;

2. Рамали мусаммани махбуни аслам – фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаълун (-v--/vv--/vv--/--) – 6 навъи вазн;

3. Рамали мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур – фаъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаъилун ё фаъилон (vv--/vv--/vv--/vv- ё vv~) – 4 навъи вазн;

4. Рамали мусаммани матвии махбун – муфтаъилун, мафоъилун, муфтаъилун, мафоъилун (-vv-/v-v-/ vv-/v-v-) – 1 навъи вазн.

Мисоли баҳри рамали мусаммани маҳзуф:

Эй ки пулдорӣ, ба ҳоли бепулон тасхар макун,
Хотири ин бенавоёнро зи ғам абтар макун.
фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун
-v--/-v--/-v--/-v-.

Мисоли баҳри рамали мусаддаси маҳзуф:

Аз рибо хурдан касе ҳундӣ нашуд,
Бой ҳама шуд, лек байгундӣ нашуд.
фоъилотун, фоъилотун, фоъилун
-v--/-v--/-v-

Мисоли баҳри рамали мусаммани махбуни аслам:

Эй дил, аз мазраи умед баре дидӣ? – Не

В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? – Не.

фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаълун

-v--/vv--/vv--/--

Мисоли баҳри рамали мусаммани махбуни мақсур:

Дили девона зи ишқи ту ба танг омадааст,

Нолаашро зи дилат тир ба санг омадааст.

фаъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаъилон

vv--/vv--/vv--/vv~

Баҳри муҷтас – бо се вазн дар ҷойи сеюм қарор мегирад, ки тартиби басомадии авзони он ба қарори зайл аст:

1. Муҷтасси мусаммани махбуни аслам – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаълун (v-v-/vv--/v-v-/--) – 4 навъи вазн;

2. Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф ё махбуни мақсур – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фоъилун (фаъилон) (v-v-/vv--/v-v-/vv-(vv~) – 3 навъи вазн;

3. Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаълон (v-v-/vv--/v-v-/- ~) – 1 навъи вазн;

Мисоли баҳри муҷтаси мусаммани махбуни аслам:

Зи баҳри мо ҳама қарзи надода мемонад,

Зи хоҷа ганҷи хазоин кушода мемонад.

мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаълун

v-v-/vv--/v-v-/--

Мисоли баҳри муҷтасси мусаммани махбун:

Агар пуле ба каф ояд, барои кокули ӯ ман,

Гуле чу пул наситонад, асири булбули ӯ ман.

мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаъилотун

v-v-/vv--/v-v-/vv --

Дар ин қолаби арузӣ ҳамаи зиҳофҳо дар натиҷаи амали хабн пайдо шудаанд, бинобар ин, вазн муҷтасси мусаммани махбун хонда мешавад.

Зиҳофи махбуни якум аз рукни мустафъилун (- - v -, баҳри раҷаз) ва зиҳофи дуюм аз рукни фоъилотун (v - v -, баҳри рамал) ҳосил шудаанд.

Мисоли баҳри муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

Ба нимрӯз палав зан, ба шом – дигар ош,
Саҳар нахуд, пас аз кори даҳр фориғ бош.
мафоъилун, фаъилотун мафоъилун, фаълон
v-v-/vv--/v-v-/- ~

Баҳри музореъ – бо 1 вазн дар ҷойи охир қарор мегирад, бо қолаби зерин:

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, фоъилоту, мафоъӣлу, фоъилун ё фоъилун (-v/-v-v/v--v/-v- ё – v~) – 4 навъи вазн.

Мисоли баҳри музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур:

Мутриб, биёву замзамае чанд соз кун!
Оҳанг аз "Ироқ" ба сӯи "Ҳиҷоз" кун!
мафъӯлу, фоъилоту, мафоъӣлу, фаъилун
- -v/-v-v/v- -v/-v-

Баҳри раҷаз низ бо 1 вазн дар ҷойи охир қарор мегирад, ки қолаби арузиаш чунин аст:

Раҷази мусаммани матвии махбун – муфтаъилун, мафоъилун, муфтаъилун, мафоъилун (-vv-/v-v-/-vv-/v-v-) – 1 навъи вазн.

Мисоли ин баҳри арузӣ байти зерин аст:

Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фирокро,
Чун накунӣ, чико кунам ваъдаи хушку қокро.
муфтаъилун, мафоъилун, муфтаъилун, мафоъилун
-vv-/v-v-/-vv-/v-v-

Агар низоми арузии ашъори Савдоро мувофиқи асосҳои арузи ҷадид ва аз тариқи басомад баррасӣ кунем, ба назари мо, таъйини чигунагии таваҷҷуҳи шоир ба авзони арузӣ осонтар мегардад. Бинобар он ки дар эҷодиёти Савдо ғазал мавқеи асосӣ дорад, танҳо ғазалҳои шоирро ба барасӣ мегирем. Ҳангоми таҳлили вазни ғазалҳо мутолиаи арузиро аз рӯйи тартиби ашъори дар "Мунтахабот" дарҷшуда ба ҳисоб мегирем:

Баҳри **ҳазаҷ** ва авзони он.

1. Ҳазаҷи мусаммани солим: мафоъӣлун мафоъӣлун мафоъӣлун (v - - - / v - - - / v - - - / v - - - ).

Мисол: Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.

Басомад:

а) Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно, фиребидӣ!

б) Ба ишқи мо агар он шӯхи саркаш эътирофидӣ

в) Сиҳисарве, ки бошад дар нишастан дил замини ӯ

г) Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палав хонро

ғ) Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодам

д) Қаноатпарвари шавқам мапурс аз иштиҳои ман

2. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф: мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун (v - - - / v - - - / v - -).

Мисол:

Биё, эй ҳурри ҷаннат, хирмани пул,

Ба пеши мо биафшон домани пул.

Басомад:

а) Кадомин шӯх зад бар ҷони ман доғ

б) Ҳино рангест аз гулҳои ҳуснаш

в) Ҳарифонанд дар бозори имкон

г) Ба юмни калла он миқдор серам

3. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф: мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун (- - v / v - v - / v - -).

Мисол: Сад шукр, ки боз гашт хуррам

Аз омадани баҳор олам.

Басомад:

а) дил гум шуду ман ба пеши раммол

4. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъӯлун (- - v / v - - v / v - - v / v - -).

Мисол: Дар фикри ниҳон сохтани дарди худ астам,

Дармондаи тадбири рухи зарди худ астам.

Басомад:

а) Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту

б) Дар зумраи ушшоқи ту худро битанидем

в) Ҳусни ту, ки дорад зи ҷафо зинату зайно

г) Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо

ғ) Айёми баҳор омаду моҳи рамазон ҳам

д) Дар роҳи шикам ҷомаву ҷонро гаравидам

5. Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб: мафъӯлу мафоъилун мафоъӣлу фаъал (- - v / v - v - / v - - v / v -).

Мисол: Боз аз ҳама хӯрданӣ палав хуштарак аст,

Нони гандум зи нони ҷав хуштарак аст.

Дар ҳиҷои сеюми мисраи дуюм ихтиёри шоирии омадани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ мушоҳида мешавад.

Баҳри **рамал** ва авзони он.

1. Рамали мусаммани маҳзуф: фоъилотун фоъилотун фоъилотун фоъилун – (- v - - / - v - - / - v - - / - v - ).

Мисол: Эй ки пулдорӣ, ба ҳоли бепулон тасхар макун,

Хотири ин бенавоёнро зи ғам абтар макун!

Басомад:

а) Он ки ранге дораду бӯйи хуше дорад, гул аст

б) Аз рибо хурдан касе ҳундӣ нашуд

в) Маъние дар ҳалқаи он зулфи кокул бастаам

г) Коми дил месӯзад аз тундӣ, чу филфил хӯи ту

ғ) Ҳалқаи зулфи кӣ бошад нофаи Чинро масал?

д) Дар ҳарими дил ҷафои кист раҳбар теғро?

2. Рамали мусаммани махбуни аслам: фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаълун – (- v - - / v v - - / v v - - / - - ).

Мисол: Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? – Не,

В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? – Не!

Басомад:

а) Чанд, девона, чунин лофу газофат бинам?

б) Эй сабо, хобгаҳи ёри маро дидӣ? – Не!

в) Он ки дар даҳр сари даъвии эҳсон дорад

3. Рамали мусаммани махбуни маҳзуф: фаъилотун фаъилотун фаъилотун фаъилун – (v v - - / v v - - / v v - - / v v - ).

Мисол: Дили девона зи ишқи ту ба танг омадааст,

Нолаашро зи дилат тир ба санг омадааст.

Басомад:

а) Эй нигоҳат асари нашъаи сад ҷоми шароб

Дар ин мисраъ ихтиёри шоирии омадани рукни аслии фоъилотун (- v - -) ба ҷойи зиҳофи фаъилотун (v v - -) дар руки якум ба мушоҳида мерасад. Вазни аслӣ дар мисраи дуюм мушаххас мешавад, ки чунин аст: Назари марҳамате ҷониби риндони хароб!

б) Омадӣ, ҳарфи ниҳонӣ ба ту дорам, бинишин!

в) Меравам гуфтию хун шуд дили зорам, бинишин!

Ин мисраъ ҳам мисли басомади якум ихтиёри шоирӣ дорад, ки сурати аслиаш аз мисраи дуюмаш – “Бинишин, тоқати ҳаҷри ту надорам, бинишин!” равшан мешавад. Дар мисраи басомадии охир ҳам ҳамин нукта сидқ дорад.

г) Дӯш аз хоҳиши даври фалаки ҳодисазой

Баҳри **муҷтас** ва авзони он.

1. Муҷтаси мусаммани махбуни аслам: мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаълун (v - v - / v v - - / v - v - / - - ).

Мисол: Зи баъди мо ҳама қарзи надода мемонад,

Зи хоҷа ганҷу хазоин кушода мемонад.

Басомад:

а) Буте, ки қадди дарозаш чанорро монад

б) Ба нимрӯз палав зан, ба шом дигар ош

в) Касе зи нусхаи таҳқиқ дарси маънӣ хонд

г) Маро ду ҳафта аз ин пеш дар раҳи шабгир

2. Муҷтаси мусаммани махбун: мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаъилотун (v - v - / v v - - / v - v - / v v - - ).

Мисол: Агар пуле ба каф ояд, барои кокули ӯ ман

Агарчи пул наситонад, асири булбули ӯ ман.

Басомад:

а) Зиҳӣ, висоли ту сомони дуҷаҳонии Савдо

Баҳри **раҷаз** ва авзони он.

1. Раҷази мусаммани матвии махбун: муфтаъилу мафоъилун муфтаъилу мафоъилун - v v - / v - v - / - v v - / v - v -).

Мисола: Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фирокро,

Чун накунӣ, чико кунам ваъдаи хушку қокро.

Баҳри **музореъ** ва авзони он.

1. Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилун - - v / - v - v / v - - v / - v -).

Мисол: Мутриб, биёву замзамае чанд соз кун,

Оҳанг аз “Ироқ” ба сӯйи “Ҳиҷоз” кун!

Басомад:

а) Гӯӣ, ки қадри ҳусни ман аз хат баланд шуд.

б) Ҳар ҷо ҳадиси қомати он тундхӯ бувад

в) Кард аз хумори рӯйи ту кори шароб об

г) То дидам он ҷамолу камолу малоҳате

Ҳамин тавр, Абдулқодирхоҷаи Савдо дар гуфтани ғазал аз авзони баҳрҳои ҳазаҷ (панҷ вазн), рамал (се вазн), муҷтас (ду вазн), раҷаз (як вазн), музореъ (як вазн) истифода кардааст, ки аз назари басомад ба тартиби зикршуда мавқеият доранд.

Баҳси ихтиёроти шоирӣ дар арузи суннатӣ ба таври равшану низомманд матраҳ нашудааст, аммо дар арузи ҷадид яке аз масъалаҳои ба низоми муайян ва бо қолабҳои мушаххас таъйиншуда мебошад. Бинобар ин, дар таҳқиқи ин масъала аз равишҳои баррасӣ дар арузи ҷадид ва орои муҳаққиқони аруз, ба

монанди Парвиз Нотили Хонларӣ, Сируси Шамисо, Мисбоҳиддини Нарзиқул [Хонларӣ 1367; Шамисо 1378; Нарзиқул 2021] истифода мешавад.

Аз маҷмуи ихтиёроти шоирӣ, ки онҳоро М. Нарзиқул дар бахши “Ихтиёроти шоирӣ”-и китоби “Вазни шеъри тоҷикӣ” овардааст [Нарзиқул 2021, с. 29-36], дар шеърҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо чунин тағйироти марбут ба баҳси ихтиёроти шоирӣ ташхис мешавад: “Овардани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ, яъне табдили ҳиҷоҳо, ки дар истилоҳ “таскин” ҳам мегӯянд” [Нарзиқул 2021, с. 32]. Рубоии зерини Савдо аз рӯйи ҳамин ихтиёри шоирӣ таҳлил мешавад:

“Савдо, ки агар гуноҳ камтар дорад,
Дарҳол гуноҳи дигаре бардорад.
Гӯяд, ки агар Худой раҳмат накунад,
Аз баҳри чӣ дар Биҳишт Кавсар дорад?!” [Савдо 1958, с. 113]

Тақтеъи ҳар чаҳор мисраи рубоӣ чунин сурат мегирад:

- - v / v - v - / v - - - / -
- - v / v - v - / v - - - / -
- - v / v - v - / v - - v / v -
- - v / v - v - / v - - - / -

Дар ин шеър ҳиҷоҳои ёздаҳуми ду мисраи аввал ва ҳамин ҳиҷо дар мисраи охир аст, ки дароз буда, ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ нишастаанд. Чунонки аз мисраи сеюм маълум мешавад, ба ивази ҳиҷои ёздаҳуми се мираи дигар ин ҷо ду ҳиҷои кутоҳ омадааст, ки ба қолаби аслии рубоӣ дар тақтеи сеюму чаҳорум мутобиқати тамом дорад. Дар рукнҳои дуюми ҳар чаҳор мисраи ин рубоӣ, дар навбати худ, ихтиёри шоири дигаре низ ҷой дорад. Шоир ба ҷойи зиҳофи мафоъӣлу (v - - v) дар ин рукн аз зиҳофи мафоъилун (v - v -) истифода кардааст, ки дар низоми арузии жанри рубоӣ ҷойиз аст. Дар умум, чунонки дарёфта мешавад, вазни аслии ин рубоӣ дар ягон мисраи он истифода нашудааст. Шоир дар саросари рубоӣ аз ду ихтиёроти шоирӣ истифода кардааст, ки ҷоиз мебошад.

Ихтиёри шоирии омадани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кутоҳ дар ғазалҳои Савдо бештар дар вазни рамали мусаммани маҳзуф ба назар мерасад. Масалан, дар мисоли ду байти зерин, ки аз қолаби ғазал накл мешавад, ин ихтиёрро намоёнидан мумкин аст:

“Зоҳид, афсӯс, ки девона чаро бошам ман,

Ману андуҳ, ки з-ин бад батаре дидӣ? Не!

Шаҳна аст, он ки харобот харобод кунад,

Дар харӣ хубтар аз шаҳна харе дидӣ? Не!” [Айнӣ 2010, с. 220].

Сурати тақтеии ҳар чаҳор мисраъ чунин аст:

- v - - / v v - - / v v - - / - -

- v - - / v v - - / v v - - / - -

- v - - / v v - - / v v - - / v v –

- v - - / v v - - / v v - - / - -

Қолаби вазни аслӣ дар мисраи сеюм омадааст, ки “фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаъилун” аст. Дар рукни охири се мисраи дигар тағйир ворид шуда, ба ҷойи зиҳофи “фаъилун” зиҳофи “фаълун” истифода шудааст, ки ҷойиз мебошад.

Ихтиёри шоирии дигар, ки дар низоми арузии ғазалҳои Савдо мушоҳида мешавад, омадани рукни аслии “фоъилотун” дар тақтеи рукни якуми вазни рамали мусаммани махбун ба ҷойи зиҳофи “фаъилотун” мебошад. Масалан, дар ду мисраи ғазали ёздаҳбайтие, ки бо чунин байт сар мешавад, вазни аслӣ риоят шуда, дар рукни якуми бақияи мисраъҳо тағйири муҷоз сурат гирифтааст:

Эй сабо хобгаҳи ёри маро дидӣ? Не.

Сунбули турраи дилдори маро дидӣ? Не.

Ин байт чунин сурати тақтеӣ дорад:

- v - - / v v - - / v v - - / - -

фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаълун

Аммо мисраъҳои “Равишу қоидаи кори маро дидӣ? Не.” ва “Ҳаваси турраи хубон макун, ошуфта мабош” ба сурати фаъилотун фаъилотун фаъилотун

фаъилун: v v - - / v v - - / v v - - / v v – тақтеъ мешаванд, ки вазни асосии ин шеър ҳамин аст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи арузӣ ва таҳлили ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо нишон дод, ки ӯ дар интихоби вазн ва мутобиқати он бо мавзуи шеър хеле донишмандона муносибат кардааст. Вай дар ғазалҳои хеш аз 9 навъи вазни ҳазаҷи мусаммани солим – мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун (v---/v---/v---/v-- -); аз 7 навъи вазни рамали мусаммани маҳзуф – фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун (-v--/-v--/-v--/-v--/); 4 навъи вазни муҷтасси мусаммани махбуни аслам – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаълун (v-v-/vv--/v-v-/--); 1 навъи вазни муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаълун (v-v-/vv--/v-v-/-~); 6 навъи вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур – мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафъӯлун (мафоъӣл) (v---/v---/v--(v--); 3 навъи вазни муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф ё махбуни мақсур – мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фоъилун (фаъилон) (v-v-/vv--/v-v-/vv-(vv~); 1 навъи вазни рамали мусаммани матвии махбун – муфтаъилун, мафоъилун, муфтаъилун, мафоъилун (-vv-/v-v-/ vv-/v-v-); 6 навъи вазни рамали мусаммани махбуни аслам – фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаълун (-v--/vv--/vv--/--); 2 навъи вазни ҳазаҷи мусаддаси ахраби маҳбузи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, мафоъилун, фаъӯлун ё мафоъӣл ( v/v-v-/v-- ё v-~); 4 навъи вазни рамали мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур – фаъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаъилун ё фаъилон (vv--/vv--/vv--/vv- ё vv~); 4 навъи вазни музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, фоъилоту, мафоъӣлу, фоъилун ё фоъилотун (-v/-v-v/v--v/-v- ё – v~); 6 навъи вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур – мафъӯлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу, фаъӯлун ё мафоъӣл (-v-/v--v/ v- - v/v-- ё v-~); 1 навъи вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам – фоъилун, мафоъӣлу, фаъӯл (--v/v--v/v-- /ё v-~), 1 навъи вазни раҷази мусаммани матвии махбун (-vv-/v-v-/-vv-/v-v-) истифода кардааст.

Аксари авзони мазкур бо муҳтаво дар таносуб қарор доранд, ки чунин вазъ ҳодисаи нодири ҳунарӣ маҳсуб мешавад. Масъалаҳои таносуби вазн ва муҳтаво

дар ғазалиёти ин шоир мавзуи муҳиммест, ки бояд дар оянда таҳқиқ шавад. Маълум мешавад, ки Савдо дар истифодаи вазни шеър ҳам аз роҳи таҳқиқ ва ҳам табъи шоирӣ муносибати огоҳона зоҳир мекардааст.

Аз ихтиёроти шоирии роиҷ дар арузи тоҷикӣ дар шеъри Савдо асосан се навъи он: а) таскин (овардани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ), б) овардани “фаъал (v -)” ба ивази “фаълу (- v)”, в) истифодаи рукни аслии “фоъилотун (- v - -)” ба ивази “фаъилотун (v v - -) дар рукни якум аз назари истифода басомади чашмрас ва қобили мулоҳиза доранд.

### 3.2.4. Қофия ва радиф

Қофия дар шеъри суннатии мо аз ҷумлаи лавозимоти ҳатмии шеър буда, тибқи қазовати М. З. Низомӣ, ҳамчун аносири аслии шеър “дар созмону назми он нақши аввалиндараҷа дорад” [Низомӣ 2023, с. 91]. Бинобар ин қоида ва суннати шоирии классикӣ, ҳамаи ашъори Савдо бо қофия суруда шудаанд. Барои муайян кардани басомад ва чигунагии истифодаи анвои қофия дар ашъори Савдо мо навъҳои қофияи пурбаҳоро, ки аз ҷониби Баҳром Сирус аз миёни 35 навъи қофияи дар шеъри суннатӣ истифодашуда муайян шудааст [Сирус 1956, с. 49-64], асос қарор дода, мувофиқи тартиби дар китоби “Назмшиносӣ” пешниҳод шуда [Шарифов 2015, с. 338-351] баррасӣ ва ба ҳамон тартиб навъҳои мавҷуди қофияро дар ғазалҳои Савдо таҳқиқ мекунем.

Дар тартиби зер ғазалҳоро нахуст аз рӯйи тартиби дар “Мунтахабот” дарҷшуда мутолиа карда, қофияҳои такрорро бо зикри байти аввали ғазал дар зери ҳар навъ меоварем:

1. Қофияи муқайяди муҷаррад:

> “Эй ки пулдорӣ, ба ҳоли бепулон тасхар макун,
> Хотири ин бенавоёнро зи ғам абтар макун!” [Савдо 1958, с. 30].

Дар ин байт калимаҳои “тасхар” ва “абтар” қофия ва ҷузъи “ар” – решаи қофия буда, ҳарфи “р” – равӣ ва садоноки кутоҳи “а” тавҷеҳ аст. Ҳамин қолаби қофия дар вожаҳои дигари қофияи ғазал, ки “бар”, “бовар”, маҳзар”, “чодар”-анд ба дурустӣ риоят шудааст.

Радифи ин шеър калимаи “макун” аст, ки феъли фармоишӣ аст. Ба радифи дигар ғазалҳо низ баъд аз зикри қофия ва аҷзои он ишорат мешавад.

Ин навъи қофия дар ғазалҳое, ки бо байтҳои зерин оғоз мешаванд, низ истифода шудааст:

“Он ки ранге дораду бӯи хуше дорад, гул аст,

В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст” [Савдо 1958, с. 31].

Калимаҳои “гул”, “булбул”, “ҷул”, “мул”, “кул”, “ғул-ғул”, “қул-қул”, “Кобул”, “сунбул”, “бепул” қофия, ҷузви “ – ул” – решаи қофия буда, ҳарфи “л” – равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) “а” – тавҷеҳ аст. Калимаи “аст” ба вазифаи радиф омадааст. Ва ё:

“Агар пуле ба каф ояд, барои кокули ӯ ман (?)

Гуле (чи) пул наситонад, асири булбули ӯ ман” [Савдо 1958, с. 34].

Калимаҳои “кокул”, “булбул”, “сунбул”, “таваккул”, “ҷул”, “бетаҳаммул”, “таомул”, “Бепул” қофия, ҷузви “ – ул” – решаи қофия буда, ҳарфи “л” –равии муқайяд, садоноки кӯтоҳ (ҳаракат)-и “у” – тавҷеҳ аст. Калимаи “ман” ба вазифаи радиф омадааст.

Ё худ:

“Сад шукр, ки боз гашт хуррам

Аз омадани баҳор олам” [Савдо 1958, с. 41].

Калимаҳои “хуррам”, “олам”, “беғам”, “зиндагидам”, “акрам”, “мураххам”, “шабнам”, “хам”, “ мақдам”, “ҳам”, “нам”, “ҷам”, “фароҳам”, “муқаддам”, “рам”, “сам”, “кам”, “ғам”, “маҳрам”, “дам”, “мусаллам”, “мунзам”, “кам”, “пурнам” қофия, ҷузви “ – ам” – решаи қофия буда, ҳарфи “м” – равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи (ҳаракат) “а” – тавҷеҳ мебошад.

Мисоли дигар:

“Ҳино рангест аз гулҳои ҳуснаш,

Табассум мавҷе аз дарёи ҳуснаш” [Савдо 1958, с. 43].

Вожаҳои “гулҳо”, “дарё”, “ҷо”, “саҳро”, “туғро”, “яғмо”, “афсунҳо”, “аҷзо”, “Лайло”, “зебо” “истиғно”, “воло” қофия, ҷузви “о” – решаи қофия буда, ҳарфи “о” – равии муқайяд аст.

Дар ин ғазал яке аз айбҳои қофия роҳ ёфтааст. Шоир барои он, ки калимаи “гул” ва “афсун”-ро бо калимаҳои дигари ғазал (масалан, “дарё”) қофия созад, ба охири ин ду калима (“гул” ва “афсун”) пасванди “ҳо”-ро ҳамроҳ карда, бо ин роҳ қофияро дуруст сохтааст.

Чунин амал аз айбҳои қофия буда “итои хафӣ” ном дорад. Дар асл, дар ин ду калима қофия ҳарфҳои “л” ва “н” ба вазифаи равӣ меоянд.

Дигар:

“Кадомин шӯх зад бар ҷони ман доғ,

Ки узвамрост ҷойи пираҳан доғ” [Савдо 1958, с. 39].

Вожаҳои “ман”, “пираҳан”, “даҳан”, “чаман”, “шудан”, “ман” қофия, ҷузви “ – ан” – решаи қофия буда, ҳарфи “н” – равии муқайяд, садоноки кутоҳ (ҳаракат)-и “а” – тавҷеҳ мебошад. Калимаи “доғ” ба вазифаи радиф омадааст.

Дигар:

“Маъние дар ҳалқаи он зулфу кокул бастаам,

Ҳуҷҷате дар сурати давру тасалсул бастаам” [Савдо 1958, с. 46].

Калимаҳои “кокул”, “тасалсул”, “тааммул”, “ғул-ғул”, “мул”, “пул”, “тағофул”, “гул”, “қул-қул”, “бетаҳаммул” – қофия, ҷузви “-ул” – решаи қофия буда, ҳарфи “л” – равии муқайяд, садоноки кутоҳ (ҳаракат)-и “у” – тавҷеҳ мебошад. Калимаи “бастаам” ба вазифаи радиф омадааст.

Ба дигар шеърҳои ба ин қофия сурудашуда бо зикри саҳифаи онҳо дар “Мунтахабот”-и Савдо ишора мешавад. Дар мавриди дигар навъҳои қофия низ ҳамин тартиб риоят мешавад.

2. Қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд:

“Дили девона зи ишқи ту ба танг омадааст,

Нолаашро зи дилат тир ба санг омадааст” [Савдо 1958, с. 45].

Вожаҳои “танг”, “санг”, “нанг”, “чанг”, “санг”, “ланг”, “ранг”, “ҷанг”, “Фаранг”, “ланг”, “паланг”, “танг” қофия, ҷузви “ – анг” – решаи қофия буда, ҳарфи “г” – равии муқайяд, ҳарфи “н” – қайд, садоноки кутоҳ (ҳаракат)-и “а” – ҳазв аст. Калимаи “омадааст” ба вазифаи радиф омадааст.

Басомад:

“Дар фикри ниҳон сохтани дарди худастам,

Дармондаи тадбири рухи зарди худастам” [Савдо 1958, с. 48].

Калимаҳои қофия: “дард”, “зард”, решаи қофия – “ард”, ҳарфҳо: “д” – равии муқайяд, “р” – қайд, “а” – ҳазф. Радиф: “худастам”.

3. Қофия муқайяд бо ридфи муфрад (аслӣ):

“Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,

Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо” [Савдо 1958, с. 29].

Дар ин байт ва идомаи шеър калимаҳои “роҳ”, “кулоҳ”, “нигоҳ”, “коҳ” “гуноҳ” қофия, ҷузви “оҳ” решаи қофия буда, ҳарфи “о” – ридфи муфрад, “ҳ” – равии муқайяд мебошад. Таъбири “он ҷо” радиф аст.

Басомад:

“Мутриб биёву замзамае чанд соз кун,

Оҳанг аз “Ироқ” ба сӯйи “Ҳиҷоз” кун” [Савдо 1958, с. 47].

Калимаҳои қофия: “соз”, “Ҳиҷоз”, решаи қофия – “оз”, ҳарфҳо: “з” – равии муқайяд, “о” – ридфи муфрад. Радиф: “кун”.

4. Қофияи муқайяд бо ридфи мураккаб (аслӣ ва зоид):

“Касе зи нусхаи таҳқиқ дарси маънӣ хонд,

Ки нуқтае ба дил аз нафси орзу наншонд” [Савдо 1958, с. 82].

Калимаҳои “хонд”, “наншонд”, “монд”, “гардонд” қофия, ҷузви “онд” – решаи қофия буда, ҳарфҳои “д” – равӣ, “о” – ридфи муфрад, “н” – ридфи зоид мебошад. Ин шеър радиф надорад.

5. Қофияи мутлақи муҷаррад:

“Зи баъди мо ҳама қарзи надода мемонад,

Зи хоҷа ганҷу хазоин кушода мемонад” [Савдо 1958, с. 32].

Калимаҳои “надода”, “кушода”, “мода”, “фитода”, “сода”, “ҷода”, “бода” қофия, ҷузви “ода” – решаи қофия буда, ҳарфи “д” – равии мутлақ, садоноки дароз (ҳарфи) “о” – ридфи муфрад ва ҳарфи “а” (ҳ-и ҳаваз) – васл мебошад. Калимаи “мемонад” ба вазифаи радиф омадааст.

Басомад:

“Аз рибо хӯрдан касе ҳундӣ нашуд,

Бой ҳам шуд, лек бойгундӣ нашуд” [Савдо 1958, с. 36].

Вожаҳои “ҳундӣ”, “бойгундӣ”, “тулҳундӣ”, “юндӣ”, “алқундӣ”, “мундӣ”, “кундӣ” “тундӣ” қофия, ҷузви “ – ундӣ” – решаи қофия буда, ҳарфи “д” – равии мутлақ садоноки кӯтоҳ (ҳаракат)-и “у” тавҷеҳ ва ҳарфи “ӣ” васл мебошад.

Ва:

“Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ? – Не,

В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ? – Не” [Савдо 1958, с. 38].

Калимаҳои “баре”, “самаре”, “дигаре”, “асаре”, “ҳунаре”, “батаре”, “шутуре”, “дигаре”, “харе”, “даре” қофия, ҷузви “ – аре” – решаи қофия буда, ҳарфи “р” – равии мутлақ садоноки кӯтоҳ (ҳаракат)-и “а” – тавҷеҳ, ҳарфи “е” васл мебошад. Таркиби “Дидӣ? – Не” ба вазифаи радиф омадааст.

Дар ин ғазал яке аз айбҳои қофия дида мешавад: шоир ба ихтилофи ҳарфи равӣ роҳ додааст. Ба охири калимаи “бад” (дар байти панҷум) пасванди “тар” – ро илова карда, ҳарфи “р”-ро ба вазифаи равӣ овардааст. Ба вазифаи ҳарфи равӣ овардани охири пасвандҳову бандакҳо аз уюби қофия буда, “итои хафӣ” ном дорад. Дар асл дар калимаи “батар” ҳарфи равӣ “д” аст, чунки ба вазифаи ҳарфи равӣ фақат ҳарфи охири решаи калима омада метавонад.

6. Қофияи мутлақ бо ҳарфи қайд:

“Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо?!

Чун панди ту нест судмандо” [Савдо 1958, с. 40].

Вожаҳои “пандо”, “судмандо”, “қандо”, “писандо”, “мебарандо”, “нашъамандо”, “мустамандо”, “дардмандо”, “бандо”, “баландо”, “банд-бандо”, “чандо”, “ришхандо”, “камандо”, “нӯшхандо”, “намехарандо” қофия, ҷузви “ – андо” – решаи қофия буда, ҳарфи “д” – равии мутлақ, ҳарфи “н” – қайд, садоноки кӯтоҳ (ҳаракат)-и “а” ҳазв ва ҳарфи “о” – васл аст.

7. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад (аслӣ):

“Гуфта будӣ, ки мекунам чора ғами фироқро,

Чун накунӣ, чико кунам ваъдаи хушку қоқро” [Савдо 1958, с. 35].

Калимаҳои “фироқро”, “қоқро”, “ҳоқро”, “нифоқро”, “сиёқро”, “қоқро”, “чоқро”, “қучоқро”, “талоқро”, “тоқро”, “қуроқро”, “саямоқро”, “Ироқро”, “эҳтироқро” қофия, ҷузви “ – оқро” решаи қофия буда, ҳарфи “қ” – равӣ, ҳарфи “о” – ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи “р” – васл, ҳарфи “о” – хуруҷ аст.

Дар калимаҳои қофияи ин ғазал яке аз айбҳои қофия, ки “ито” ном дорад, роҳ ёфтааст. Чи тавре ки мебинем, шоир калимаи “қоқро” ҳам дар байти якум ва ҳам дар байти панҷум такроран овардааст. Агар миқдори абёти шеър аз ҳудуди муқаррарии муайян, яъне аз ҳудуди бист-сӣ байт гузарад, ё ин ки дар шеър таҷдиди матлаъ роҳ ёфта бошад, қофияҳои пеш аз таҷдиди матлаъро истифода кардан мумкин аст. Дар ин ғазали сездаҳбайта шоир калимаи “қоқро” ду маротиба ба вазифаи қофия овардааст, ки чунин амалро аз айбҳои қофия шуморидаанд [Шарифов 2015, с. 353-354].

Басомад:

“Буте ки қадди дарозаш чанорро монд,

Сурини ӯ қулали кӯҳсорро монад” [Савдо 1958, с. 37].

Калимаҳои “чанорро” “куҳсорро”, “ғуборро”, “канорро”, “ғуборро”, “ошкорро”, “омосдорро”, “вахшишикорро”, “ихтиёрро”, “уммедворро”, “порро”, “виқорро”, “қарздорро” қофия, ҷузви “ – орро” – решаи қофия буда “р” – и якум равии мутлақ “р” – дуюм васл “о” – и охир хуруҷ, “о” – и аввал ридфи муфрад аст. Калимаи “монад” ба вазифаи ридфи муфрад аст.

Ва:

“Чанд девона чунин лофу газофат бинам?

Шӯрише кун, ки ҷунунҳои масофат бинам!” [Савдо 1958, с. 44].

Калимаҳои “газофат”, “масофат”, “хилофат”, “муофат”, “нофат”, “касофат”, “қофат”, “ғилофат”, “муҳмалабофат”, “офат”, “шарофат”, “муофат” қофия, ҷузви “ – офат” – решаи қофия буда, ҳарфи “ф” – равӣ, садоноки дарози “о” – ридфи муфрад, ҳарфи “т” – васл, садоноки кутоҳ (ҳаракат)-и “а” – маҷро мебошад. Калимаи “бинам” ба вазифаи радиф омадааст.

8. Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб ва хуруҷ:

“Дар зумраи ушшоқи ту худро битанидем,

Дар кӯи ту ҳамроҳи сагонат ватанидем!” [Савдо 1958, с. 52].

Калимаҳои “битанидем”, “ватанидем”, “кафанидем”, “суманидем”, “муридем”, “буридем”, “бирамидем”, “зағанидем”, “анҷуманидем”, “шиканидем”, “зақанидем”, “аламидем” қофия, ҷузви “ – анидем” – решаи қофия буда, ҳарфи “д” – равӣ, ҳарфҳои “ӣ” (“й”) ва “н” – ридфи мураккаб, ҳарфи “е” – васл, ҳарфи “м” – хуруҷ мебошад. Ин шеър радиф надорад.

9. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, хуруҷ ва мазид:

“Маро аз ваъда сад бор, эй бути раъно, фиребидӣ,

Напурсидӣ ба дарди интизорам, чун шикебидӣ?” [Савдо 1958, с. 58].

Калимаҳои “фиребидӣ”, “шикебидӣ”, “насибидӣ”, “атибидӣ”, “зебидӣ”, “хиромидӣ” қофия, ҷузви “ – ебидӣ” – решаи қофия буда, ҳарфҳои “б” – равӣ, “е” – ридфи муфрад, “ӣ (й)-и якум” – васл, “д” – хуруҷ, “ӣ” (“й”)-и дуюм мазид мебошад. Ин шеър радиф надорад.

10. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад ва хуруҷ:

“Ба ними рӯз агар гардад бисоторо палав хонро,

Фурӯғи лангарӣ ҳайрон кунад хуршеди тобонро” [Савдо 1958, с. 75].

Калимаҳои “хонро”, “тобонро”, “бирёнро”, “нонро”, “дуконро”, “меҳмонро”, “нонро”, “намакдонро”, “ғалтонро”, “бурҳонро”, “сухандонро”, “султонро” қофия, ҷузви “ – онро” – решаи қофия буда, ҳарфҳои “н” – равӣ, “о” – ридфи муфрад, “р” – васл, “о” – хуруҷ мебошад. Ин шеър радиф надорад.

11. Қофияи мутлақ бо таъсис ва дахил:

“То дидам он ҷамолу камолу малоҳате,

Дигар надида дидаи ман хобу роҳате” [Савдо 1958, с. 81].

Калимаҳои “малоҳате”, “роҳате”, “қабоҳате”, “саёҳате” қофия, ҷузви “ – оҳате” – решаи қофия буда, ҳарфҳои “т” – равӣ, “о” – таъсис, “ҳ” – дахил, садоноки кутоҳ (ҳаракат)-и “а” – ишбоъ ва ҳарфи “е” – васл мебошад. Ин шеър радиф надорад.

Мо то ба ин ҷо навъҳои қофияро муайян карда, барои ҳар кадом навъи қофияи пурбаҳо мисолҳо оварда, ҳарфу ҳаракатҳояшонро дар зерашон навиштем. Дар чанд маврид ба уюби қофия ҳам ишора кардем. Акнун бо

мақсади ошноии комилтар пайдо кардан бо навъҳои қофияи пурбаҳо дар ғазалиёти Савдо тарҳи умумии онҳоро нишон медиҳем [Ҷадвали №3.1]:

Ҷадвали №3.1

| **Навъи қофия** | **Басомад (мувофиқи саҳ.)** | **Дарсад** |
|---|---|---|
| Қофияи муқайяди муҷаррад | 30, 31, 33, 34, 41, 43, 39, 46, 50, 59, 60, 64, 74; Б – 61а | 24,2 |
| Қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд | 45, 48, 56 | 5,2 |
| Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад | 29, 47, 49, 53, 57, 62, 67, 71, 72, 73, 78, 83; ду ғазал аз тазкираи Абдӣ; Б – 84б | 25,9 |
| Қофияи муқайяд бо ридфи мураккаб (аслӣ ва зоид) | 82; Б – 61а | 3,4 |
| Қофияи мутлақи муҷаррад | 32, 36, 38, 80; Б – 85б | 8,6 |
| Қофияи мутлақ бо ҳарфи қайд | 40, 54; Б – 61б | 5,2 |
| Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад | 35, 37, 44, 51, 61, 68, 69, 76, 77 | 15,5 |
| Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб ва хуруҷ | 52 | 1,7 |
| Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, хуруҷ ва мазид | 58, 59, | 3,4 |
| Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад ва хуруҷ | 75, 79; Б – 85а | 5,2 |
| Қофияи мутлақ бо таъсис ва дахил | 81 | 1,7 |
| **Ҷамъ**: | 58 ғазал | 100 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Басомад дар ҷадвали №3.1 аз рӯйи сафҳаи ҷойгиршавии ғазал дар “Мунтахабот”-и Савдо оварда шудааст. Ду ғазали охир аз қофияи навъи муқайяд бо ридфи муфрад аз “Тазкират-уш-шуаро”-и Абдуллохоҷаи Абдӣ ва 6 ғазали дигар, ки бо ҳарфи “б” пеш аз зикри сафҳа оварда шудаанд, аз “Баёз”-и Савдоанд, ки вориди мунтахаботи шоир нашудаанд.

Аз ин ҷадвал [Ҷадвали №3.1] бармеояд, ки дар қофияи ғазалҳои Савдо се навъи зерин дорои басомад ҳастанд:

1. Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад – 15 ғазал;

1. Қофияи муқайяди муҷаррад – 14 ғазал;

1. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад – 9 ғазал.

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар гуфтани навъҳои дигари шеърӣ аз чунин навъи қофияҳо истифода кардааст:

1. Қофияи муқайяди муҷаррад – қасида (саҳ. 84), марсия (таркиббанд, саҳ. 90)...

2. Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад – қасида (саҳ. 86), қасида (саҳ. 89), маснавӣ (ҳазлиёт, саҳ. 100), маснавӣ (байти якум, саҳ. 112), қитъа (дуюм, саҳ. 113), қитъа (сеюм, чорум, панҷум, саҳ. 114)...

3. Қофияи мутлақи муҷаррад – таркиббанд (банди якум, саҳ. 95)...

4. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад – маснавӣ (байти якум, саҳ. 110), рубоӣ (якум, саҳ. 113), рубоӣ (дуюм, саҳ. 113), қитъа (шашуму ҳафтум, саҳ. 114)...

5. Қофияи мутлақ бо таъсис, дахил ва хуруҷ – қитъа (якум, саҳ. 113)...

Ин дастабандӣ махсуси шеърҳоест, ки ба китоби “Мунтахабот”-и Савдо дохил шудаанд ва саҳифаҳои дохили қавсайн ишора ба ҳамин манбаъ ҳастанд. Шеърҳои дар “Баёз”-и Савдо ва дигар манбаъҳо омада низ ба яке аз қофияҳои панҷгонаи мазкур мутобиқат доранд.

Қофияи марсияи дар жанри таркиббанд сурудашударо, ки дар асоси қофияи банди якумаш онро ба навъи қофияи муқайяди муҷаррад дохил кардем, бо таваҷҷуҳ ба байти васила ва бандҳои дигар дорои навъҳои дигар низ мебошад: байтҳои васила (“наим”, “азим”, “ақим”...) – қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, банди дуюм (“қилода”, “пиёда”) – қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, банди сеюм (“камол”, “ҳол”), банди шашум (“хароб”, “об”), банди ҳаштум (“дӯстон”, “он”) – қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, банди чорум (“бепадар”, “дар”), банди панҷум (“само”, “азо”), банди ҳафтум (“надам”, “алам”) – қофияи муқайяди муҷаррад. Чунин гуногунӣ аз талаботи сохтори жанрии таркиббанд бармеояд. Тарҷеъбанд низ аз назари қофиябандӣ чунин сохтори гуногунранг дорад.

Дар масъалаи радиф ва истифодаи он дар ашъори Савдо ба чунин натиҷа расидем, ки шоир дар ашъори ба равияи суннатӣ эҷод кардаи худ асосан пайрави гузаштагон аст. Аммо дар шеърҳои бо тахаллуси “Бепул” навиштааш баъзан дар истифодаи калимаҳо дар мавқеи радиф тозакориҳо ҳам дорад.

Аз 59 ғазали дастраси Савдо 31 ғазал радиф дорад ва 28 ғазали дигараш бидуни радифанд. Аз маҷмуи қасидаҳояш ду қасида радиф дорад. Бандҳои якуму панҷуми марсияи дар жанри таркибанд гуфташуда дорои радиф буда, бандҳои дигар радиф надоранд.

Радифҳои истифода кардаи Савдоро аз рӯйи сохташон ба гурӯҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Радифҳое, ки танҳо аз як калима иборатанд (радифҳои содда ё якҷузъа): макун, аст, мемонад, пул, нашуд, монад, доғ, ҳуснаш, бинам, омадааст, бастаам, кун, худастам, ту, Савдо, шуд, бувад, теғро, ҳам, бинишин, бинишин, ӯ, об, аст, ман, дорад, фӯта, маҷӯй, гирифт, кард, кардӣ, гардонӣ, дорад...

2. Радифҳое, ки беш аз як калима ҳастанд (радифҳои мураккаб ё бисёрҷузъа): он ҷо, ӯ ман, дидӣ? – Не...

Мо ҳангоми баррасии сохтори қофияи ғазалҳои Савдо дар боло ба радифҳо ҳам ишора карда будем, бинобар ин, аз зикри байтҳо дар ин ҷо ба хотири дароз нашудани сухан худдорӣ мешавад.

Дар маҷмуъ, чунонки аз абёти таҳлилшуда ва аз рӯйи ҷадвал маълум мешавад, Савдо аз 25 навъи қофияи пурбаҳо 11 навъи онро дар гуфтани ғазал ва 5 навъи онро дар сурудани дигар шеърҳояш истифода кардааст. Аз назари мавқеи ҳарфи равӣ қофияи мутлақ бартарӣ дорад (7 навъ), аммо қофия бо равии муқайяд нисбатан (4-то) кам бошад ҳам, аз назари басомади корбурд афзунтар аст. Радиф дар шеърҳои Савдо дар ҳадди эътидол истифода шуда, бештар аз ҷиҳати сохт сода ва дар охири мисраъҳо омадаанд. Теъдоди ашъори радифдор аз берадиф бештар аст.

# ХУЛОСА

Дар ин диссертатсия масъалаҳои алоқаманд ба ҳаёт ва эҷодиёти яке аз шоирони машҳури адабиёти асри XIX тоҷик Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои рӯзгораш таҳқиқ шуда, дар натиҷаи таҳқиқ хулосаҳои зерин ба даст омаданд:

1. Абдулқодирхоҷаи Савдо аз ҷумлаи намояндагони маъруфи ҷараёни пешрафтаи адабиёти нимаи дуюми асри XIX буда, ҳамчун адиби дорои биниши нав ва таҷаддудхоҳ дар доираи адабии Бухорои замони худ ва ба сурати умумӣ, дар таърихи адабиёти тоҷик ҷойгоҳи шоистаеро ишғол менамояд. Аз тарафи шоирони машҳури замонааш, ба монанди Возеҳ, Шоҳин, Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Сиддиқии Аҷзӣ ва дигарон эътироф гардида, ном ва намунаи ашъораш қариб дар ҳамаи тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба сифати адиби тавоно ва соҳиби истеъдоди мунҳасир ба фард зикр шудааст [1-М; 3-М].

2. Зиндагии Савдо аз ҷиҳати мансубияташ ба дарбор ду марҳаларо дар бар мегирад: а) то дарбор ва б) дар дарбор. Савдо пас аз хатми мадраса ва касби донишҳои роиҷ дар замона, инчунин, фаро гирифтани бархе ҳунарҳои нафиса муддате зиндагонии мустақил гузаронида, баъд ба дарбори амир Насруллоҳхон (ҳукмрониаш: 1826-1860) даъват карда мешавад. Баъди ба сари қудрат омадани амир Музаффар низ Савдо ҳамчун яке аз надимони хос хизмат кардааст. Охири ҳаёти шоир ва марги фоҷиавиаш ҳам ба дарбор тааллуқ мегирад, ки дар роҳи иҷрои амре ба вуқуъ пайвастааст [1-М].

3. Аз миёни тазкираҳои замони Абдулқодирхоҷаи Савдо ахбори нисбатан муътамаду бештареро оид ба рӯзгор ва хусусиятҳои ашъори ӯ дар тазкираи Возеҳ, ки дар замони зиндагии Савдо рӯйи кор омадааст, дарёфт намудан мумкин аст. Абдулазими Шаръӣ ва Мирсиддиқи Ҳашмат ба маълумоти Возеҳ қариб, ки иловае надоранд, зеро онҳо тазкираҳои худро пас аз даргузашти адиб таълиф намудаанд. Абдуллохоҷаи Абдӣ ба маълумоти тазкиранигорон: Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Хоҷа Абдулазими Шаръӣ ва Мирсиддиқи Ҳашмат

маълумоти нодире илова накарда бошад ҳам, дар тазкираи ӯ намунаҳои ашъори Савдо зиёдтар дарҷ шудаанд [3-М].

4. Савдо ба қатори шоироне дохил мешавад, ки аз онҳо девони ашъор боқӣ намондааст. Шеърҳои ӯ ба таври пароканда дар таркиби тазкираҳо, баёзҳо, асарҳои таърихӣ, осори адабӣ, дафтарҳои мусаввада ва маҷмуаҳои гуногун боқӣ мондааст. Марҷаи асосӣ барои дастрасӣ ба мероси адабии Савдо сарчашмаҳое мебошанд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри асри XX таълиф шудаанд [1-М; 3-М].

5. Баъд аз бознигарӣ ба ашъори таркиби "Баёз"-и Савдо ва ҷустуҷӯ дар сарчашмаҳои дигар маълум гардид, ки аз мероси адабии манзуми Савдо 1335 байт то имрӯз шинохта шудааст. Аз теъдоди умумии ашъори дастраси шоир 1304 байт (ва як мисраъ) ба забони тоҷикӣ, 30 байт (ва 1 мисраъ) ба забони ӯзбекӣ суруда шудааст. Аз назари қолаби шеърӣ ашъори манзуми форсӣ (тоҷикӣ)-и шоир аз 59 ғазал (599 байт), 4 маснавӣ (325 байт), 3 қасида (97 байт), 18 қитъа (79 байт), 1 таркиббанд (72 байт), 3 тарҷеъбанд (65 байт), 2 мухаммас (мусаммати махсус) (37 байт ва 1 мисраъ), 9 рубоӣ (18 байт), 12 фард (12 байт) иборат мебошад. Ашъори ба забони ӯзбекӣ сурудаи Савдо аз жанрҳои ғазал – 2 (7+4 байт), мухаммас – 1 (7 банд, 35 мисраъ – 17 байт ва 1 мисраъ), қитъа – 1 адад (2 байт) таркиб ёфтааст. Қисми асосии мероси адабии шоирро ғазал ташкил медиҳад. Мероси адабии мансури Савдо, ки то имрӯз шинохта шудааст, аз як ҳикояти хурд ва асари "Музҳика" иборат аст [3-М; 5-М].

6. Нусахи хаттӣ, ки китобҳои баёз низ дар шумори онҳоянд, ҳар кадом мунҳасир ба фард буда, арзиши ба худ хос доранд. Ҳангоми омӯзиши эҷодиёти шоирону нависандагони гузашта ҳатман ба дастнавиштаҳо муроҷиат мешавад, ки "Баёз"-и Савдо аз ҷумлаи чунин нусхаҳои хаттӣ буда, дар радифи дигар маҷмуаҳои ашъор қимати бузурги илмию адабӣ дорад. Дарҷи намунаҳо аз эҷодиёти адибони классикӣ, адибони замони соҳиби баёз ва шахсан, ашъори Савдо ба аҳаммияти "Баёз"-и Савдо ҳамчун манбаи муҳимми адабӣ меафзояд [2-М; 5-М].

7. Нусхаи хаттии “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо, ба истиснои баъзе ҳолатҳои рангхурдагӣ, дар ҳолати хуб ва бидуни осеби муҳимме то ба замони мо омада расидааст. Замони китобати дастнавис нимаи дуюми асри XIX ва макони китобат шаҳри Бухоро мебошад. Нусха аз 191 варақ иборат буда, дар он асосан намунаҳои шеърӣ ва хеле кам намунаи асарҳои мансур аз эҷодиёти адибони гузаштаву муосири Савдо фароҳам омадааст. Намунаи ашъори Савдо дар ин нусха нисбат ба дигар сарчашмаҳо бештар дарҷ шудааст. Намунаи ашъори бархе дар дастнавис бидуни ягон тартибу низоми махсусе китобат шудааст. Таъйини номи шоирони дигар як таҳқиқи алоҳида мехоҳад. Дар баъзе варақҳои дастнавис расми гулу гиёҳ ва ҷадвалҳо кашида шудаанд. Дар атрофи тасвирҳо матн китобат шудааст [2-М; 5-М].

8. Мероси адабии Савдоро, ки асосан аз назм ва қисман аз наср иборат аст, аз рӯйи мазмуну мундариҷа, пеш аз ҳама, ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин аст: лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ. Ашъори ғиноии Савдо, дар навбати худ, фарогири мавзуъҳои ишқу ошиқӣ, шӯру исёнҳои қалбии инсонӣ, ҳиссиёти нозуку латифи одамӣ, бемеҳрии маҳбуба, вафодории ошиқ, лаҳзаҳои талхи зиндагӣ ва гоҳе беқадрию хору зор будани аҳли илму дониш мебошад. Дар ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ падидаҳои гуногуни замони зиндагии шоир ва баъзе намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа мазаммат шудаанд. Як бахши ашъори ҳаҷвии шоирро шеърҳое ташкил медиҳанд, ки ба равияи ашъори атъимаи Абуисҳоқи Атъима суруда шудаанд. Оҳангҳои ҳасби ҳолу ғам ва мавзуъҳои иҷтимоӣ низ дар эҷодиёти Савдо аз ҷумлаи мазмунҳои ғолиб ҳастанд [1-М].

9. Мухтассоти асосии ашъори лирикии ҳазломез ва мутоиботии Савдоро аз назари тарзи баён лаҳни зарофат, мутоиботи мунҳасир ба фард, базлагӯию ҳозирҷавобӣ ва оҳангҳои ҳазломез ташкил медиҳанд. Аз назари вежагиҳои забонӣ истифодаи калимаҳои хосси гуфтугӯӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ мухтассоти аслӣ мебошанд [4-М].

10. Аз назари тамоюли ҳунарӣ Савдо дар истифодаи воситаҳои асосии тасвири бадеӣ ва ҳунари балоғӣ шеваи хосси худро дорад. Шеваҳои ҳунарии калом дар ашъори Савдо, қабл аз ҳама, дар қолаби ғазал мушоҳида мешавад.

Савдо дар гуфтани ғазал аввал ба Бедил пайравӣ карда, сонӣ бо пайравӣ аз афкору андешаи Аҳмади Дониш бо афкори пешқадами замон майл мекунад. Дар низоми сохтори балоғӣ каломи ҳунарии Савдо аз назари муносибат ба воситаҳои тасвири бадеӣ дар қиёс ба сатҳи балоғии сабки Бедил ва пайравони ӯ ду сатҳ дорад. Дар сатҳи якум шоир дар низоми образофаринӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ сабки бедилиро муваффақона пайравӣ мекунад. Аммо дар сатҳи дуюм Савдо муқаллиди сабки Бедил нест, балки миёни образҳои офаридаи ӯ ва низоми образофаринии хосси шеъри сабки бедилӣ фарқиятҳои назаррас ҷой дорад [1-М].

11. Савдо дар гуфтани ғазал аз баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, муҷтасс, раҷаз музореъ ва авзони гуногуни онҳо истифода кардааст. Аз назари басомади авзон ин баҳрҳо ба тартиби зикршуда қарор доранд. Аксари авзони ғазалиёти шоир бо муҳтаво дар таносуб қарор доранд, ки чунин вазъ ҳодисаи нодири ҳунарӣ маҳсуб мешавад [4-М].

12. Дар низоми арузии шеърҳои Савдо ихтиёроти шоирӣ ҳам шинохта мешаванд. Савдо аз ихтиёроти шоирии роиҷ дар арузи тоҷикӣ ба се навъи он таваҷҷуҳ кардааст: таскин (овардани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ); овардани “фаъал (v -)” ба ивази “фаълу (- v)”; истифодаи рукни аслии “фоъилотун (- v - -)” ба ивази “фаъилотун (v v - -) дар рукни якум [4-М].

13. Савдо аз шумори 25 навъи қофияи пурбаҳо дар эҷоди ғазал ва дигар навъҳои шеърӣ аз 11 навъи он истифода кардааст. Аз ин 11 навъ 7 навъ аз назари мавқеи ҳарфи равӣ ба қофияи мутлақ ва 4-тои дигар ба қофияи муқайяд дохил мешаванд. Аз ҷиҳати басомад қофияи навъи мутлақ корбурди фаровон дорад [4-М].

14. Радиф дар шеърҳои Савдо ду равиши корбурд дорад: а) ба равиши суннатӣ ва б) бо истифода аз калимаҳое, ки онҳоро шоир бо тағйири сохтори маъмулии вожаҳо истифода кардааст. Аз 59 ғазали дастраси шоир 31 ғазал радиф дорад. Радиф дар дигар навъҳои шеърӣ ҳам корбурд дорад [1-М; 4-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Ҳангоми ҷамъоварии маводди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии мабоҳиси диссертатсия масъалаҳои зерин пеш омаданд, ки дар оянда бояд муҳаққиқони эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо ва мутахассисони адабпажӯҳ ба онҳо таваҷҷуҳ кунанд:

– масъалаи ҷамъоварии комили ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо ҷустори доманадорро мехоҳад. Ин масъала барои таъйини миқдори ҳақиқии ашъори шоир ва муайян кардани мухтассоти асосии коргоҳи эҷодии ӯ аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони аҳволу осори Абдулқодирхоҷаи Савдо қарор гирад;

– “Баёз”-и Савдо таҳқиқи мукаммалтарро мехоҳад. Агар шеърҳои таркиби ин маҷмуа бо девонҳои ашъори шоироне, ки шеърашон дар ин баёз гулчин шудаанд, муқоиса шавад, дар натиҷа, як кори илмии хуби ҷудогонаро дар даст хоҳем дошт;

– масъалаи ҷустуҷӯи ашъори Савдо ҳам дар “Баёз” (он ҷо, ки шеърҳо бидуни тахаллус оварда шудаанд) ва ҳам манбаъҳои дигар бояд идома дода шавад. Барои анҷоми ин кор мебояд аввал ҳамаи гӯяндагони ашъори таркиби баёз, ки номуайянанд, дақиқ карда шаванд. Баъд аз анҷоми ин кор шеърҳои боқимондаро, ки муаллифи онҳо маълум нашуд, аз тариқи таҳқиқи қиёсӣ бо сабку забон ва муҳтавои ашъори Савдо ташхис бояд кард;

– таҳқиқи интиқодии матни шеърҳои Савдо ва омода кардани матни илмию танқидии мероси адабии шоир кори ҷиддии ҳалталаб мебошад;

– муайян кардани асолати шеърҳои дар “Баёз”-и Савдо дарҷшуда, муқоисаи шеърҳои таркиби баёз бо сарчашмаҳои дигар, ғайр аз девони худи шоирон, муайян кардани шахсияти гӯяндаи шеърҳо ва таҳқиқи қиёсии ҳаҷми шеърҳо аз назари матншиносӣ низ муҳим ба назар мерасад;

– шиносоии шоирони ноошно, ки дар “Баёз”-и Савдо зикрашон рафтааст, кори таҳқиқии алоҳидаест, ки ҷустори амиқро мехоҳад.

– таҳқиқи қиёсии шеърҳои худи Савдо, ки дар тазкираву баёзҳо, дигар сарчашмаҳо ва нусхаҳои чопӣ дучор мешаванд, аз назари матншиносӣ кори таҳқиқии муҳиммест, ки бояд дар оянда анҷом дода шавад;

– шеъри Савдо оҳангҳои қавии иҷтимоӣ дорад, аз ин рӯ, ин мавзуъро ба таври густардатар мавриди баррасӣ қарор додан ба мақсад мувофиқ дониста мешавад;

– таносуби вазн ва муҳтаво дар ғазалиёти ин шоир мавзуи муҳиммест, ки бояд дар оянда таҳқиқ шавад;

– аз маводди диссертатсия, инчунин, дар тадриси фанҳои таълимии соҳаи филология, курс ва семинарҳои махсус, таҳия ва тартиби барномаҳои корию дарсӣ, навиштани корҳои илмии дараҷаҳои гуногун истифода кардан мумкин аст.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо:


1. Абдӣ, Абдуллохоҷа. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Абдуллохоҷаи Абдӣ. – Дастнависи № 10027 Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми III [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1950. – 331 с.
3. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / Садриддин Айнӣ: ба кӯшиши дуктур Алии Равоқӣ ва пешгуфтори Муҳаммадҷон Шакурӣ, Камолиддин Айнӣ ва Алиасғари Шеърдӯст. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1385. – 372 с.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм): иборат аз як китоб. Қисми III [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Милли Тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ; аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
6. Бедил, А. Осор. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди якум. Ғазалиёт [Матн] / Абдулқодири Бедил: ҳозиркунандаи чоп: Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Адиб, 1990. – 704 с.
7. Бедил, Абдулқодир. Мунтахабот [Матн] / Абдулқодири Бедил; бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. – 480 с.
8. Возеҳи Бухорой, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб [Матн] / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухорой; матни интиқодӣ. – Душанбе: Дониш, 1977. – 224 с.
9. Возеҳи Бухорой, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб [Матн] / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухорой; таҳия, тавзеҳот ва муқаддимаи узви вобастаи АМИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ Ҷӯрабек Назрӣ (Назриев). – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

10. Гулшани адаб. Намунаҳои назм. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 5. Намунаҳои назми тоҷик, асрҳои XVIII – ибтидои асри XX; тартибдиҳандагон: А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ. Додалишоев ва дигарон. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 462 с.
11. Деҳлавӣ, Бедил. Девони Бедили Деҳлавӣ. Дар ду муҷаллад [Матн] / Бедили Деҳлавӣ; ба тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд. – Теҳрон: Нигоҳ, 1403. – 1400 с.
12. Карминагӣ, Муҳаммадвафо. Таърихи раҳимхонӣ ал-машҳур ба “Туҳфаи хонӣ” [Матн] / Муҳаммадвафои Карминагӣ. – Нусхаи рақами 1213-и шуъбаи Дастнависҳои шарқии Маркази мероси хаттии назди АМИТ.
13. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ; муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп У. Тоиров ва А. Ҳафизов. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
14. Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” [Матн]; таҳияи матн ва тавзеҳоти Х. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
15. Намунаҳои адабиёти тоҷик. Тартибдиҳандагон: Х. Мирзозода, Ҷ. Суҳайлӣ, Ҷ. Икромӣ, К. Лутфуллоева, Л. Бузургзода; дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, И. Брагинский; консултант А. Лоҳутӣ. – Сталинобод, 1940. – 603 с.
16. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
17. Ромӣ, Шарафуддин. Анис-ул-ушшоқ [Матн] / Шарафиддини Ромӣ; таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор Ҷалили Орзумурод. – Душанбе: «Сино», 1997. – 40 с.
18. Савдо, А. Баёз [Матн] / А. Савдо: нусхаи рақами 279 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – 191 варақ.
19. Савдо, А. Намунаи шеърҳои Савдо / А. Савдо // Пионер. – 1957. – №1-6. – С. 6.

20. Савдо, А. Мунтахабот [Матн] / А. Савдо: ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда: Гулсум Галимова; дар зери таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 150 с.
21. Савдо, А. Хуррам шуд олам [Матн] / А. Савдо; ба чоп тайёркунандагон: Саид Ҳалимов, Қамар Ҳисомов ва Рӯзӣ Аҳмадов // Шарқи сурх. – 1964. – №3. – С. 74.
22. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Маҷмуаи тазкор ва таворих [Матн] / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. – дастнависи №1304 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.
23. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор [Матн] / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё; матни илмӣ-интиқодӣ бо замима ба эҳтимоми Саҳобиддини Сиддиқ; ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.
24. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор [Матн] / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. – дастнависи №2729 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.
25. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор [Матн] / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. – дастнависи №2193 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.
26. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Шуарои мутааххирин [Матн] / Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. – дастнависи №12193 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.
27. Сомӣ, Мирзо Абдулазим. Миръот-ул-хаёл [Матн] / Мирзо Абдулазими Сомӣ; маҳфуз дар ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. – Дастхатти № 2188.
28. Сомӣ, Мирзо Абдулазим. Тазкират-уш-шуарои муосир [Матн] / Мирзо Абдулазими Сомӣ. – Дастнависи № 1001 Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
29. Тӯсӣ, Насириддин. Меъёр-ул-ашъор [Матн] / Насириддини Тӯсӣ; таҳияи У. Тоир, М. Абдуллоев, Р. Ҷалол. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152 с.

30. Фаҳмӣ, Абдулмутталибхоҷаи Самарқандӣ. Тазкираи Фаҳмӣ [Матн] / Абдулмутталибхоҷа Фаҳмии Самарқандӣ. – Нусхаи рақами 952-и шуъбаи Дастанвисҳои шарқии Маркази мероси хаттии назди АМИ Тоҷикистон.
31. Фаҳмӣ, Абдулмуталибхоҷаи Самарқандӣ. Тазкираи Фаҳмӣ [Матн] / Абдулмуталибхоҷа Фаҳмии Самарқандӣ: таҳияи матн ва пешгуфтор аз Матлубаи Мирзоюнус. – Хуҷанд: «Хуросон», 2025. – 196 с.
32. Хоқонии Шарвонӣ. Девон [Матн] / Афзалуддин Бадил ибни Алии Наҷҷор; бо саъй ва эҳтимоми Зиёуддини Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Заввор, 1373. – 1085 с.
33. Ҳашмати Бухороӣ, Мир Сиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ. – Дастнависи № 2729 китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.
34. Ҳашмати Бухороӣ, Мир Сиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ; таҳия ва тавзеҳи Илҳом Эшонзодаи Насафӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 324 с.
35. Ҳидоят, Ризоқулӣ ибни Муҳаммадҳодӣ. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ризоқулӣ ибни Муҳаммадҳодӣ Ҳидоят; муқаддима, тасҳеҳ ва таъliқоти Абулқосими Родфар. – Теҳрон: Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1385. – 368 с.
36. Ҳозиқ, Ҷунайдуллоҳ. Юсуф ва Зулайхо [Матн] / Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ; ба чоп ҳозиркунанда: Субҳон Амирзода. – Душанбе: Адиб, 2002. – 272 с.
37. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ; бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 406 с.
38. Ҷоҷармӣ, Муҳаммад ибни Бадр. Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоқ-ул-ашъор [Матн] / Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ; бо муқаддимаи аллома Муҳаммади Қазвинӣ; ба эҳтимоми Мир Солеҳи Табибӣ. – Теҳрон, 1337. – 242 с.
39. Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ; муаллифони пешгуфтор М. Хоҷаева, И. Эшонқулов. – Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2015. – 228 с.

## II. Адабиёти илмӣ:


40. Абдулазизова, З. Навоварӣ дар ғазал ва зикри вазъи замона дар эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / З. Абдулазизова, С. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/6 (177). – С. 189-195.
41. Абдулзода, З.Н. “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. Дис... номз. илм. таърих [Матн] / З.Н. Абдулзода. – Душанбе, 2023. – 167 с.
42. Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] // Паёми навин. – Соли дувум, фарвардинмоҳи 1339. – Шумораи 7. – С. 1-7.
43. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI (Доираи адабии Ғазнин) [Матн] / А. Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 282 с.
44. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII [Матн] / А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 258 с.
45. Авомили назариявӣ ва идеологии инкишофи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳри қарни XIX (тариқати ашрофи шаҳрзоди тоҷик мавсум ба тариқати “хоҷагон” [Матн] / С. Амирзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 130-142.
46. Азизқулов, Ҷ. Дар бораи мунтахаботи Савдо [Матн] / Ҷ. Азизқулов // Газетаи муаллимон. – 12-марти 1959. – №32 (1545). – С. 4.
47. Азизқулов, Ҷ. Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / Ҷ. Азизқулов. – Сталинобод, 1960. – 11 с.
48. Аминӣ, А.Ф. Шеъри маснуъ ва оғози рушди он дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои XI-XII) [Матн] / А.Ф. Аминӣ. – Душанбе: Хирадмандон, 2022. – 288 с.
49. Амирзода, С. Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва муҳити адабии Мовароуннаҳр дар нимаи якуми асри XIX [Матн] / С. Амирзода. – Душанбе, 2023. – 265 с.
50. Амирқулов, С. Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва достони ӯ “Юсуф ва Зулайхо” [Матн] / С. Амирзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 128 с.

51. Амирқулов, С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе: Дониш, 1997. – 174 с.
52. Амирқулов, С. Масъалаи самтгирии илмӣ дар таҳқиқи эҷодиёти Аҳмади Дониш ва мактаби адабии ӯ [Матн] / С. Амирқулов // Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX). Мунтахаби мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 232 с. – С. 139-156.
53. Амирқулов, С. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX). Мунтахаби мақолаҳо [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 232 с.
54. Амирхонӣ, Ғ. Ҳунари саҳҳофӣ дар Хуросони қарни нуҳум / Теҳрон: Ҳунарҳои зебо. – 1388. – Шумораи 37. – С. 95-101.
55. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
56. Афшор, Э. Мақоми анҷома дар нусахи хаттӣ / Э. Афшор. Номаи баҳористон. – Теҳрон, 1383. – С. 39-100.
57. Афшор, Э. Масоили нақл ва тасҳеҳи матнҳои форсӣ ва мушкили ҳифзи асолати нусхаи хаттӣ / Номаи баҳористон. Соли 6. – Шумораи 11 ва 12. – С. 179-188.
58. Баровандӣ, М. А. Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX-ибтидои асри XX). Дисс... номз. илмҳои фил. [Матн] / М. А. Баровандӣ. – Душанбе, 2012. – 167 с.
59. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетики [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Художественная литература, 1975. – 470 с.
60. Бахтин, М.М. Проблема поэтики Достоевского [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Наука, 1979. – 153 с.
61. Брагинский, И. С. Очерки из истории таджикской литературы [Текст] / И. С. Брагинский. – Сталинабад, 1956. – 225 с.
62. Брагинский, И.С. Из истории персидской и таджикской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 525 с.

63. Веселовский, А.Н. Историческая поэтика [Текст] / А.Н. Веселовский. – М., 1989. – 404 с.
64. Галимова, Г. Черновая тетрадь Савдо [Матн] / Г. Галимова // Известия АН РТ. Отделения общественных наук. – № 12. – 1975. – С. 19-29.
65. Гафуров, Б.Г. История таджикского народа [Текст] / Б.Г. Гафуров. – М., 1949. – 475 с.
66. Звягинцева, В. Антологии таджикского поэзии [Текст] / В. Звягинцева. – М., 1954. – С. 486-490.
67. Зенкин, С.Н. Введение в литературоведение [Текст] / С.Н. Зенкин. – М.: РГГУ, 2000. – 81 с.
68. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари аруз [Матн] / Т. Зеҳнӣ; дар зери таҳрири М. Шукуров ва С. Саъдиев. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – 392 с.
69. Кадканӣ, М.Ш. Шоири оинаҳо (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил) [Матн] / М.Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 338 с.
70. Кадканӣ, М.Ш. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / М.Ш. Кадканӣ. – Теҳрон, 1368. – 576 с.
71. Кадканӣ, М.Ш. Мусиқии шеър [Матн] / М.Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1389. – 732 с.
72. Кадканӣ, М.Ш. Растохези калимот (Дарсгуфторҳое дар бораи назарияи адабии суратгароёни рус) [Матн] / М.Ш. Кадканӣ; муқаддима, тасҳеҳ, шарҳу тавзеҳот ва замимаи Ш. Сӯфизода. – Душанбе: Нашри Файз, 2023. – 400 с.
73. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX. Қисми якум [Матн] / У. Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 192 с.
74. Клинг, О.А. Тропы / Введение в летературоведение [Текст] / О.А. Клинг. – М.: Академия, 2000. – 435 с.
75. Коллектив. Адабиёт (китоби дарсӣ барои синфи IX мактабҳои миёна). – Сталинобод, 1951. – 417 с.
76. Коллектив. Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи IX мактабҳои миёна). – Сталинобод, 1954. – 357 с.

77. Коллектив. Хрестоматияи дабиёт (китоби дарсӣ барои синфи IX мактабҳои миёна). – Сталинобод, 1953. – 350 с.
78. Лотман, Ю.М. Анализ поэтического текста. Структура стиха [Текст] / Ю.М. Лотман. – Л..: Просвещение, 1972. – 271 с.
79. Лотман, Ю.М. Каноническое искусство как информационный парадокс [Текст] / Ю.М. Лотман // Проблема конона в древнем и средневековом искусстве Азии и Африки. – М.: Наука, 1973. – С. 67-73.
80. Мақсудов, Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе, 1994. – 163 с.
81. Мақсудов, Б. Ҳаҷм ва вазни ғазалиёти Ироқӣ [Матн] / Б. Мақсудов // Маводди ҳамоиши байналмилалии «Вазни аруз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров. – Душанбе: ҶДММ Нӯшбод, 2022. – С. 45-52.
82. Мақсудзода, Б. Масъалаҳои тавсифи нусхаҳои хаттӣ [Матн] / Б. Мақсудзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 5. – С. 220-226.
83. Маликзод, А. Донишманди мутафаккир ва ботиннигар [Матн] / А. Маликзод // Донишманди мутафаккир ва ботиннигар (Ба ифтихори 85-солагии профессор Субҳон Амирзода); мураттибон: Анзурати Маликзод, Дилафрӯз Амирзода ва Гулбаҳор Усмонова. – Душанбе, 2022. – С. 59-68.
84. Мирзоев, А. Адабиёт (ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва XIX-и тоҷик) [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1948. – 231 с.
85. Мирзоев, А. Адабиёт (ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва XIX-и тоҷик [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1948. – 245 с.
86. Мирзоев, А. Як факти муҳимми таъсири маданияти рус дар нимаи дуюми асри XIX ва шарти асосии омӯхтани мероси адабӣ-илмии Аҳмади Дониш [Текст] / А. Мирзоев // Труды Института истории, языка и литературы ТФ АН СССР: т. XXIX. – Сталинабад, 1951. – С. 67.

87. Мирзозода, Х.М. Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 120 с.
88. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 136 с.
89. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 303 с.
90. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (ба ёрии муаллимони адабиёт) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Вазорати маорифии РСС Тоҷикистон, 1962. – 136 с.
91. Мирзоюнус, М. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX [Матн] / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 418 с.
92. Мусульманкулов, Р. Персидско-таджикская классческая поэтика (X-XV вв) [Текст] / Р. Мусульманкулов. – М.: Наука, 1989. – 240 с.
93. Нарзиқул, М. Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 1998. – 112 с.
94. Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи сухан (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2006. – 224 с.
95. Нарзиқул, М. Авзони ашъори Рӯдакӣ (Тавзеҳи нукоти арузӣ, ихтиёроти шоирӣ ва авзони ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ дар асоси “Девон”-и нашри Олмотӣ [Текст] / М. Нарзиқул. – Душанбе: «Сино», 2011. – 131 с.
96. Нарзиқул, М. Ҷилваҳои ҳунарии қофия ва радиф дар шеър [Матн] / М. Нарзиқул // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2019. – №1. – С. 69-78.
97. Нарзиқул, М. Вазни шеъри тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Мега-принт, 2021. – 144 с.

98. Нарзиқул, М. Сарчашмашиносии “Тафсири ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М. Нарзиқул // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №3 (100). – С. 75-86.
99. Насафӣ, И.Э. Ҳашмати Бухорой ва тазкираҳои ӯ дар оинаи таҳқиқ [Матн] / И.Э. Насафӣ // Ҳашмати Бухорой, Мир Сиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Мир Сиддиқхон Ҳашмати Бухорой; таҳия ва тавзеҳи Илҳом Эшонзодаи Насафӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 3-31.
100. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ Ҷилди 1 [Матн] / Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. – 664 с.
101. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Ҷилди 2 [Матн] / Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. – 1172 с.
102. Неъматзода, Т. Возеҳ [Матн] / Т. Неъматзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 229 с.
103. Низомӣ, М.З. Поэтикаи ғазалиёти Аттори Нишопурӣ [Матн] / М.З. Низомӣ. – Душанбе: «Абдурраҳмон-Р», 2023. – 248 с.
104. Обидӣ, А. Ҳ. Баёзҳои гаронбаҳо ва осори ношинохтаи шуарои бузурги форсӣ [Матн] / Амир Ҳасан Обидӣ // Ҳаштумин кунгураи таҳқиқоти эронӣ (Кирмон): дафтари дуюм; ба кӯшиши Муҳаммади Равшан. – Теҳрон, 1358.
105. Пригарина, Н. И. Поэтика творчества Мухаммада Икбола [Текст] / Н. И. Пригарина. – М.: Наука, 1978. – 218 с.
106. Раҳмонов, А. Доъӣ [Матн] / А. Раҳмонов // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энциклопедияи советии тоҷик, 1988. – С. 422.
107. Раҷабов, З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] / З. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 306 с.
108. Рипка Я. История персилской и таджикской литературы. Предисловия И. С. Брагинский [Текст] / Я. Рипка. – М.: Прогресс, 1970. – 440 с.
109. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян. Рипка. – Москва: Прогресс, 1970. – 439 с.

110. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX) [Матн] / Н. Сайфиев. – Душанбе, 2009. – 188 с.
111. Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 268 с.
112. Сиддиқӣ, Саҳобиддин. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ [Матн] / Саҳобиддини Сиддиқӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 200 с. + 15 с.
113. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Сталинобод, 1956. – 223 с.
114. Сирус, Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 47 с.
115. Солеҳов, М. Вазн – унсури зотии шеър [Матн] / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 139-146.
116. Стеблева, И. В. Семантика газелей Бабура [Текст] / И. В. Стеблева. – М: Наука, 1982. – 328 с.
117. Тимофеев, Л. Н. Основы теории литературы / Л. Н. Тимофеев. – М. Просвещение, 1976. – 446 с.
118. Тоиров, У. Адабиёти тоҷик барои синфи 10 / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Маориф, 2025. – 335 с.
119. Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти арузи Аҷам [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 123 с.
120. Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти қофия [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Маориф, 1997. – 152 с.
121. Тоиров, У. Ҳамбастагии илмҳои қофия ва бадеъ [Матн] / У. Тоиров // Садои Шарқ. – 2024. – №2. – С. 132-146.
122. Томашевкий, Б.В. Теория литературы. Поэтика [Текст] / Б.В. Томашевкий. – М.: Аспект пресс, 2001. – 334 с.
123. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш [Текст] / С. Улуғзода. – Сталинобод, 1946.
124. Хадизаде, Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века [Текст] / Р. Хадизаде. – Сталинабад: Издательство АН Таджикской ССР, 1956. – 140 с.

125. Хадизаде, Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века [Текст] / Р. Хадизаде // Труды АН Тадж. ССР: т. LIV. – Сталинабад, 1956. – С. 6-11.
126. Хализев, В.Е. Теория литературы [Текст] / В.Е. Хализев. – М.: Высшая школа, 2000. – 398 с.
127. Хонларӣ, П.Н. Таҳқиқи интиқодӣ дар арузи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал [Матн] / П.Н. Хонларӣ. – Теҳрон, 1327. – 214 с.
128. Хӯҷақулов, С. Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / С. Хӯҷақулов. – Самарқанд: СамДУ, 2021. – 216 с.
129. Ҳабибов, А. Мулоҳизаҳо оид ба нашри мунтахаби ашъори Абдулқодирхоҷа Савдо [Матн] / А. Ҳабибов // Шарқи сурх. – 1960. – №1. – С. 151-155.
130. Ҳайдаров, Ф. Осори шоир – бозгӯи рӯзгори шоир [Матн] / Ф. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 227-235.
131. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX [Матн] / Расул Ҳодизода. – Душанбе, 1968. – 294 с.
132. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX): китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
133. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн] / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
134. Шамисо, С. Ошноӣ бо аруз ва қофия [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон, 1378. – 126 с.
135. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
136. Шарифов, Х. Муаммои ғазал [Матн] / Х. Шарифов // Шоир ва шеър. – Душанбе: Адиб, 1998. – С. 127-136.

137. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
138. Шарифов, Х. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. – 384 с.
139. Шовалиева, М. С. История кулинарной культуры таджикского народа [Текст] / М. С. Шовалиева // Дисс. ... на... кандидата исторических наук. – Душанбе, 2019. – 179 с.

**III. Фарҳангу луғатнома ва доиратулмаорифҳо:**

140. Ғиёсиддин, М. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1 [Матн] / М. Ғиёсиддин; таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
141. Ғиёсиддин, М. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2 [Матн] / М. Ғиёсиддин; таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
142. Литературный энциклопедический словарь [Текст]; под общей редакцией В.М. Кожевникова и П.А. Николаева. – М.: Советская энциклопедия, 1987. – 751 с.
143. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
144. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – М.: Советская энциклапедия, 1969. – 953 с.
145. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 960 с.
146. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 949 с.
147. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 944 с.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Садриддин Айнӣ дар бораи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва эҷодиёти ӯ [Матн] / М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 306-312.

[2-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Тавсифи кодикологии “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №3. – С. 240-246.

[3-М]. Нарзиқул, М., Бозорова (Салимзода), М.А. Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / М. Нарзиқул, М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №4. – С. 164-174.

### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М]. Бозорова (Салимзода), М. Авзони ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / М. Бозорова (Салимзода) // Маводди ҳамоиши байналмилалии «Вазни аруз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров (Душанбе, 2022). – Душанбе: ҶДММ «Нӯшбод», 2022. – С. 217-223.

[5-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии “Баёз”-и Савдо [Матн] / М.А. Бозорова (Салимзода) // Масъалаҳои муҳимми ҳифзу таҳқиқи мероси хаттии Тоҷикистон. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ бахшида ба 80-солагии Сайиднуриддин Шаҳобуддинов (Душанбе, 2025). – Душанбе, 2025. – С. 205-220.